**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ**
**АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**УДК: 371. 01.+212. +517. +377. 5. (575.3)**
**ББК: 74.20. (575.3)**
**Ш.- 54**

**САОДАТИ РАҲМОНАЛӢ**

# ТАРБИЯИ ҲИССИ ВАТАНДӮСТӢ ВА ИФТИХОРИ МИЛЛӢ ДАР ХОНАНДАГОНИ МУАСССАҲОИ ТАСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

**(Дар мисоли ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб)**

**Диссертатсия**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**
**аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили**
**фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ**
**(13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)**

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Иброҳимов Грез

**ДУШАНБЕ - 2023**

## МУНДАРИЧА

МУҚАДДИМА…………………………………………………..…………3-16
**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ ВА ИФТИХОРИ МИЛЛӢ ....................................................................17-82**
1.1.Мушкилоти тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва роҳҳои бартарафсозии он тавассути ғояҳои ватандӯстонаи ашъори адибон…...................... 17-36
1.2.Ҳамкории муассисаи таълимӣ, оила ва ҷомеа – омили асосии тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ...................................................................................................37-62
1.3.Ғояҳои ватандӯстию ифтихори миллӣ дар ашъори адибон ……………..……………….....…………………………63-79
Хулосаи боби якум ……………………......................................................80-82
**БОБИ 2. ТАҲҚИҚОТИ ТАҶРИБАВӢ-ОЗМОИШӢ ОИД БА ТАРБИЯИ ҲИССИ ВАТАНДӮСТӢ ВА ИФТИХОРИ МИЛЛӢ ДАР ХОНАНДАГОН БО ИСТИФОДА АЗ АШЪОРИ АДИБОН……………………………….............................83-150**
2.1.Амсилаи тарбия ва рушди ватандӯстӣ ва моҳияти тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ…......................................................83-104
2.2.Таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии сатҳи тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон ...............……...............................105-127
2.3.Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тавассути ғояҳои ватандӯстонаи ашъори адибон ва ҷамъбасти натиҷаҳои он …………..128-150
Хулосаҳои боби дуюм..................................................................151-153
**ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО**………..………………………………..154-159
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**……………………………..……………....160-181

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ислоҳоти соҳаи маориф ва сифатан беҳтару ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ будани онро аз вазифаҳои аввалиндарачаи давлату ҳукумат донистa, дар яке аз Паёмҳои хеш ба Маҷлиси Олии кишвар иброз намудаанд: «Низоми маориф ҳамчун соҳаи тақдирсози ҳаёти ҷомеа дар чаҳорчӯбаи сиёсати ҷамъиятии давлат яке аз самтҳои муҳимтарини рушд эълон гардидааст. Аз рӯзҳои аввали истиқлолият мо доимо барои ташаккул ва бозсозии он диққат медиҳем...» [177, с. 26].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» тарбяи ватандӯстӣ чунин муайян карда шудааст: - ташаккул додани айнияти шаҳрвандӣ, сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳувияти миллӣ, тафаккур ва ҳисси ватандӯстӣ дар ниҳоди шаҳрвандон; - тарбия намудани шаҳрвандон дар руҳияи муносибати ватандӯстона ба ҷомеа ва давлат дар заминаи фаъолияти баланди ҷамъиятӣ, масъулияти шаҳрвандӣ, омодагӣ ва қобилияти хизмат ба Ватан, таҳкиму таъмини манфиатҳои ҳаётан муҳим ва рушди устувори давлат; - ҳамчун арзишҳои муҳими иҷтимоӣ ва маънавию ахлоқӣ тақвият додани заминаҳои ҳисси шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ дар ҷомеа, ташаккул ва рушди сифатҳои неки шаҳрвандӣ-иҷтимоии насли наврас ва қобилияти аз ҷониби онҳо зоҳир намудани ин сифатҳо дар раванди бунёдкориҳо ба нафъи ҷомеа ва давлат, аз ҷумла дар намудҳои фаъолияте, ки ба таъмини амнияти онҳо алоқаманданд [127, с.2].

Дар раванди ҷаҳонишавӣ замони муосир доираи муносибатҳои байналмилалӣ ва майдони равобити сиёсӣ, адабию маданӣ васеъ гардида, зарурати ташаккули ҷаҳони фарохи илмӣ, дониши ба талаботи даврони муосир ҷавобгӯ ва аҳлоқи ҳамидаю иродаи мустаҳкамро тақозо дорад. Тарғиби ватанпарварию ватандӯстӣ, ҳимояи марзу буми аҷдодӣ, ахлоқи ҳамида, донишандӯзӣ ифтихори миллӣ ва худшиносию худогоҳии миллӣ (ҳарчанд ки вожаҳои худшиносию худогоҳии миллӣ дар осори

адибону шоирони классики тоҷик ва ҳатто дар эҷоди адибони даврони шӯравӣ бо ин ном маъруфият надоштанд), дар тарбияи ватандӯстӣ ва худогоҳию хештаншиносии наслҳои наврасу ҷавонон нақши хоса доштанд. Дар ин росто мероси илмию адабии шоирону нависандагон ва мутафаккирони барҷастаи тоҷику форс ва муосир нақши беқиёс ва аҳамияти ниҳоят муҳим дорад. ҶТ-и тозаистиқлол тавассути осори гаронбаҳои намояндагони адабиёти классику муосир, чун Рӯдакию Фирдавсӣ, ибни Сино, Кайковус, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Хусрави Деҳлавию Бедил, Восифӣ, Дониш, Айнию Турсунзода, Бобоҷон Ғафуров ва амсоли инҳо машҳури олам гаштааст. Бо дарназардошти аҳамият ва ҷойгоҳи махсусан муҳим доштани тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар рушди дониш, маҳорат, малака ва ташаккули ҷаҳони маънавии хонандагон ва ба камол расидани одами ҳаматарафа инкишофёфта, ки тараққиёт ва шукуфоии ҷомеаи тозаистиқлоламон ба онҳо вобастагии калон дорад, диққати махсус ва андешидани тадбирҳои судмандро нигарон аст.

Тарбияи ватандӯстӣ, хештаншиносию худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ ҷузъи асосии кори таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маҳсуб меёбад ва яке аз самтҳои муҳимми «Қонун дар бораи маориф» ҷалб намудани насли наврасу ҷавонон ба арзишҳои маънавию ахлоқӣ, татбиқи амалии тарбияи миллӣ тавассути кулли фанҳои таълимӣ, хосатан, фанҳои силсилаи гуманитарӣ, табиатшиносию риёзӣ дониста шудааст.

Бо назардошти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶТ) «Қонун дар бораи маориф» мазмун ва мундариҷаи таълим бояд ба тарбияи тарғиби ватанпарварию ватандӯстӣ, ҳимояи марзу буми аҷдодӣ, ахлоқи ҳамида, донишандӯзӣ, ифтихори миллӣ ва худшиносию худогоҳии миллӣ ва фароҳам овардани шароитҳои мусоиди таълимию тарбиявӣ бо мақсади корбандӣ намудани он равона карда шавад. Дар тарҳрезию корбандӣ намудани ин вазифаҳо фанни адабиёти тоҷик ҳамчун як қисмати таркибии соҳаи таълим бояд мувофиқат намояд. Дар алоқамандӣ ба ин,

самаранок ба роҳ мондан ва баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дар дараҷаи муносиб ва мувофиқ ба талаботи замони муосир ниҳоят зарур аст, аз ин боис ки он ба хонандагон имконият фароҳам меорад, ки марбут ба хислатҳои ҳамида (ватандӯстию ватанпарварӣ, расидан ба қадри Ватан ва марзу буми он, ифтихори миллӣ, эҳтироми миллату халқиятҳои дигари маскуни кишвар ва амсоли инҳо) донишу фаҳмиши ҷадид гиранд, то тавассути боло рафтани ҷаҳони маънавӣ, ахлоқӣ ва зебопарастию мавқеи худмуайянкунӣ барин хислатҳои накӯ ба талаботи давр ҷавобгӯ бошанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Масъалаҳои ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва худшиносию худогоҳӣ, садоқат ба Ватан ва дӯст доштани он дар корҳои илмӣ ва асарҳои файласуфону иҷтимоиётшиносон (сотсиологҳо) ва равоншиносону муҳаққиқони соҳаи педагогика Сорока-Росинский В.Н. [208], Ю.К.Бабанский [22], [23], [24], Станчинский Г.А. [211], Макаренко А.С. [142], [131], Николаев В.А. [156], Васильева З.П. [60], Самтонов С.Н. [190], Мешков А.Е. [149], Бунаков Н.Ф. [45], Николаев В.А. [156], М.Н.Скаткин [204], Сухомлинский В.А. [218], [219], Мудрик А.В. [152] ва дигарон аз нуқтаи назари илмӣ таҳлилу коркард гардидаанд. Ба масъалаи ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар китобҳои дарсӣ барои коллеҷу донишгоҳҳои педагогӣ ва дастуру тавсияҳои методии муҳаққиқони тоҷик А.Нуров [159], М. Лутфуллоев [133-140], Ф.Шарифзода [240-243], Орифӣ М. [162], Раҳимов Х. [176], Муллоев А. [154], Шарифзода Ф., Каримова Н. [243], Юнусов Ю. [256], Искандаров Х. [95], Раҳимзода Х. [178], Ҷӯраев Б., А. Сафаралӣ [239] ва дигарон рӯ оварда, паҳлуҳои гуногуни ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро дар таҳқиқотҳояшон инъикос намудаанд.

Ҷанбаҳои алоҳидаи тарбияи хонандгони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ-педагогӣ оид ба инъикоси масъалаҳои ташаккули ғояҳои тарбияи ватандустӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб, дар мақолаҳои публитсистӣ, илмию методии

шоирону олимон ва адабиётшиносони кишвар С.Табаров, Х.Шарифов, М.Шакурӣ [220], У.Назир [155], Н.Баротов [29], А.Кучаров, А.Маҳмадаминов [147], Р.Раҷабӣ, С.Саидҷаъфаров [188], С.Чалишев [237], Ф. Шафиев [246], М.Аҷамӣ, А.Абдураҳимов [20] дар китоби А.Қаландаров [99], Алиасғари Шеърдӯст [248] ва чанде дигарон, ки дар рӯзнома ва маҷаллаҳои даврии гуногун ба табъ расида буданд, дарҷ гардидаанд.

Таҳлили нақшаву барномаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) ва олии касбӣ-педагогӣ оид ба масъалаҳои инъикоси ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибон нишон дод, ки истифодаи мавзуи мазкур дар кори таълимиву тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ-педагогӣ сатҳӣ ба роҳ монда шуда, тарбияи наврасону ҷавонон дар ин ҷода чандон қаноаткунанда нест. Дар фаъолияти педагогӣ омӯзгорон ба ин масъала чандон диққати назаррас равона намекунанд. Дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани наслҳои наврасу ҷавони МТМУ дар мисоли ғояҳои ашъори адибони мувофиқ ба талаботи давр чандон ҷавобгӯ нест. Омӯзгорон дар ташкилу ба роҳ мондани тарбияи хонандагони МТМУ дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ба душворӣ рӯбарӯ мегарданд. Гузашта аз ин, муаллимони ҷавон аз ҷиҳати истифодаи тарзу усулҳои омӯзиш ва нисбат ба бачаҳо додани донишҳои бастаи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар МТМУ ба баъзе мушкилиҳо бармехуранд. Таҳқиқ, санҷиш, омӯзиш ва таҳлили малакаҳои кори азбаркунии дониши хонандагони МТМУ барои беҳтар намудани мундариҷа, шакл ва тарзҳои омодасозии хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ беҳбудӣ ва таҷрибаи ғании педагогӣ ва дониши баланду ҳаматарафа инкишофёфта ва дар шароитҳои мувофиқ вобаста ба талаботи нақша ва барномаҳои таълимӣ роҳандозӣ намудани тарбияи мақсаднокро нигарон аст.

Мушоҳида ва санҷишҳо собит намуд, ки дар МТМУ дар амалия инъикоси ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибон чандон диққати ҷиддӣ равона карда нашудааст ва ба дараҷаи талаботи давр корбандӣ нагардидааст, ҳамчунин, бештари муаллимон ба ин масъала то андозае назари умумӣ доранд.

Ҷалби оқилонаи насли наврас ба раванди омӯзиш ва фарогирии хислатҳои ҳамида дар самтҳои асосии ташаккули маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020 таъкид гардидааст.

Омода намудани хонандагон дар асоси хислатҳои нек марбут ба муассисаҳои кунунии таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Аслан, хонандагон дар ҳамин давраи таҳсил ба илму дониш, хосатан, ба рафтору одоб ва хислатҳои ҳамидаи инсонӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Таълиму тарбияи самаранок фаъолияту муносибати хонандагон, шавқу рағбати онҳоро ба осори пандуҳикматии мутафаккирони классику муосир, аз ҷумла, ба эҷодиёти адибону шоирон зиёд мегардонад ва ҳисси ватандӯстию ифтихори миллӣ ва меҳру муҳаббати онҳоро ба ватани аҷдодӣ, эҳтиром ва ҳимояи марзу буми он афзуда, нафрати хонандагонро ба ҳар гуна равияҳои тундгаро, хиёнат ба миллату ватан, ифроту ифротгароӣ, одамрабоӣ, терроризму экстремизм ва ғайра бедор менамояд.

Аз ин лиҳоз, барои рӯи кор овардани заминаи илмӣ ва методологии асосҳои тарбия намудани хонандагон ва дар оянда ба воя расонидани ворисони сазовор ба фаъолияти касбӣ, таҷрибаи баланди педагогӣ ва дониши васеи ҳаматарафа зарурат дорад.

Ба таври пурра ва ҷиддӣ омӯхта нашудани масъалаҳои ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибони ҳавзаи Кӯлобро ба назар гирифта, омӯзиши мавзуи мазкурро мақсади асосии худ донистем.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти мазкур бо Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-

2022, инчунин бо нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ барои солҳои 2018-2022 дар мавзуи “Роҳу востаҳои ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва ҳувияти миллии ҷавонон дар раванди таълиму тарбия” бевосита иртибот дошта, бо мақсади мусоидат дар амалисозии муқаррароти онҳо интихоб ва коркард шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Муайян кардани ғояҳои ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб ва истифодаи он дар тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Бо дарназардошти ноилшавӣ ба мақсади таҳқиқот дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ вазифаҳои зерин гузошта шуданд:

1. Омӯзиш ва таҳлили асосҳои педагогии тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ҳамчун як ҷузъи ҷараёни омӯзиш;
2. Муайянсозии сатҳи тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон.
3. Ошкор намудани воситаҳои самараноки тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ.
4. Таҳқиқи вазъи адабӣ, фарҳангӣ ва рушди афкор оид ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар даврони муосир, аз он ҷумла сарчашма ва манбаъҳои асосии пайдоиш ва инкишофи ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибон.
5. Таҳқиқ ва ошкорсозии ғояҳои ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибон ва коркарди амсилаи педагогии истифодаи онҳо дар тарбияи хонандагон.
6. Тавассути таҳқиқоти озмоишӣ озмудани самаранокии амсилаи пешниҳодшуда дар тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон.

**Объекти таҳқиқот:** Ашъори адибон ва раванди тарбияи хонандагони МТМУ дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тавассути ғояҳои ватандӯстонаи ашъори адибон.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот**: Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони МТМУ бо истифода аз ғояҳои ашъори адибон.

**Фарзияи таҳқиқот:** Тарбияи хонандагони МТМУ дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ба мақсад мувофиқу самарабахштар мегардад, агар:

1) мунтазамии таълими мавзуъҳо оид ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибон аз тарафи омӯзгорон бо мақсади муайян ва бомаврид роҳандозӣ ва таъмин гардад;

2) ташаккул ва рушди салоҳиятҳо ва ҷаҳони маърифатӣ дар робита ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар асоси ашъори адибон дар ин самт, ҳамчунин, хусусияти фардии ҳар як хонанда ба инобат гирифта шавад;

3) таҳлил, хулосабарорӣ ва ҷамъбасти мавзуъҳои таълимии вобаста ба ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ нисбати ҳаёт, бахусус, ба ҳаёти ҳаррӯзаи бачаҳо дар заминаи ашъори адибон қиёс карда шавад;

4) мазмун ва мундариҷаи мавзуъҳои таълимӣ ба ташаккул ва рушди ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон дар асоси ашъори адибон нигаронида шуда, ба ин масъала бештар диққати ҷиддӣ равона гардад;

5) ғояҳои ватандӯстона ва ифтихори миллии ашъори адибон ошкор ва дар ҷараёни таълиму тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ, ки ҷузъи асосии ташаккули ҷаҳони маънавӣ ва бедории афкори хонандагон маҳсуб меёбад, мавриди истифода қарор дода шавад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқот се марҳиларо дар бар гирифт:

**Марҳилаи якум – соли таҳсили 2015-2016**. Ин давра омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ-методӣ, психологӣ-педагогиро, ки тибқи мавзуи таҳқиқот корбандӣ гардида буд, фарогир буд

Вазъи мавҷуда вазифаҳои омодасозии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро тавассути хештаншиносӣ таҳлил карда, ба воситаи пурсишномаҳо, нишондиҳандаҳои самараноки тарбия тибқи хештаншиносӣ муайян карда шуданд.

**Марҳилаи дувум - соли таҳсили 2017-2018.** Дар ин давра нишондиҳандаҳо ва паҳлуҳои омодасозии хонандагони МТМУ ба воситаи ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб муайян ва аниқ карда шуданд.

**Марҳилаи сеюм - солҳои таҳсили 2019-2022**. Дар марҳилаи мазкур маълумоти таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ (эмпирикӣ)-и маводи таҳқиқот ҷамъбаст ва натиҷаҳои ҳосилгардида, мушаххасу муайян кардани роҳҳои самараноки омодасозии хонандагони МТМУ таҳлили худро ёфтанд. Натиҷаҳо ҷамъоварӣ ва маводҳо дар шакли рисола таҳия ва тавсиф шудаанд. Дар интиҳо замимаи маълумоти илмии гирифташуда пешниҳод карда шуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** мақола, асар, таҳқиқот ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии ба таълиму тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ бахшидашудаи олимон-педагогҳо ва муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, маърифати педагогии ниёгон, маъхазҳои илмӣ-методӣ, адабиёти гуногуни бадеӣ, фалсафӣ, психологию педагогӣ ва сотсиологӣ М. Лутфуллозода, Ф. Шарифзода, А. Нуров, М. Орифӣ, А. Паҳлавонов, Х.Раҳимов, Б. Нозимов, А. Қаландаров, А.С. Макаренко, В.А. Сухомлинский, Смал В.З., Т.В. Беспалова, Блонский П.П., Л.И.Божович, В.И. Бойко, асару мақолаҳои олимону адибон ва адабиётшиносони машҳури тоҷик С. Айнӣ, А. Афсаҳзод, А. Мирзоев, С. Табаров, В.Асрорӣ, А. Сайфуллоев, А. Кучаров, Х.Асоев ва дигарон, афкори педагогӣ ва назару андешаҳои олимону педагогҳои ватанӣ оид ба рушди таълиму тарбия М. Лутфуллозода, И.О.Обидов, М.Орифов,

Х.С.Афзалов, Қ. Қодиров, С.Р. Раҷабов, А. Паҳлавонов, А. Нуров, Ф.Шарифзода, М.Б.Каримзода ва амсол ба инҳо, асарҳои фалсафӣ ва таърихии олимони тоҷик А.М. Баҳоваддинов, Б.Ғ. Ғафуров, Н.Неъматов, Н.Амиршоҳӣ, А.Мирбобоев, Ҳ. Пирумшоев, ақидаҳои педагогии осори адибон ҳамчун воситаи таълиму тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ, ҳамчунин, дастуру роҳнамоиҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дар рӯҳияи хештаншиносию худогоҳии миллӣ, ватандӯстию донистани таърихи гузаштаву муосири аҷдодон тарбия намудани насли наврас, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва консепсияву барномаҳои давлатии рушди маориф ташкил доданд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** ғояву афкори аз ҷиҳати илмӣ побарҷо, муқаррароти пешқадами назарияи дониш, шахсият, фаъолият, ки аз ҷониби педагогҳо, файласуфони маъруф, фарҳангшиносони назарияи мафҳуми ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ, таълимоти ҳамкории мутақобилаи илмӣ, методӣ ва умумибашарӣ (М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, М. Нуров, И.О.Обидов, Қ.Қодиров, А.С.Макаренко, К.Д.Ушинский, Ю.Бабанский, В.А.Сухомлинский, Г.И.Шукина, Т.К.Крикунова ва амсоли инҳо), нишондодҳои фалсафӣ дар бораи бо ҳам алоқаманд будани ҳодисаҳои ҷамъиятӣ ва аз хусуси боз ҳам таъсиррасонанда будани назария ва амалия, таълимоти ҳамкории мутақобилаи илмӣ, методӣ ва умумибашарӣ, ба эътибор гирифтани муносибатҳои фалсафӣ, педагогию психологӣ ҳангоми дарки вазифаҳои муҳими дархури ҷомеаи кунунӣ, инчунин, ба ҳисоб гирифтани таҷрибаи таърихи инсоният ташкил медиҳанд.

**Сарчашмаҳои маълумот:** Ҳуҷҷатҳои расмӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маориф (қонунҳо, консепсияҳо, барномаҳо, лоиҳаҳо ва амсоли инҳо), асарҳои олимону муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ, аз он ҷумла файласуфҳо, таърихшиносон, ҷомеашиносон, равоншиносон, қомусҳо (энсиклопедия)-ҳои адабӣ ва фарҳангшиносии марбут ба масъалаҳои таҳқиқот, барномаҳо, нақшаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ, инчунин, осори бадеии адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб, нақди адабӣ дар бораи

онҳо, таҷрибаи пешқадами омӯзгорон ва мушоҳидаю суҳбатҳо ба ҳисоб мераванд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро муносибати амалии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо объекти таҳқиқшаванда: омӯзиши адабиёти илмӣ-методии марбут ба мавзуъ, омӯзиши адабиёти умумӣ-дидактикӣ ва назариявӣ оид ба педагогика, психология ва методикаи таълим; омӯхтан ва истифодаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ; омӯзиш ва таҳлили ғояҳои ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар эҷодиёти адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб, ба мушоҳида гирифтани раванди тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагон; ҳамчунин, тавассути истифода аз методҳои эмперикӣ - таҳлили ҳуҷҷатҳои дастурӣ, фаъолияти хонандагон, омӯзиши кори педагогии муаллимон, баргузории таҳқиқоти озмоишӣ, истифодаи маҷмуи усулҳои гуногун, ташкил ва гузаронидани озмоишҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда; таҳлилу ҷамъбасти далелу маълумоти дар ҷараёни озмоиш бадастомада ва таҳлилу арзёбии муқоисавии натиҷаҳои онҳо, мушоҳидаи педагогӣ, мусоҳибаҳо, усулҳои хударзёбӣ ва арзёбиҳои ташхисӣ, дар асоси маълумоти бадастомада ташаккул додани далелҳои илмие, ки дар натиҷаи истифодаи нишондиҳандаҳои сифатӣ, усулҳои микдорӣ ва дар шакли маълумоти оморӣ ва коркарди оқилонаи онҳо ба вуҷуд омадаанд, ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот**. Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ солҳои 2015-2021 дар МТМУ-и №3, 6, 8, 53-и ш.Кӯлоб, №4, 22, 23, 49-и ноҳияи Шамсиддин Шоҳин, №8, 21, 22, 60-и ноҳияи Фархор, №4,10, 21, 28-и ноҳияи Восеъ, №2, 12, 30, 50-и ноҳияи Муъминобод гузаронида шуданд. Дар таҳқиқоти озмоишӣ 95 нафар хонандагони МТМУ-и ш.Кӯлоб, 88 нафар хонандагони МТМУ-и ноҳияи Муъминобод, 84 нафар хонандагони МТМУ-и ноҳияи Фархор, 82 нафар хонандагони МТМУ-и ноҳияи Шамсиддин Шоҳин ва 81 нафар хонандагони МТМУ-и ноҳияи Восеъ,

ҷамъ 345 нафар хонандагон ва 140 нафар омӯзгорон фаро гирифта шуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

– муқаррароти илмӣ асоснок шуда, ҳолат, имконият, муҳити таълиму тарбия ва шароитҳои педагогии тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тавассути истифода аз ғояҳои ватандӯстона ва ифтихори миллии осори адибон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода шуда, ошкор карда шуданд;

– моҳияти тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар мактаббачагон дар асоси осори назмии адибон арзёбӣ гардид;

– механизми ташаккули тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон дар ҷараёни корҳои таълимию тарбиявии муассисаҳои таълимӣ дар заминаи назарияи диспозитсионии шахсият аз мавқеи адибон муайян карда шуд;

– самаранокии амсила ва технологияи ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии ҷавонон дар раванди таълиму тарбия дар асоси ашъори адибон собит карда шуд;

– ҷиҳати тарбияи хонандагони МТМУ бо истифода аз ашъори адибон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ низоми ташхиси психологӣ ва педагогӣ таҳия карда шуд;

– амсилаи сохторӣ-вазифавии раванди таълими муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон бо дарназардошти ашъори адибон коркард ва мавриди озмоиш қарор дода шуда, самаранокии он собит карда шуд;

– технологияи ташаккули ҳисси ифтихори ватандорӣ ва худогоҳии миллии хонандагон бо такя ба осори назмии адибон дар раванди корҳои таълимиву тарбиявӣ дар асоси ғояҳои ватандӯстона ва ифтихори миллӣ таҳия карда шуд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– тарбияи хонандагони МТМУ дар руҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ҳамчун ҷузъи ниҳоят муҳими худшиносию худогоҳии миллӣ;

– роҳҳои самаранок, усул, шакл ва воситаҳои ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони МТМУ бо истифода аз ғояҳои ватандӯстонаи ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб;

– омодагии омӯзорон нисбати тарбияи ифтихори миллӣ ва ватандӯстӣ аз рӯйи коркардҳоитаълимӣ-методӣ.

– ҳамкории муштараки мактаб ва оила, ки барои ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат мекунад;

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки оид ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз ғояҳои ватандӯстонаи ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб аввалин таҳқиқоти алоҳида маҳсуб меёбад.

Муаллиф дар таърихи педагогикаи тоҷик бори аввал ақидаҳои ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори шоирони ҳавзаи адабии Кӯлоб бахшидашударо таҳлил намуда, ба паҳлуҳои тарбиявии онҳо ҷиддан диққат дода, мақолаю дастурҳои назариявию методӣ ба табъ расонида, барои дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ икдом кардааст.

Ҳамчунин, тавассути таҳлили назариявӣ ва амалии проблемаи ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ меъёрҳои асосӣ ва нишондиҳандаҳои ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагон равшан ва аниқ карда шудаст. Дар асоси омӯзишу таҳқиқи мавзуъ ва натоиҷи корҳои озмоишӣ пешниҳод карда шудааст, ки ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ бидуни азхуд кардани фарҳанги миллӣ аз имкон берун аст, бинобар ин унсурҳои он бояд ба мундариҷаи фаъолияти таълимӣ ва корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабии мактаббачагон ворид карда шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқотро барои таҳияи ҷанбаҳои педагогии ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавон васеъ истифода бурд.

Маводи таҳқиқот метавонад ба мутахассисони соҳаи педагогика, равоншиносон, омӯзгорони МТМУ, устодони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии равияи омӯзгорӣ ва такмили ихтисос, инчунин, ба донишҷӯён - омӯзгорони ояндаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба сифати маводи ёрирасон оид ба ташкили раванди тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони МТМУ кумак кунад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дурустӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо асоснокӣ ва саҳеҳии усули методологӣ ва назариявӣ, истифодаи маҷмуи усулҳои ба ҳам вобастаи таҳқиқоти илмӣ, ки ба мавзуъ ва вазифаҳои таҳқиқот комилан мутобиқанд, мувофиқати муқаррароту хулосаҳои назариявӣ, кофӣ будани сарчашмаҳои истифодашуда, асоснокии истифодаи усулҳои озмоишӣ ва маълумоти дар натиҷаи таҳқиқоти озмоишӣ бадастомада таъмин мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 -Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ), аз ҷумла, ба банди 1 - Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва банди 4 - Сифати ташкили чорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала; дар омӯзиши дурусти таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили микдорӣ ва сифатии маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада; дар

истифодаи маҷмуи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ, тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот, дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва дар коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ зуҳур меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ солҳои 2017-2021 дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, семинарҳои илмӣ-методӣ ва мизҳои мудаввари дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи . Рӯдакӣ ва филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар минтақаи Кӯлоб баргузор гардида ироа, тасвиб ва баррасӣ гардиданд. Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар МТМУ-и ш.Кӯлоб, ноҳияҳои Шамсиддин Шоҳин, Фархор, Восеъ, Муъминобод дар муддати 5 сол (солҳои 2017-2021) сурат гирифта, самаранокии худро собит сохтаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчунин, дар шакли мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд.

**Интишорот аз рӯи мавзуи рисола:** хулосаи асосии диссертатсия дар 1 монография, 7 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои шомили феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА назди Президенти ҶТ ба нашр расида, 2 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд. Диссертатсия дар кафедраи педагогикаи ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба анҷом расид аз 30.03.2022 муҳокима ва баҳимоя пешниҳод карда шудааст (суратҷаласаи № 9).

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия:** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, хулосаи бобҳо, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт таркиб ёфта, ҳаҷми он 181 саҳифаи чопи компютериро ташкил мекунад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ ҒОЯҲОИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ ВА ИФТИХОРИ МИЛЛӢ

## 1.1. Ғояҳои ватандӯстию ифтихори миллӣ дар эҷодиёти адибон

Шаъну шарафи миллӣ зуҳуроти эҳтироми бепоёни фард ба ҳуввияти миллии худ, хусусиятҳои этнопсихологии миллати худ, огоҳӣ аз саҳми миллат дар фарҳанги ҷаҳонӣ, садоқат ба миллат ва амалӣ намудани фаъолияти амалӣ ба нафъи мардуми он мебошад.

Таърихи халки тоҷик пур аз воқеаҳои бузург, баъзан фоҷиавӣ аст. Дар он одамони одӣ ҷои якумро ишғол мекунанд. Бузургии руҳ, матонату хислат ва эътиқод ба он ки дифоъ аз Ватан вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд аст, маҳз ҳамин аст, ки одамонро муттаҳид месозад. Хотираи онҳое, ки барои ҳаёти азизонашон фидокоранд, бояд дар қалби одамон абадӣ боқӣ монад.

Рушди ҳар як миллат аз муносибати хонандагон ва наврасон ба ғоя ва арзишҳои миллӣ, аз он вобаста аст, ки он ба шуури наврасон чӣ гуна таъсир мерасонад ва то куҷо, яъне, то чӣ андоза ғояи миллӣ барои муайян кардани ҳадафу манфиатҳои ҳар як инсон пурмаъно хоҳад буд ва хидмат мекунад ва дар натиҷа тамоми миллат, ки барои оянда пешбинӣ шудааст, хонандагон ва наврасон онро хеле зуд дарк мекунанд, инчунин муносибати мусбати худро нисбат ба он зоҳир менамоянд. Биноан, ҷомеаи ҷавонон тавассути ғояи миллӣ чӣ андешаҳоро пешниҳод хоҳад кард, мутаносибан наврасон аз нигоҳи ғоявӣ, ватандӯстию ифтихори миллӣ донишҳои муосирро азхуд кардаанд.

Наврасон аз сабаби дар марҳилаи ибтидоии ташаккулёбӣ буданашон, дорои сифатҳои физиологию равонӣ ба навоварӣ ва зарурати ба эътиқод табдил додани онҳо майли зиёд доранд. Аҳамият ва арзишмандии ғояи миллӣ дар сафарбар ва руҳбаланд намудани хонандагон ва наврасон ба сӯйиояндаи бузург, ҷой ва нақши ғоя (идея) дар тарбия ва таълим аз он муайян хоҳад шуд, ки он то чӣ андоза ба ҳақиқати ҳаёт, воқеият, зиндагии мардум мувофиқат мекунад.

Ҳодисаву муколамаҳое, ки мушкилоти хонандагон ва наврасонро ба ташвиш овардааст, ба саволҳои онҳо посухи зарурӣ намедиҳад, ба руҳи онҳо таъсир намерасонад, зараровар аст, наврасон бовариро гум мекунанд, ноумед шуданашон имконпазир аст.

Хонандагон ва наврасон ба ҳақиқат майли калон доранд, онҳо одамони самимият надоштаро, ки суханашон ба кирдорашон мувофиқ нестанд, хор мекунанд. Дар ташаккули ҳисси ифтихори миллӣ, шаъну виҷдон, мероси фарҳангӣ, арзишҳои миллии халқ, ҳаёти адибон ва мутафаккирони бузург ва дастовардҳои имрӯза нақши муҳим доранд. Ҷиҳати дар шуури хонандагон ва наврасон ҷорӣ намудани ғояҳои адолати иҷтимой осори манзуми адибон ҳамчун манбаи адабӣ-фарҳангӣ ва таърихӣ хизмат карда метавонад.

Вазифаҳо вобаста ба самти дурусти шуурнокӣ ва мафкураи хонандагону наврасон ба арзишҳои миллӣ мебошанд. Онҳо пеш аз ҳама бо табдил додани ғояҳои миллӣ, арзишҳои миллӣ ба эътиқод ва эътимоди хонандагон ва наврасон алоқаманд аст. Барои халли ин масъала, пеш аз ҳама, дар баробари кору фаъолияти адибон ва осори гаронмояи онҳо, ҳамчунин фаъолияти созмонҳои ҷамъиятиро беҳтар намуда, аз зарфияту тавонмандӣ ва имконоти онҳо пурра истифода бурдан лозим аст.

Ҳамин тариқ, мураккабии раванди бедор намудани ҳисси ифтихори милли ва ватандӯстии хонандагону наврасон дар ҷомеа бештар ба номувофиқатии тарзу усулхои тарбия вобаста аст. Донистани зиддиятҳо ва роҳҳои имконпазири ҳалли онҳо ба омӯзгорон дар тарбияи насли наврас кумак мекунад. Хонандагону наврасон дар бораи таърихи кишвари худ, дар бораи адибони машҳур, аз ҷумла, адибони машҳури ҳавзаи Кӯлоб, корнамоиҳои бузурги мардум, дар бораи заҳматҳои беандозае, ки аҷдодони мо сарҳади давлатро ҳифз намуда, заминҳои навкорамро ба худ ҳосимлхез намуданд, ҳар қадар амиқтар донанд, ҳамон қадар ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар руҳу шуури онҳо мустаҳкамтару тавонотар мегардад.

Мардуми хирадманду тамаддунофар ҳанӯз дар он дуриҳои дур масъалаи худшиносию худогоҳӣ ва ифтихори миллиро тавассути нақлу ривоятҳо, панду андарзҳо, чистонҳо, зарбулмасалу афсонаҳо ва амсоли инҳо роҳандозӣ менамуданд. Ҳарчанд ки дар он давраҳо вожаҳои «ифтихори миллӣ» ва «худогоҳии миллӣ» бо ин номҳо маъмул набуд, дӯст доштани марзу бум, обу хоки ватан ва назари некбинона ба оянда, тавассути ақлу хирад ва донишу ахлоқи ҳамида зистан рукни тарбияи миллӣ маҳсуб мееёбанд, ки ин ҳама гуфтаҳо дар осори шифоҳию хаттии хирадмандон, мутафаккирон, олимон, адибону шуарои барҷастаамон тарҳрезӣ ва корбаст гардидаанд.

Тоҷикон аз қадимтарин халқҳои ҷаҳон буда, таърихи ғанӣ ва маданияти бою рангин доранд. Таърих гувоҳ ва ҳаёт собит менамояд, ки мардуми тоҷику форс ҳанӯз дар садаҳои ду ва яки то милод соҳиби афкори баланд ва ниҳодҳои омӯзишӣ буданд.

Масъалаи Ватан, ватандӯстию ватанпарварӣ дар ҳама давру замонҳо, хосатан, дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи махсусро касб намуда, чи аз тарафи Ҳукумати мамлакат ва чи аз тарафи адибону шоирон дар маркази диққат буда, ба масъалаи рӯзмарра табдил ёфтааст. Тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ яке аз масъалаҳои хеле васею доманадор аст, ки дар тамоми давраҳои мавҷудияти ҳаёти инсонӣ барои ҳар як инсони солимақл, хусусан, ҷавонон новобаста аз сохти давлатдорӣ қувваи пешбарандаи ҷомеа мебошанд, дар дӯст доштани марзу бум, созандагию шукуфоӣ, рушди илму фанҳои гуногун, пойдории сулҳу озодӣ нақши бузурге гузоштааст.

Дар илми адаб, фалсафаи мардумӣ ва педагогикаи халқӣ мафҳуми одоб (адаб) маъноҳои зиёдро фарогир аст. Зери ин мафҳум хислатҳои ҳамидаи инсонӣ: ватандӯстию ватанпарварӣ, некию накукорӣ, ҷавонмардию далерӣ, хоксорию фурӯтанӣ, саховатмандӣ, худшиносӣ, худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ, инсондӯстию инсонпарварӣ, халқдӯстию халқпарварӣ, дӯстию рафоқат, эҳтиром, волоияти ақлу хирад, меҳнатдӯстию меҳнатқаринӣ ва амсол ба инҳо маҳфуз аст.

Биноан, чи адибони қарнҳои гузашта ва чи адибони муосир тавассути осору эҷодиёти баландарзиши хеш ба ин қазия диққати ҷиддӣ дода, дар тарбияи хислатҳои ҳамида, аз ҷумла, дар рӯҳияи хештаншиносиву худогоҳӣ тарбия дида ба воя расидани наслҳои оянда нақши арзанда гузоштаанд.

Анъанаи дар рӯҳияи хислатҳои ҳамида тарбия намудани наслҳои наврасу ҷавонро адибону шоирони муосир, хосатан, шоирони ҳавзаи адабии Кӯлоб С. Вализода, С. Одиназода, Ғ.Сафарзода, Ҳ. Ғоиб, С. Ҳакимзода, Х. Вализода, С. Аюбӣ, М.Ғоиб, С.Раҳмон, Н.Аюбӣ, С.Аюбзода (Маҳзун), Ш.Ёдгорӣ, Л.Хомӯш, Р.Роғӣ, М.Раҳимзода, И.Хатлонӣ, Хайриддин Қурбонов (Хайрандеш), С.Амирхон, А.Муродӣ, О.Раҳмон, С.Султон, Зиккамоҳи Деҳотӣ, М. Зокирова, Ҳ. Раҳмонзода ва чанде дигарон идома додаанд.

Шеъру шоирӣ дар Кӯлоб таърихи хеле қадима дорад ва аввалин шеърҳои ба минтақаи Кӯлоб марбутбударо адабиётшиносон ба асрҳои 1Х-Х мансуб медонанд. Дуруст аст, ки дар асрҳои пешин ҳам доираи адабии Кӯлоб фаъолият намудааст, махсусан, тавассути дар ин шаҳр зиндагӣ ихтиёр кардани донишманд, файласуф ва адиби шинохта, шахсияти машҳури олами ислом Мир Сайиди Алии Ҳамадонӣ (1314-1384) дар асри Х1У равнақ ёфтааст.

Аз рӯи маълумоти муҳаққиқ А.Абдураҳимов «Дар ин давра (асрҳои ХУ111 то ибтидои асри ХХ) ҳаёти адабӣ дар Кӯлоб ва навоҳии атрофи он –Теҳрай (Шӯрообод), Балҷувон, Ховалинг, Муъминобод, Сарихосор, Кангурт дар ҷӯшу хурӯш ба назар мерасад» [1, с.58].

Марбут ба бархе аз шоирони соҳибдевони ҳавзаи адабии Роғ– Мухлис, Мисраъ ва Мирзо Қадам, ки номбурдагон дар Роғ ва Теҳрай ҳаёт ба сар бурдаанд, адабиётшинос, профессор Искандар Икромов рӯшанӣ андохтааст.

Оид ба ҳаёт ва фаъолияти шоирони доираи адабии Кӯлоб адабиётшиносон ва муҳаққиқон С.Чалишев [237], Икромов И. [91], Абдураҳимов А. [1], Маҳмадаминов А. [147], Б.Нозимов [158], Шарифов

Х.[245], Ф.Шафиев [247], Ш. Саидҷаъфаров [188] ибрози назар кардаанд. Вале баста ба мавзуи тарбияи ватандӯстӣ ва, хосатан, ифтихори миллӣ дар ашъори шоирони ҳавзаи адабии Кӯлоб ягон таҳқиқоти алоҳидае анҷом напазируфтааст.

Баъди Инқилоби Октябр доираи адабии Кӯлоб рӯ ба пешравию тараққӣ ниҳод. Дар солҳои авали баъдиинқилобӣ доираи адабии Кӯлобро як гурӯҳ шоирон, чун Саидалӣ Вализода, Бобоюнус Худойдодзода, Сомеъ Одиназода, Мирзолатиф Раҳимзода ифтитоҳ бахшидаанд, ки то ҳанӯз пайравону шогирдонашон анъанаи онҳоро идома дода истодаанд.

Аз аввалҳои солҳои 60-ум сар карда, доираи адабии Кулоб ба ду маҳфил ҷудо мешавад: «Равшандилон» ва «Адибони ҷавон».

Ҳардуи ин маҳфилҳо дар навбати худ барои рушду такомули шеъру шоирӣ дар ҳавзаи адабии Кӯлоб хизмати назаррас кардаанд ва адибону шоирони зиёдеро ба монанди Ғ.Сафарзода, Ҳ.Ғоиб, С.Ҳакимзода, С.Аюбӣ, М.Ғоиб, С.Раҳмон, Н.Аюбӣ, С.Аюбзода, Ш.Ёдгорӣ, Х.Вализода, Л.Хомӯш, Р.Роғӣ М.Раҳимзода, И.Хатлонӣ, О.Раҳмонов, С.Султон, Зиккамоҳи Деҳотӣ, М.Зокирова, Ҳ.Раҳмонзода, С.Раҳим ва амсол ба инҳо ба шоҳроҳи илму адаб раҳнамун кардаанд. Хосатан, дар ин ҷода нақши маҳфили адабии «Адибони ҷавон», ки солҳои 60-ум сарварии онро адабиётшинос ва шоири ҷавон Иброҳим Шукрӣ ба уҳда дошт, хеле назаррас аст.

Аз ибтидои солҳои 70-ум то охирҳои солҳои 80-уми асри XX роҳбарии маҳфили «Адибони ҷавон»-ро устоди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб Аламхон Кӯчаров ба уҳда дошт ва дар солҳои роҳбарии ӯ адибону шоирони навқалам: Сафармуҳаммад Аюбӣ, Сафар Амирхон, Завқӣ Содиқов, Офоқ, Озар, Нурмуҳаммад Сироҷӣ, Акбари Маҷид, Гулрухсор Нозимова, Амиршоҳи Мираҳмад ва дигарон аз ин маҳфили адабӣ баҳравар гардидаанд, ки баъдтар аксари онҳо дар қатори шоирони шинохтаи ҷумҳурӣ шомил шудаанд,

Дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон низ доираи адабии Кӯлоб фаъолияти хешро давом дода истодааст. Шоири умедбахш Хайриддин Қурбонов соли 1987 маҳфили «Хайрандеш»-ро таъсис медиҳад. Баъдтар, соли 1998 сарварии маҳфилро шоири ҷавон Одина Раҳмон бар дӯш дошт. Шоирону нависандагон Сулаймони Султон, Анора, Гулрухсор Нозимова, Орзуи Ҳамид, Шоҳини Заргар, Соҳибназари Худоёр, Илҳоми Ширин, Гулбаҳори Ализода, Озари Шабшикан, Зокири Мирзо, Нуралӣ Ёқуб ва чанде дигарон аъзои ин маҳфил маҳсуб меёфтанд.

«Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар заминаи маҳфили «Адибони ҷавон» бо сарварии доктори илмҳои филологӣ, профессор Саид Раҳим маҳфили «Парвози Шоҳин» таъсис дода шуд. Баъдан, роҳбарии маҳфилро узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, устоди ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шоҳвалӣ Саидҷаъфаров ва баъд аз ӯ (аниқтараш баъди фавташон) шоир ва адабиётшинос Абдулҳай Қаландаров сарварӣ мекард» [1, с.56].

Соли 1989 дар Кӯлоб шуъбаи кӯлобии Иттифоқи Нависандагони Тоҷикистон ташкил ёфт… Аввалҳои солҳои 90-ум сарварии шуъбаро шоир Шоҳмузаффар Ёдгорӣ ва аз соли 1996 шоир Саидҷон Ҳакимзода ба уҳда доштанд. Аз соли 2003 то кунун кори шуъба ба уҳдаи Шоири халқии Тоҷикистон Ҳақназар Ғоиб гузошта шудааст.

Эҷодиёти пурғановати шоирони ҳавзаи адабии Кӯлоб дар такомули арзишҳои ахлоқию маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дар ростои азбаркунии одобу ахлоқи неки инсонӣ, аз ҷумла, хештаншиносиву худогоҳии миллӣ нақши арзанда мегузорад. Дар рӯҳияи ватандӯстию ватанпарварӣ, меҳру муҳаббати беандоза доштан нисбат ба Ватан - Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол, хештаншиносиву худогоҳии миллӣ тарбия намудани насли наврасу ҷавон нақш ва ҳиссаи шоирони шинохтаи ҳавзаи адабии Кӯлоб С.Ализода, А.Сафар, Ҳ.Ғоиб, С.Ҳакимзода, Ш. Ёдгорӣ, Х.Ализода, С.Аюбӣ, С.Аюбзода (Маҳзун) ва амсоли инҳо хеле калон аст. Муҳити

эҷодии кунунии шоирони ҳавзаи адабии Кӯлоб, ки сарварии онро Шоири халқии Тоҷикистон Ҳақназар Ғоиб ба уҳда дорад, хушбахтию некуаҳволии миллати тоҷик ва тоҷикистониён, сулҳу оромӣ ва якпорчагии Тоҷикистони озод, ояндаи неки кишвари рӯ ба тараққӣ оварда, ғояҳои инсонпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро васфу тараннум намуда, дар тарбия ва ташаккули хислатҳои ҳамидаи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нақши босазо дорад.

Шоир, мутриб, сароянда, оҳангсоз, Ҳунарпешаи хизматнишондодаи ҶШС Тоҷикистон (1945), Ҳофизи халқии ҶШС Тоҷикистон (1960), дорандаи ду ордени «Нишони Фахрӣ» ва медалҳо, гурӯғлисарои машҳури тоҷик ва ҳаҷвнигори мумтоз Саидалӣ Ализода шоирест, ки ашъори ӯ саросар аз рӯҳияи ватанпарастиву ватандӯстӣ ва тараннуми ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ва инсондӯстию инсонпарварӣ, ҳаҷву зарофатҳои нишонраси сирати тарбиявидошта иборат буда, дар тарбияи наслҳои наврас ва умуман, мардуми фарҳангдӯсти кишварамон саҳми босазое гузоштааст.

Устод дар радифи шоирони маъруфи ҷумҳурӣ қарор гирифта, шеърҳои равону дилошӯби ӯ, ки бо сабки халқӣ ва рӯҳияи мардумӣ иншо шуда буданд, дар даврони аввали Тоҷикистони шӯравӣ зуд ба дилҳо ҷо шуда, аз даҳон ба даҳон мегузаштанд ва мардум бо шавқу завқи махсус ашъори шоирро мутолиа мекарданду месуруданд. Хосатан, шеъри «Ленин бародар раҳнамо»-и шоир дар байни хонандагон шуҳрати зиёд касб карда буд ва онро аз хурд то калон ҳама азёд медонистанду месуруданд:

Бар ҳукумати мо офарин,
Дар шашяки рӯи замин,
Кард мулки моро нозанин,
Ленин-бародар раҳнамо.
Ленин ба мо дилдор шуд,
Бар камбағалҳо ёр шуд,

Душман ҳама ҷо хор шуд,
Ленин-бародар раҳнамо…

Вазифаи адабиёт дар даврони Шуравӣ, бахусус, дар анҷумани чаҳоруми Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (с.1959) тариқи зайл муайян гардида буд: «Адабиёт бояд пеш аз ҳама рӯҳи замонаро ифода кунад, эҷодкории беназири халқро таҷассум намояд ва сифати асарҳо ба дараҷаи талаботи даврони накӯи мо баланд бошад…» [11, с.158-160]

С.Вализода чун дигар шоирону нависандагони замонаш аз сиёсати пешгирифтаи даврони ҳамонвақта худро канор гирифта наметавонист. Вале ин маънои онро надорад, ки гӯё эҷодиёти шоир дар доираи маҳдуд қарор гирифта бошад. Баръакс, эҷодиёти шоир гуногунҷанба буда, мавзуъҳои гуногунро фарогир буд.

Шоири ҳаҷвнигор ва ҳақиқатгӯ ҳамеша ба муқобили ҳама гуна урфу одатҳои зарарнок - мероси замонҳои гузашта бо яроқи ҳаҷв мубориза бурда, порахӯрӣ, коргурезӣ, бадмастӣ, бемасъулиятӣ, танбалӣ, фиребгарӣ барин рафторҳои ношоистаро зери тозиёнаи ҳаҷву танқид мегирифт.

Солҳои 20 ва 30-юми қарни гузашта тараннум ва васфи сохти сотсиалистӣ, мубориза ба муқобили душманони Тоҷикистони шуравӣ - босмачиён ва боқимондаҳои замони кӯҳна, васфи сулҳу дӯстӣ, зиндагии хушу гуворо, тараннуми илму маърифат, сохти колхозӣ, бартариҳои ҳаёти сотсиалистӣ аз дигар сохторҳои давлатдорӣ ва амсоли инҳо мундариҷаи ашъор ва асарҳои шоирро фарогир буданд.

Ашъори шоир дар тарбияи ватандӯстию ватанпарварӣ, худшиносию худогоҳӣ ва тафохури миллӣ нақши муҳим касб кардаанд.

Хосатан, мавзуи Ватан ва ватандӯстӣ яке аз мавзуъҳои марказии эҷодиёти шоир буда, аз муҳаббати беандоза ва дилбастагии бепоёни ӯ ба ҳар як ваҷаб марзу буми сарзаминамон гувоҳӣ медиҳад. Шоир тавассути ашъори ба Ватан бахшидаи худ хонандаро ба дӯст доштани Тоҷикистон, ҳамраъю ҳамфикр ва ба ҳамдигарфаҳмӣ раҳнамун месозад:

Тоҷикистон, дӯстон, ояндадор аст,
Фаслҳои соли он мисли баҳор аст.
Мо агар якҷояву ҳамфикр бошем,
Сулҳу амният ҳамеша пойдор аст [54, с.6].

Ҳамчунин, шоир наслҳои наврасу ҷавонро ба ҳушёрию зиракӣ даъват намуда, ҳушдор месозад, ки ба ҳарфу суханони ғаразноки душман ҳеҷ гоҳ гӯш додану бовар кардан нашояд, зеро душман душман асту бадхоҳ:

Ҳарфи душманро насозед гӯш, ёрон,
Чунки ӯ дар қасди ҷони мост, мор аст,
Тоҷикистон дар ҳақиқат чун биҳишт аст,
Ҳар ваҷаб хокаш, яқин дон, зарнисор аст [54, с.6].

Васфи Ватан дар ашъори шоир, ки хонандаи худро ба дӯст доштан Ватан, меҳру муҳаббат ва ифтихор доштан аз чунин мамлакати озоду обод талқин менамояд, кам нестанд:

Ҳар гаҳе гирам қалам бо номи ту,
Меҳрат андар синаам афзун шавад.
Чун баҳорон тозарӯӣ, эй Ватан,
Дил зи ҳусни дилбарат мафтун шавад [54, с.7] .

Шоир тавассути ашъори ватандӯстонаи худ насли наврасу ҷавонро ба донистани қадри Ватан ва муқаддас шуморидани хоки поки он даъват намуда, кӯшиш намудааст, ки дар замири онҳо ҳиссиёт ва дарки ватандориро мустаҳкаму побарҷо намояд:

Ҳарки бо номат намеорад сипос,
То абад дар даҳр ӯ малъун шавад,
Ман ба хоки поки ту орам суҷуд,
Бо Ватан ҳарки бувад, мамнун бувад [54, с.7].

Саидалӣ Ализода ҳамчун як фарди ватандӯсту ватанпарвар, аз ибтидои солҳои 40-ум сар карда, ҳамчун вассофи ғояҳои сулҳу амният симои империалистони хориҷӣ-оташдиҳандагони ҷанги нави ҷаҳониро фош ва маҳкум намуда, дар шеъру достонҳои манзумаш ғояҳои сулҳу

озодиро ташвиқу тарғиб намуда, ҳар як сокини мамлакатро ба дифои Ватан ва сулҳу амният талқин менамояд:

Бар ту, эй ҷону ҷигарбандам писар,
Ин саломи пурмуҳаббат аз падар.
Дар сафи армия ту, эй некномписар,
Бош доим қобилу боинтизом.
Бош бо ёрони худ ҳамкори сулҳ,
Посбони сулҳ бошу ёри сулҳ [54, с.8]

Шоирон ва нависандагони тоҷик ба воситаи тавсифи Ватан, гоҳо ба воситаи ба сухан овардани образи Ватан ва баъзан ба воситаи даъватҳои ҷанговарона идеяи ватандӯстиро ифода менамуданд. Эҷодиёти Саидалӣ Вализода низ дар ин солҳо ҳамин хусусиятро мегирад.

Шоир дар ашъори ба Ватан бахшидаи хеш, ки саршор аз меҳру муҳаббат ба Ватан асту дифои онро қарзи фарзандӣ медонад, насли наврасу ҷавононро ба дӯст доштани ватани азиз ва ҳимояи сарзамин ва марзу буми он он ҳидоят менамояд:

Эй Ватан, аз тахти дил бар ту итоат мекунем,
Ҳам туро то ҷон дорем, нағз ҳурмат мекунем.
Лозим ояд, ҷони худро медиҳем дар ҳифзи ту,
Модари моён, ки ҳастӣ, бар ту хизмат мекунем [54, с.28].

Эҷодиёти шоир, хосатан, ашъори ватандӯстонаи ӯ меҳру садоқат ба Ватан, ба мардуми сулҳдӯсту меҳнатқарин ва васфу тараннуми дӯстии халқҳоро дар бар гирифта, дар тарбияи ватандӯстию ифтихори миллии наслҳои наврасу ҷавонон нақши назаррас дошта, дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагон, ки яке аз рукнҳои асосии тарбияи миллӣ мебошад, нақши бориз гузошта метавонад. Месазад, лоақал чор мисраи охир аз ашъори шоирро, ки дар фавқ оварда шуд, ба матни китобҳои «Алифбо», «Забони модарӣ», «Хониш» ворид сохт, шиори баргузории ин ё он чорабинии тарбиявӣ интихоб кард ва дар даромадгоҳу роҳравҳои муассисаҳои таълимӣ

навиштаву насб кард ва ба ҳамин васила ба ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллии шогирдон мусоидат кард.

Шоири халқии Тоҷикистон, Лауреати мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва барандаи Ҷоизаи адабии ба номи устод Мирзо Турсунзода Ҳақназар Ғоиб шоирест боистеъдод, нозукбаён, тасвирнигори нотакрор, тозанигоҳ ва ватандӯсту ватанпарвар. Осори адабии доманфароху ҷаззоби шоир на танҳо аҳли Тоҷикистонро ба шӯр овардааст, балки диққати суханварону шеършиносони бурунмарзиро низ тасхир намудааст.

Марбут ба мазмун ва мундариҷаи осори шоир муҳаққиқон, шоирону адабиётшиносон ва суханшиносони маъруфи ватанию хориҷӣ, ба монанди Абдураҳмон Абдуманонов, Абдунабӣ Сатторзода, Аламхон Кучаров, Қурбон Восеъ, Салими Хатлонӣ, Атахон Сайфуллоев, Муъмин Қаноат, Гулназар Келдӣ, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Аскар Ҳаким, Саидалӣ Маъмур, Муҳтарам Ҳотам, Шаҳрия, файласуф Аҳмад Саид, Шоҳвалӣ Саидҷаъфаров, Фарҳод Шафиев, Гулбону Одинаева, адибон-рӯзноманигорон А.Раҳим, Авлиёпур, Маҷид Салим, Муҳаммадризо Тоҷиддинӣ, Масъуди Ирфониён ва дигарон ибрози назар кардаанд. Чунончи, Шоири халқии Тоҷикистон Муъмин Қаноат дар хусуси истеъдоди баланди шоирии Ҳақназар Ғоиб чунин иброз намудааст: «Шеър имону виҷдон аст. Ба ин маънӣ ман шеърҳои Ҳақназарро мехонам. Ин кас шоиранд, ки ҳам шеъри таронавӣ, ҳам ғазалу рубоӣ ва ҳам достон гуфта метавонад… Яъне, ки килку қаламу дафтари тасвирашон бисёр фарох аст - аз рубоӣ то достон ва ҳар якеро хуб, самимӣ ва зебо менависанд» [142, с.3].

Ҳақназар Ғоиб шоирест, ки офаридаҳои ӯ дорои мазмуни баланду тоза, ба дарки хонанда наздику нишонрас, дорои рангу тобиши хосса ва фарогири рӯйдод ва ҳодисаву воқеаҳои ҷадиди давр буда, дар дили ҳар як хонанда, хосатан, дар замири хонандагони муассисаҳои таълимӣ шӯру туғён ва ҳисси ватандӯстию ватанпарварӣ ва ифтихори миллиро эҳёю мустаҳкам мегардонад.

Профессор Атахон Сайфуллоев гуфторе дорад андар ситоиши мазмуну мундариҷа ва муҳтавои асосии осори Ҳақназар Ғоиб:

«Шеъру достонҳои Хақназар Ғоиб аз ҷиҳати ғоянокӣ, фарогирии ҳодисаҳои муҳими вақту замон ва бадеияту мазмуннокӣ дар зинаи болоравии эҷодиёти ӯ қарор гирифта, симои хоси шоиронаи Ҳақназарро дар қатори устодони кунунии сухан Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Лоиқ, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Гулназар Келдӣ, Бозор Собир пеши рӯ меорад» [189, с.24-27].

«Дар ҳақиқат, он чи барои устод Ҳақназар муҳим аст, сирату моҳият ва маънои амиқу муассир аст. Шеърест, ки реша дар худшиносии миллӣ ва миҳанӣ ва ватанпарастӣ ва посдошти истиқлол ва арзишҳои мулку Миҳан бошад ва аз ин рӯст, ки ӯ таваҷҷуҳе ба сурати шеър намекунад… ва ӯ ба «жарфсохт»-и шеър меандешад ва на ба «рӯсохти он»…» - ибрози назар кардааст шоир, нависанда ва пажӯҳишгари эронӣ Муҳаммадризо Тоҷидинӣ [189, с.70].

Шоир Ҳақназар Ғоиб дар сурудани шеърҳои ватандӯстона низ шухрати баландро касб намуда, васфи Ватан, ватандӯстию ватанпарварӣ яке аз мавзуъҳои марказии эҷодиёти шоир маҳсуб меёбад.

Шоир нисбат ба ватан меҳру муҳаббат ва самимияти хоса дошта, Ватани маҳбубашро дар қиёс бо модар баробар медонад ва ин ду вожаро муқаддасоти беҳтарини ҳаёт медонад. Ҳақназар Ғоиб дар шеърҳои ба Ватан бахшидаи хеш ҳастиашро аз обу гили ватан дониста, онро такягоҳи халқу миллат медонад, шодию сурури мардумро бо ватан тавъам мебинад, ҳатто ҷони худро баҳри дифои Ватан тайёр аст, ки қурбон кунад:

Ватан, тоҷи бахти сари миллатам,
Сарири дилу минбари миллатам.
Сириштам зи обу гили поки ту,
Ватан – Модарам, Модари миллатам [80, с.250].

Устод Ҳақназар Ғоиб Ватанро ҳақиқатан ҳам дӯст медорад, аз ҳад зиёд ва ин ватандӯстдории шоири тавоно дарси ибрат ва беҳтарин

сабақест барои дар рӯҳияи худогоҳию худшиносӣ ва ташаккули ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Намунаҳои поёнии ба ватан бахшида аз ашъори шоир шаҳодати гуфтаҳои болоиянд:

Ватан модар ба ту,
Модар ба вай,
Модар ба ман бошад,
Барои одамӣ якто Худо,
Якто замин,
Якто Ватан бошад [80,  с.22].

Ё:

Дорем яке Худою як дини мубин,
Дорем яке самою як хона – замин.
Дорем як ҷомаю як ҷома – Ватан,
Дар зери ситорарези як чархи барин [80, с. 23].

Эҷодиёти шоир серпаҳлу ва гуногунҷанба ва моломоли ватандӯстӣ аст. Ашъори баландмазмуни шоир яке аз сарчашмаҳои асосӣ ва аввалиндараҷаи ватанпарварӣ, хештаншиносию худогоҳӣ, ваҳдат ва ифтихори миллӣ мебошад, ки бешак, дар тарбияи ахлоқи ҳамида ва ташаккули ҷаҳони маънавии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нақши бориз дорад.

Нури чашму нигаҳи мо Ватан аст,
Самти ҷовиди раҳи мо Ватан аст.
Ватан оғози ҳаёти ману ту,
Низ анҷомгаҳи мо Ватан аст.
Ватан мо ҳама якҷону танем,
Ватанам-ман,
Ватанӣ-ту!
Ҳамаи мо Ватанем... [80, с.55].

Адиб ва суханшинос Усмон Назири Оташ менигорад: «…Ашъораш (манзур ашъори Ҳақназар - С.Р.) серқира, доманфарох,

ҷаззоб, оҳанрабомисол, ғалаёновар, ростин, бо пероҳани латифи баҳорӣ ороста, сабки хоси ҷонпарвар ва дӯстдор дорад… Шеър бояд суруди миллии ҳамагон бояд бошад, шеър бояд парчам дошта бошад. Шеъри Ҳақназар суруди дилҳост, парчами шеъраш дар парафшонист» [155, с. 8].

Шеъру достонҳои шоир, ки лаболаб аз меҳру муҳаббат, ҳисси ватандӯстию ватанхоҳӣ ва ифтихор аз даврони гузаштаву муосир аст, баҳри худшиносию худогоҳии миллӣ ва арҷ гузоштан ба миллати тоҷик нигаронида шудаанд, дар бедории миллӣ ва хосатан, дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намудани ҷавонон, бахусус, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷойгоҳи баланд дорад.

Ба ақидаи мо, осори Ҳақназар Ғоиб барои худогоҳию хештаншиносӣ ва тарбияи ватандӯстию ифтихори миллии наврасону ҷавонони муассисаҳои таълимӣ сарчашмаест бебаҳо.

Ҳақназар Ғоиб ҳамчун шоири баркамолу рӯзгордида, тавонистааст, ки тавассути ашъори волои хеш ба дили хонандаи худ роҳ ёбад. Дар замири онҳо меҳру муҳаббат, садоқати бепоён ба Ватан ва муҳаббати самимӣ ба обу хоки кишвар, худро шинохтан, бо аслу нажоду миллати худ ифтихор кардану сарфароз буданро побарҷо намуда, дар рӯҳияи худшиносию худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани наслҳои наврасу ҷавонон, алалхусус, хонандагони муассисаҳои таълимӣ нақши муассир гузорад:

Барои он ҳама хурду бузурге, ки ватандор аст,
Барои он ҳама хурду бузурге, ки ватандорӣ Ватан,
модар туӣ,
Балки туӣ болотар аз модар.
Барояш аввалину охирин бахшоиши
Халлоқи Ҷаббор аст,
Барои он ки ӯро беватан будан,
Азоби ҷонканӣ дар ҳалқаи дор аст.
Ватан, эй модари модар,

Ватан, эй модари аз модари маҳбуб болотар [123, 128].

Дар ҳақиқат, осори адабии Ҳ.Ғоиб, ки ба ватану ватандорӣ бахшида шудаанд, барои дар рӯҳияи худшиносию худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ, ифтихормандӣ аз миллату давлатдорӣ, аз муҳаббат ба модар, халқу кишвар саршор буда, хонандаро дар рӯҳияи ахлоқу одоби ҳамида тарбия менамояд.

Ашӯр Сафар - Шоири Халқии Тоҷикистон, Лауреати мукофоти Давлатии ба номи Рӯдакӣ, яке аз адибони доираи адабии Кӯлоб маҳсуб меёбад. Ҳаёт ва фаъолияти адабии Ашӯр Сафар дар шаҳри бостонии Кӯлоб пушти сар шудааст ва то рӯзҳои вопасини ҳаёташ бо доираи адабии шаҳри мазкур алоқаи мустаҳками адабӣ дошт. Ҳарчанд барои адои вазифаҳои гуногун шоирро борҳо ба пойтахти Тоҷикистон - шаҳри Душанбе даъват карда бошанд ҳам, лекин ӯ дар Кӯлоб монданро авлотар донистааст ва чанд байте аз як ғазали шоир тасдиққунандаи фикри фавқист:

Борҳо гуфтанд ҷойи туст охир пойтахт,
Пойтахти ман ба ҷуз як кулбаи Хатлон наяст.
Решаи ман дар ҳамин ҷо реша кард, омад ба бор,
Олам арзон аст, лекин хонадон арзон наяст [197, с.194].

Шоир дар нахустин шеъри худ садоқат ва меҳри бепоён доштанашро нисбат ба Ватан самимона ва бо меҳру муҳаббати бепоён иброз намудааст:

Хоки ватанам сурмаи чашмони ман аст,
Рӯи ватанам оинаи рахшони ман аст.
Нури ватанам офтоби тобони ман аст,
Меҳри ватанам дар дили ҷӯшони ман аст [200], [37, с.20].

Худшиносию худогоҳии миллӣ, ватандӯстию ватанпарварӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори Ашӯр Сафар мавзуи асосӣ маҳсуб меёбанд.

«Мафҳуми Ватан дар ифодаи шоир аз як пора хоки диёр оғоз гардида, тадриҷан тамоми паҳноии ватанро фаро мегирад. Садоқати бепоён ба Ватану ватандӯстӣ ва муҳаббати самимӣ ба обу хоки кишвар,

худро шинохтан, озодиро қадр кардан аз сифатҳои наҷиби қаҳрамони лирикист ва ин сифатҳо, махсусан, дар ашъори ба ин мавзуъ бахшидаи шоир ҷолибу пуртаъсир инъикос ёфтаанд» [247, с.62].

Чуночи, шоири шинохта Ашур Сафар дар васфи Ватан-Тоҷикистони соҳибистиқлол овардааст:

Ман дар паноҳат гашта тавоною ҷаҳонгард,
Ту дар паноҳам гаштаӣ беғуссаву бедард.
Ҳаргиз нагузорам, ки ба рӯи ту фитад гард,
Имрӯзи хушу қисмати фардои ман астӣ [54, с.4].

Аз мазмун ва мундариҷаи ашъори шоир ватандӯстию ватанпарварӣ, меҳру садоқат ва самимияти беандозаи ӯро нисбат ба Ватани азиз доштааш бараъло мушоҳида мегардад. Шоир бар ақидаест, ки кас тавассути ақлу донишу хирад амал намуда, Ватанро дар ҷои аввал дониста, онро ба ягон гавҳари рӯи дунё иваз нанамояд ва Ватанро аз ҳама дороиҳои дунё болотару беҳтар донад, чуноне ки шоир қадр менамояд:

Як санги Ватан ба кӯзаи зар надиҳам,
Гарди раҳи ӯ ба фунту доллар надиҳам.
Як қатраи оби ӯ ба Кавсар надиҳам
Зеро ки Ватан азиз аз ҷони ман аст [247, с.62].

Шоир дар мисраъҳои фавқ муҳаббату садоқат доштан ба Ватанро бо маҳорати баланд ва хеле самимӣ ифода намудааст. Фикру андешаи ватандӯстона ва муҳаббати бепоёни шоир нисбат ба Ватани азиз басо равону дилчасп ифода гардидааст, ки садоқат ва вафодории шоирро нисбат ба Ватан нишон медиҳад:

Ман дар паноҳат гашта тавоною ҷаҳонгард,
Ту дар паноҳам гаштаӣ беғуссаву бедард.
Ҳаргиз нагузорам, ки ба рӯи ту фитад гард,
Имрӯзи хушу қисмати фардои ман астӣ [54, с. 4].

Ватандӯстию ватанпарварӣ ва ифтихори миллӣ дар эҷодиёти Ашӯр Сафар мавзуи марказӣ буда, мавқеи баландро соҳиб аст. Нахуст аз

ҳама шоир ба масъалаи дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ ва суннату арзишҳои миллӣ тарбия ёфтани наслҳои наврас аҳамияти зарурӣ дода, диққати онҳоро ба таркиби миллӣ, ки тамоми хислатҳои наҷиби инсонӣ-хештаншиносию худогоҳӣ, ватандӯстию ифтихори миллӣ, инсонпарварӣ, накӯкорӣ, далерӣ, хоксорию саховатмандӣ, дӯстию рафоқат, хирадмандию халқпарвариро фарогир мебошад, ҷалб менамояд:

Манро Ватан тарбия бисёр намуд,
Фарзанди ба худ неку вафодор намуд.
Дарвозаи иқбол ба рӯям бикушод,
Пас хизмати ӯ хитоби виҷдони ман аст **[197**, с.20**].**

Шоири шинохтаи тоҷик Саидҷон Ҳакимзода аз зумраи шоирони тавоно ва маҳбубест, ки Ватанро дӯст медорад ва нисбат ба он маҳбубияти хосса дорад. Ватани азизи худро аз ҳама гуна дороии дунё боло мегузорад ва ин аст, ки ҳар як каф хоки ватанро муқаддас донисга, дар ашъори ба Ватан бахшидаи хеш ҷавҳари маъниҳои инсонӣ: меҳру садоқат ба Ватан ва халқу миллат, эҳтироми падару модар ва дигар бузургсолон, инсондӯстию инсонпарварӣ, поктинатӣ, ҳалимӣ, фурӯтанию хоксорӣ, ватандӯстӣ, ватанпарварӣ, хештаншиносӣ, худогоҳӣ ва ифтихори миллиро тараннум карда, хонандаи хешро дар рӯҳияи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ раҳнамун ва тарбия менамояд.

Садоқати бепоён ба Ватан ва муҳаббати самимӣ ба обу хоки кишвар, худро шинохтан бо аслу нажоду миллати худ ифтихор кардану сарфароз будан аз ин сифатҳои наҷиб асли ашъори шоирро ташкил медиҳад ва ин сифатҳо хусусан дар ашъори ба ин мавзуъ бахшидааш ҷолибу пуртаъсир инъикос ёфтааст:

Решаам сахт ба хоки Ватан аст,
Шохаи пургули умрам сухан аст.
Ман ҳамонам, ки ҳамон мемонам,
Дар бари ҳамватанон мемонам [236, с.8].

Ватан дар ҳама давру замонҳо барои ҳар як фарди солимақл азизу муқаддас ва модари мушфиқу меҳрубон аст. Зеро модар инсонро ба олами ҳастӣ меоварда бошад, Ватан ба сари ҳар як фарзанди ба дунё омада дасти навозиш гузошта, барои зиндагии минбаъдаи ӯ оғӯши модарона боз мекунад. Ин маънӣ дар ашъори шоир хеле нозукбинона қаламдод шудааст:

Ватан гуфтию дар ин ҳарф дидӣ ҷони худ пайванд,
Ватан гуфтию бо ҳар тораи мӯяш ту ларзидӣ.
Ватан гуфтию хоки покро оғӯш бинмудӣ,
Давоми умрро дар зиндагии дигарон дидӣ [236, с. 655].

Дар мисраъҳои фавқ шоир бо эҳсоси баланди ватандӯстӣ нигоштааст, ки Ватан барои ҳар як ватандор муқаддасу бебаҳо аст. Ҳар инсони комилу солимақл вазифадор аст, ки ватанро бо тамоми ҳастии хеш дӯст дорад, ба қадри ватандорӣ расад ва шарики ҳама гуна ғаму шодии Ватан бошад, зеро:

Намонад сарвате, не бӯи хушке,
На девору на қолину на кушке.
Фақат меҳри Ватан монад ба олам,
Сахо монад сухан монад, ба олам [236, с. 16].

Ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро шоир дар ватандорию ватандӯстӣ, ободии кишвар, ки яке аз василаҳои асосии тарбияи насли наврас ва манбаи хушбахтии инсонҳо маҳсуб меёбад, медонад. Дар ҳақиқатан, ватандӯстию ватанпарвариро шоир дар оромию осудагӣ ва тантанаи сулҳу дӯстӣ ва ҳамрайъию ҳамдигарфаҳмии миллату халқиятҳои маскуни Ватан ва рушду пешрафти онро дар волоияти ақлу хиради инсонӣ медонад. Дар мавриди осудагию осоиштагӣ давлат пешрафтаву муқтадир мегардад, орому осуда ва дур аз буғзу кинаву адоват шукуфо гардида, фарзандони баору номуси он муҳофизу ҷоннисори ватани маҳбуби худ мегарданд:

Ватан, фарзанди ту ҷон дар кафи даст,
Намояд ҳифзи шаъну эътиборат.

Хазон гардад агарчӣ навбаҳораш,

Намемонад хазон гардад баҳорат [236, с. 648].

Шоир ватандӯстиро, шукуфоӣ ва рушди Тоҷикистони азиз диниста, ҷавононро ба ватанпарварӣ, ватандӯстию эҳтиром доштан ва расидан ба қадру манзалати Ватан, ҳамчунин, ба баору баномус будан ташвиқу талқин ва раҳнамун месозад:

Ватан, фарзанди ту дар роҳи номус,

Ғаму дарди туро дорад ба сина.

Дар ин раҳ ӯ намеҷӯяд баландӣ,

Дар ин раҳ ӯ намекобад хазина [236, с. 648].

Шоир шукр аз Ватани обод ва ифтихор аз сулҳу амният ва озодию ободии кишвар намуда, обу хоки Ватанро муқаддасу аз ҳама дороиҳои ҷаҳон боло медонад. Маҳз ҳукмфармо будани сулҳу дӯстӣ, ваҳдати миллӣ, ободӣ ва рушду нумуи кишвари соҳибистиқлолу шукргузорӣ аз чунин давлату мардуми бофарҳанг аст, ки Ватан ва васфи он дар эҷодиёти адибони мо, хосатан, дар мероси гаронбаҳои С. Ҳакимзода мавқеи назаррасро ишғол намуда, наслҳои наврасро дар рӯҳияи ватандӯстию ватанпарварӣ ва эҳтироми хосса доштан ба ҳар як ваҷаб хоки он раҳнамун месозад:

Ҳамчу шири модарам ҳар чашма обаш ҳаст пок,

Ёфтам нашъунамо аз обу хокаш мисли ток.

Омадам дар он ба дунё, меравам дар он ба хок,

Дашту кӯҳашро бароям хонаю дар гуфтаам. [236, с. 367]

Дар мисраҳои фавқ шоир бо як ҳисси баланди ватандӯстию ифтихор аз он иброз намудааст, ки инсони комилу солимақл бояд тамоми вуҷудаш аз меҳри Ватан саршор бошад, ба ғаму шодии он шарик буда, меҳри ватанро аз ҳама боло гузораду ҳамеша дар ёду пайи ободонии он бошад, зеро:

Намонад сарвате, не бӯи хушке,

На девору на қолину на кушке.

Фақат меҳри Ватан монад ба олам,

Сахо монад, сухан монад ба олам. [236, с.16].

Воқеан, ашъори шоир барои ҳифзи ватану миллат намунаи ибрат аст ва дар тарбияи ватандӯстию ифтихори миллии хонандагону наслҳои ҷавон, ки ояндасози ҷомеаи соҳибистиқлоли мо мебошанд, таъсири бориз дошта, дар тарбияи ватандӯстию ифтихори миллии онҳо роҳнамои хубе шуда метавонад:

Тоҷикони тоҷдор аз некию мардонагӣ,
Сар барои номи неки тоҷдорӣ додаанд.
Баҳри соҳибихтиёрӣ бас ҷигарбандони ман,
Ҷони худро рӯзи номус ихтиёрӣ додаанд. [236, с.658].

Шоир дар намунаи болоӣ миллати хешро ватандӯсту сулҳпарвар тасвир намуда, овардааст, ки модари тоҷик фарзандонеро тарбия карда, ба воя расонидааст, ки барои ҳифзи ватану осудагии мардуми он дар лаҳзаҳои зарурӣ ҷони худро нисор кардаанд.

Ҳакимзода худогоҳию хештаншиносӣ ва ватандӯстию ифтихори миллиро омили асосии тарбияи наврасону ҷавонон дониста, онҳоеро, ки барои тарбияи комил дидани фарзандони худ эътибори ҷиддӣ намедиҳанд, сахт ба зери тозиёнаи танқид гирифтааст. Аз диди Ҳакимзода ватанпарварию ванатдӯстӣ, меҳр доштан ба Ватан ва ифтихор кардан аз фарзандони шарафманди гузаштаву муосири хеш яке аз риштаҳои тарбияи миллӣ буда, дар ин рӯҳия тарбияи комил дидани онҳоро дар ашъораш таманно дорад  Шоир дар ашъори хеш овардааст, ки фарзанди баору номус дар ҳама ҷо ва дар ҳама ҳолат ҳамеша ғаму дарди Ватанро ғаму дарди худ дониста, баҳри ҳифзу ободӣ ва шукуфоии он ҷидду ҷаҳд намуда, ҳастии худро ҳастии Ватан медонад.

Эҷодиёти шоир барои дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ ва худшиносию худогоҳӣ ва арзишҳои миллӣ тарбия намудани аҳли ҷомеа, хосатан, хонандагону ҷавонон аҳамияти калонро касб намудааст.

## 1.2. Ҳамкории муассисаи таълимӣ, оила ва ҷомеа – омили асосии тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ

Рушду нумуи ҳар як давлат ба худогоҳию худшиносӣ ва ватандӯстию ватанпарварии шаҳрвандони он, бахусус, ба ҷавонон сахт марбут аст. Худогоҳию худшиносӣ, ватандорию ватандӯстӣ омилҳои меҳварӣ ва калидии давлатсозию ҷомеасозӣ мебошанд. Ба ин маънӣ, дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташаккули худшиносӣ, худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ дар ҳар як баромаду вохӯриҳо ва Паёмҳои ҳамасолонаашон ёдовар шуда, наврасону ҷавонон ва умуман, кулли шаҳрвандони кишварро ба эҳёи анъанаҳои миллӣ, ободгароиву созандагӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ даъват менамоянд.

Тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ вазифаи асосии тарбия дар ҳар як кишвар аст. Мавқеи фаъоли ҳаётӣ ва ташаббуси ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон шарти зарурии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Аз ин рӯ, давлат имрӯз беш аз пеш ба тарбияи ахлоқӣ ва ватандӯстии насли наврас ва ташаккули шахсияти фаъолу созанда дар заминаи иҷтимоию фарҳангӣ ҳамчун асоси ҷомеаи шаҳрвандӣ манфиатдор аст.

Тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ, бешубҳа, ҳамкории пайвастаи мактаб ва оила, муколамаи созандаи онҳоро, ки ба рушди насли наврас нигаронида шудааст, пешбинӣ мекунад. Дар марҳалаи ҳозираи рушди ҷомеа бо тамоми ҷиҳатҳои мураккаби он мактаб, муаллимон, падару модарон, хонандагон бояд ба ҳамдигар ёрӣ расонанд, дастгирӣ кунанд, ғамхорӣ намоянд, ба фаъолияти фаъолонаи эҷодӣ ҷалб карда шаванд.

Таҳлили адабиёти методӣ ва амалияи мавҷудаи таълим дар муассисаҳои таълимӣ аз афзоиши шавқу хавас ба проблемаи тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ гувоҳӣ медиҳад, аммо, чунон ки муҳаққиқон зикр мекунанд, дар мактаб дар ин самт кори мунтазам вуҷуд

надорад. Ин дар паст будани дараҷаи худидоракунии мактаб, ба фаъолияти фаъолонаи ҷамъиятӣ ба қадри кифоя ҷалб карда нашудани хонандагон, бартарӣ доштани парадигмаи «тарбиявӣ»-и ташкили таълим нисбат ба салоҳият ва фаъолият зоҳир мешавад. Самти якхела муҳим ва мушкили педагогика ҳамчун назария ва амалия на танҳо тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонанда, балки муайян кардани сатҳи ташаккули он дар доираи мониторинг ва ташхиси педагогӣ дар асоси усулҳои далелнок, ки дар заминаи татбики онҳо натиҷаҳои гуногун ба даст овардан мумкин аст, ба тафсир ниёз доранд.

Ин ҳолатҳо хусусияти мураккаби фаъолияти омӯзгорро, ки мавриди баррасӣ қарор дорад, нишон дода, ҳамзамон аҳамияти таҳқиқоти мазкурро, ки ба омӯзиши тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон бахшида шудааст, ошкор месозад.

Дар шароити муосир масъалаи тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ яке аз масъалаҳои мубрами маорифи муосир мебошад.

Ташаккули асосҳои омӯзиши ҳувияти шаҳрвандӣ, ки бевосита бо мушкилоти тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ алоқаманд аст, аллакай дар марҳилаи таҳсилоти ибтидоии умумӣ амалӣ карда мешавад, дар ҳоле ки ҳувияти шаҳрвандӣ асоси ташаккули шахсияти шаҳрвандӣ мебошад. Рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҶТ ва натиҷаҳои шахсии аз худ намудани барномаи асосии таълимии МТМУ бояд инъикос карда шаванд, аз ҷумла «ташаккули асосҳои шахсияти шаҳрвандии Тоҷикистон, ҳисси ифтихор аз Ватан, халқи тоҷик ва таърихи Тоҷикистон, огаҳӣ аз ҳувияти этникӣ ва миллии худ; ташаккули арзишҳои ҷомеаи Тоҷикистон; ташаккули самтҳои арзишҳои инсондӯстона ва демократӣ.

Арзишҳои миллие вуҷуд доранд, ки онҳо дар шаклу мазмун доимианд ва муҳофизи миллатанд. Пас зарур аст, ки ин арзишҳо (арзишҳои ахлоқӣ, гуманистӣ-инсондӯстӣ, озодандешӣ, таҳаммулгароӣ, эҳтироми калонсолон, падару модар (мақоми падару модар), дастгирии муҳтоҷон, амали хайру саховат, сарватғункунӣ ва лаҷомгирии он аз рӯи

арзиши исломӣ - ҳалолу ҳаром, ки ҳамаи ин арзишҳо аз тафаккури аҷдоди миллӣ азалии миллат пиндори нек, рафтори нек, кирдори нек сарчашма мегиранд, бояд чун сутуни фарҳанги ҳар як шахсу миллат ҳифз гарданд.

Пос доштан, эҳтиром намудану ба қадри арзишҳои миллӣ расидан ба ҷаҳонбинӣ, дониш, ташаккули ҷаҳони маънавӣ ва дарки масъулиятшиносии ҳар яке аз наврасону ҷавонон вобастагӣ дорад.

Албатта, дар амалӣ намудану дар замири хонандагон парваридани масъалаи мазкур ҳарчанд пойдевори он ба таври хеле одӣ ва сода дар ҳаёти хонаводагӣ гузошта шавад ҳам, шаклу мазмуни он дар муассисаҳои таълимӣ рушду тақвият меёбад ва хонандагон тадриҷан донишу малакаи худро марбут ба ватандӯстию ватандорӣ ва ифтихори миллӣ баланд бардошта, нисбат ба ҳимояи марзу бум, азиз доштани он ва амсол ба инҳо барин хислатҳои ҳамида тарбия меёбанд. Дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия дидани хонандагон яку якбора не, балки он дар натиҷаи корбарии самараноки омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ботадриҷ дар марҳилаҳои таҳсилот рушд ёфта, дар ҷомеа корбандӣ мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти умумӣ дар ду марҳила амалӣ мегардад:

1. Марҳилаи таҳсилоти асосии ҳатмӣ;
2. Марҳилаи таҳсилоти миёнаи умумӣ;

Муҳлати таҳсил дар марҳилаҳои маълумоти асосӣ 9 сол ва дар марҳилаи таҳсилоти миёнаи умумӣ 11 солро фарогир аст.

Ҳар яке аз марҳилаҳои фавқ мақсаду вазифаҳои худро доранд ва вобаста ба маҳалли сукунати хонандагон ва шумораи онҳо алоҳида ва ё дар таркиби як таълимгоҳ вуҷуд дошта, корбандӣ мегарданд.

Дар Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҶТ [194] зикр гардидааст, ки муаллимони МТМУ вазифадоранд, ки хонандагонро бо назардошти вижагиҳои фанҳои тадрисшаванда таълим ва тарбия диҳанд; ба ташаккули фарҳанги умумии шахсият ва азхудкунии

барномаҳои таълимӣ мусоидат намоянд; аз роҳ, усулҳо ва воситаҳои гуногуни таълим истифода баранд; сатҳи омодагии мактаббачагонро ба талаботи стандарти давлатии таҳсилот таъмин намоянд.

Ба вақти назарсанҷӣ ва таҳлили нақшаи таълимии давлатии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, инчунин, барномаҳои таълимӣ самтҳои зерин муайяну ошкор гардидаанд:

– ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ҳамчун заминаи асосии ташаккули шахсият ниёзманд будани хонандагон;

– қаноатманд будани хонандагони МТМУ аз сифат, самара ва натиҷаи таҳсилот, ки ҷавобгӯ ба талаботи даврони муосир ва пешрафти илму технологияи кунунӣ аст (мутобиқ ба Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ);

- баландбардории ташаккули ҷаҳони маънавии хонандагон ва зуҳуроти рушди инфиродӣ;

– ҳамаҷониба таъмин намудани талаботи ҳаматарафаи муассисаҳои таълимӣ, хонавода, ҷомеа ва алоқамандии ногусастании доимии онҳо;

Мутолиа, баррасӣ, мушоҳида ва ба роҳбарӣ гирифтани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ шаҳодат бар онанд, ки имкон, васила ва воситаҳои таълим додану тарбия намудани онҳо дар ин ҷода хеле фаровон аст. Бо вуҷуди дар осори ҳамаи адибону мутаффакирон ва бузургони гузаштаву муосир истифода гардидани мавзуи ватандӯстӣ ва махсусан, ифтихори миллӣ дар барномаи таълимӣ оид ба таълими он ҷудо кардани соатҳои алоҳида аз мадди назар дур мондааст. Ба пиндори мо, сабаб дар он аст, ки муратти бони барномаҳои таълимӣ ба масъалаи дар рӯҳияи ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагони МТМУ чандон диққати зарурӣ надодаанд.

Дуруст аст, ки таълим ва тарбияи самараноку бомақсади дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагони

МТМУ-ро дар ҷараёни ҳама гуна фанҳои таълимӣ корбандӣ намудан имконпазир аст.

Мушоҳида, таҳқиқу натиҷагирӣ ва андешаи мо, вобаста ба самарабахшии ин раванд он аст, ки истифодаи шакл ва усулҳои фаъоли таълими зер мавқеи хосро ишғол мекунанд: ба роҳ мондани шабҳои саволу ҷавоб марбут ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ, ташкили баҳсу мунозираҳои адабӣ-бадеӣ ва мубоҳисаву мусоҳибаҳо, ташкил ва гузаронидани озмунҳо, конференсияҳои адабӣ-бадеӣ ва баргузории вохӯриҳо бо олимону кормандони барӯманди касбу корҳои мухталиф, ходимони давлатӣ-ҷамъиятӣ ва амсоли инҳо.

Назарсанҷӣ ва таҳлили санадҳои меъёрии стандарти давлатии нақша ва барномаҳои таълимӣ ва натиҷаҳои пурсиши хонандагони МТМУ дар шахр ва деҳот таҳсилкунанда моро водор сохт ба хулосае оем, ки тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ унсурҳои таркибии тарбияи миллӣ буда, барои омода намудани ворисони арзанда ва баору номуси кишвар, ки рушду нумуи ояндаи мамлакати соҳибистиқлоламон аз онҳо сахт вобастагӣ дорад, нақши бориз дорад. Татбиқ ва рафти ин ҷараён имкон фароҳам меорад, ки зимни дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагони МТМУ онҳо тарбияи комил гиранд, яъне:

– дониши қаноаткунанда оид ба тамаддун, таърих, анъана ва расму оинҳои гузаштаву муосир гиранд;

– марбут ба анъана ва арзишҳои миллӣ тарбия ёбанд;

– зимни омӯзиши мавзуъҳои таълимӣ ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ҷалб карда шаванд;

– корбандӣ намудани тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар заминаи омӯхтани мавзуъҳои таълимӣ самаранок ба роҳ монда шавад;

– истифодаи маҳорати педагогӣ ҳамчун асос барои ба даст овардани дониш ва малакаҳо марбут ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ бояд бошад;

– дар рафти таълим диққати ҷиддӣ ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ равона карда шавад.

Бо мақсади ривоҷ додани тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ҷараёни таълим дар заминаи тамаддуни фарҳангиву педагогӣ омӯзонидани мавзуъҳо зарурат дорад. Ҳамчунин, яке аз роҳҳои манфиатбахши кори тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ алоқаи ногусастании мактаб бо оила мебошад. Олимон, муҳаққиқони соҳаи педагогика, психология (равоншиносӣ) ва иҷтимоиётшиносон ва таҷрибаи ҳаётӣ исбот намудааст, ки нақши оила дар ҳама гуна намудҳои тарбия, хосатан, дар тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон хеле калон аст.

Хонавода ҳам як ҷузъи асосии ҷомеа маҳсуб шуда, дар рӯҳияи хислат, рафтор ва ахлоқи ҳамида тарбия намудани фарзандон нақши ҳалкунанда мебозад. Бешак, дар ҳолате ки кӯдак тадриҷан ба олами ҳастӣ сарфаҳм мерафтагӣ мешавад ва соҳиби забони гӯё мегардад, ба истилоҳ «чашм во мекунад», падару модар ва дигар аъзоёни бузургсоли оилаи хешро мебинад. Муқаррар аст, ки ӯ дар хусуси олами ҳастӣ тавассути аъзоёни оила (албатта, вобаста ба синну соли хеш) маълумоти кофӣ мегирад ва тадриҷан захираи луғавии худро бой гардонидан мегирад. Гузашта аз ин, ба бузургсолони оила тақлид намуда, хислат ва рафтору одобашро низ дар пайравии онҳо ботадриҷ тағйир дода меистад, хоҳ хуб бошаду хоҳ бад, зеро кӯдак ҳама гуна рафтору гуфтор ва амалҳои онҳоро намуна медонад. Кӯдак дар давраи синну соли томактабӣ будан ба моҳият ва мазмуну мундариҷаи шунидаҳои худ чандон сарфаҳм намеравад, зеро дар ӯ дар ин давра қобилияти таҳлил кардани шунидаву дидаҳояш ба дараҷаи даркорӣ ташаккул наёфтааст.

Ҳалиму меҳрубон, баодобу хушмуомила ва бомаърифату дорои рафтори наҷиб тарбия намудану ба воя расонидани ҳар як узви хурдтараки хонавода нахуствазифаи волидон маҳсуб меёбад ва дар вазъи нек тарбия гирифтани кӯдак кори таълиму тарбияро дар муассисаи таълимӣ осон мегардонад.

Оила офаридаи беҳамтои инсоният буда, пеш аз ҳама, аввалин намуди муносибат байни одамон ба ҳисоб меравад. Оила ҳамчун ячейкаи ибтидоии ҷомеа таърихи дуру дароз дорад, ки ҳамсарон ва фарзандони онҳоро муттаҳид менамояд, яке аз шаклҳои аввалини умумияти иҷтимоии одамон, гурӯҳи хурдтарини он аст, ки дар ин ҷо вазифаҳои барои ҷамъият муҳимтарин, қабл аз ҳама, вазифаи давом додани насли инсонӣ мебошад.

Тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ аз оила манша мегирад. Аз ин рӯ, ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро бояд дар ҷаҳони дарки хурдтаракон ҳанӯз аз даврони тифлӣ ба роҳ мондан ба мақсад мувофиқ аст, чунки то кадом дараҷа ба воя расидану тарбия дидани ӯ ба дониш, ақлу фаросат ва ҷаҳони маънавию масъулиятнокии бузургсолони оила, хосатан, падару модарон тавъам мебошад. Дар баробари ин, барои муваффақ гардидан ба тарбияи дурусти ба талаботи давр ҷавобгӯ будани фарзанд, пеш аз ҳама, оилаи солим ва дорои маданияту дониши қаноаткунандадошта зарурат дорад. Бе ин ҳама оила ҳеҷ гоҳ ба тарбияи фарзанди ҳаматарафа инкишофёфта муваффақ шуда наметавонад.

Таҳқиқот, таҷриба ва мушоҳидаҳо собит менамоянд, ки солҳои охир ҷараёни ҳамкории байни муассисаҳои таълимию оилаҳо рӯз то рӯз суст гашта, хатари ба талаботи ҷомеаи кунунӣ ҷавобгӯ набудани рафтору аҳлоқи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба миён омадааст. Мунокишаҳо ва ҳатто задухӯрдҳои байниҳамии хонандагони баъзе муассисаҳои таълимӣ, аз хизмати ҳарбӣ саркашӣ кардани аксарияти ҷавонон, ки он ҳама дастпарварони муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ мебошанд, боис ба ташвиши падару модарон ва ҳам муассисаҳои таълимию ҷомеа шудааст.

Аз назари мо, омили муҳимми бартараф намудани ин ҳама норасоиҳо, чуноне ки таҷрибаҳо ва таҳқиқот нишон медиҳанд, ҳамкории оила ва мактаб, ҳамчун субъекти асосӣ ва фаъоли муҳити тарбиявӣ, ки дар он шахс ташаккул меёбад, маҳсуб меёбад. Суст гаштани алоқаи байни муассисаҳои таълимию оилаҳо дар паст гаштани сифат ва

мундариҷаи тарбияи оилавӣ ҳангоми афзудани зарурияти ҳамкории байниҳамдигарӣ бо мактаб барои тарбияи ба талаботи давр ҷавобгӯ будани рафтори хонандагон ба назар мерасад.

Ҳеҷ ҷои пӯшида нест, ки солҳои охир бо сабаби ба оилаҳо таъсир расонидани ҳодисаҳои нави иҷтимой: сатҳи пасти зиндагӣ, ба хориҷи кишвар рахти сафар бастани падарону модарон, таъсири ҷараёнҳои динии ғайридавлатӣ ва монанди инҳо барои тарбияи дуруст гирифтани хонандагон монеа пеш овард.

Қисме аз падару модарон ба тарбияи фарзандони худ эътибори ҷиддӣ намедиҳанд. Кори таълиму тарбияро саҳл дониста, танҳо мактабу муаллимонро дар тарбияи дуруст дидани онҳо вазифадор мешуморанду халос ва худро канор мегиранд. Дар натиҷа фарзандони чунин оилаҳо ба таъсири одамони бад кӯчагарду дарсгурез, бадхону беодобу бадахлоқ мешаванд, гирифтори ақидаҳои гуногун гардида, бадмуомилаву фиребгар мешаванд.

«Тарбияи бачагон, - менависад А.С. Макаренко, - соҳаи муҳимми зиндагии мост. Бачагони мо шаҳрвандони ояндаи мамлакати мо ва шаҳрвандони ҷаҳон мебошанд. Онҳо таърихро эҷод хоҳанд кард. Бачагони мо падар ва модарони оянда мебошанд, онҳо ҳам бачагони худро тарбия хоҳанд кард. Бачагони мо бояд шаҳрвандони хуб, падар ва модарони хуб ба камол расанд. Вале бо ин ҳам тамом намешавад, бачагони мо умеди айёми пирии моанд. Тарбияи дуруст пирии хушбахтонаи мост, тарбияи бад ғаму ғуссаи ояндаи мо, ашкҳои дидаи мост, дар назди дигар одамон, дар назди тамоми мамлакат гуноҳи мост» [142, с.48].

Бо мақсади тарбияи дуруст дидани фарзанд зарур аст, ки падару модар ва аъзоёни дигари калонсоли оила якдигарро ҳурмату эҳтиром кунанд, байни ҳам муомилаи хуб дошта бошанд, бо рафтору одоб ва муносибату муоширати нарму ҳалимонаи худ диққати фарзандонро ҷалб намоянд ва дар иҷрои ҳар кору амал ва муносибату муомила барои ҷамъи оила, бахусус, барои фарзандон намунаи ибрат бошанд. Кӯшиш

ба харҷ диҳанд, ки фарзандро ҳақгӯ, ростқавл, далер, нотарс, қавиирода поквиҷдон, ватандӯсту ватанпарвар, эҳтиромкунандаи хурду калон, хуллас, дар рӯҳияи сифатҳои неки инсонӣ ва ахлоқи ҳамида тарбия намоянд.

Нақши оиларо дар тарбия хурд донистан мумкин нест. Тарбияи кӯдакон ва наврасон дар оила қисми таркибии тарбияи ҷамъиятӣ мебошад. Тарбияи оилавӣ ва тарбияи ҷамъиятӣ аз ҳам ҷудонашавандаанд. Дар таълиму тарбияи насли наврас оила баробари мактаб ҷавобгар мебошад.

Муҳтавои асосии кори тарбия ташаккул додани хислат, одобу ахлоқ, ватандӯстию ваҳдат ва умуман, боигариҳои инсондӯстонаву инсонпарварӣ маҳсуб меёбад, ки инсон тамоми умр ба он ниёз дорад. Дастрасии донишҳои ҳаматарафаи чуқур ва ҷаҳонбинии васеи маънавӣ, ахлоқи ҳамида, ҷидду ҷаҳди бомасъул ва саъю кӯшиши мақсаднок имконият медиҳад, ки шахс ба воқеият такя намуда, эҳтиёҷот ва қобилияти худро муайян намуда, мутобиқи донишу фаъолияти худ амалу таҳсил намояд. Барои ноил гардидан ба рафтору амалҳои фавқ нақши оила хеле баланд аст ва албатта, падару модарон ва дигар аъзоёни калонсоли оила худ дорои дониши қаноаткунанда ва соҳиби ахлоқу одоби шоиста бошанд.

Тарбияи фарзанд вазифаи аввалиндараҷаи оила маҳсуб меёбад ва мактаб ҳамчун муассисаи давлатӣ дар тарбияи ҳаматарафаи насли наврас нақши асосӣ ва марказӣ дорад. Мактаб дар асоси қонунҳои интишоркардаи давлат, урфу одати гузаштагон, осори ниёгон шогирдони худро тарбия намуда, бо донишҳои илмӣ, ки қонунҳои табиат, ҷамъият ва тафаккури инсониро инъикос менамоянд, мусаллаҳ гардонида, ҷаҳонбинӣ, эътиқод ва ақидаҳои муайянро ташаккул медиҳад. Иҷрои ин вазифаҳо пай дар пай беҳтар намудани сифати таълиму тарбияро талаб менамояд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» падару модарон ва шахсони

ивазкунандаи онҳоро вазифадор мекунад: «барои сиҳатии ҷисмонӣ ва равонии бача пайваста ғамхорӣ кунад, ӯро ба мактаб омода ва барои инкишофи қобилиятҳои вай шароити зарурӣ муҳайё созанд, фарзандонро дар рӯҳияи башардӯстӣ, нисбат ба аҳли хонавода, забони модарӣ, адабиёту таърих, эҳтиром нисбат ба арзишҳои миллӣ, таърихӣ, фарҳанги дигар мамлакатҳо тарбия намоянд, ба бачаҳо барои гирифтани маълумот дар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ мусоидат намояд ва ё дар хона шароит муҳайё созанд, ки дар саҳти талаботи давлатӣ маълумот гирад, фарзандонро дар рӯҳияи эҳтиром ба қонун, ҳуқуқ ва озодии инсон, риояи қоидаҳои ҳаёт тарбия намоянд» [126, с.2].

Дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагон сараввал оилаи бофазлу фаросат, хушмуомилаву хушсухан, поктинату ватандӯст, ба халқу миллат вафодор ва амсол ба ин гуна рафтору хислатҳоро нигаронӣ дорад. Аъзоёни оила, махсусан, падару модарон бомаърифат бошанд, фарзандон ба онҳо пайравӣ намуда, аз ҳар ҷиҳат мувофиқ ба меъёри ахлоқи ҳамида ва солиму бардам ба воя мерасанд. Чи хеле ки аз таҷриба ва мушоҳидаҳо бармеояд, дар кори тарбия нисбат ба падарон ва дигар бузургсолони оила, нақши модар чашмрастар аст, ба вижа дар ҳоли ҳозир.

Ҳанӯз Н.К.Крупская дар мақолаи худ «Соҳаи муҳимми кори комсомол» нишон дода буд, ки зан модари ҳозира ва оянда мебошад. Модар мураббии табиӣ мебошад ва дар кори ба камол расондани одамони сазовори ҷомеа қувваи пурзӯреро ба вуҷуд меорад [118].

Ҳар як давру замон ҷомеаи ободу солим ва тинҷу осударо хоҳон буду ҳаст. Барои мушарраф гардидан ба чунин ҷомеа фарзандони закию бомаърифат ва баору номус, ватандӯсту ватанпарвар ва худшиносу худогоҳро ба воя расонид ва ҷомеаи ободу мутараққӣ фарзандони солимро тақозо дорад.

Дар рӯҳияи хештаншиносию худогоҳӣ, ифтихори миллӣ ва рафторҳои нек тарбия намудани хонандагон нахуст аз ҳама оилаи дорои ақлу дониш ва одобу ахлоқи қаноаткунандадоштаро нигаронӣ дорад,

зеро сатҳи идроку фаҳмиши аъзоёни оила чи қадаре ки боло бошад, фарзандони онҳо ҳамон қадар солиму бенуқсон ба воя расида, ба манфиати халқу миллат ва ватани хеш хизмат намуда, дар шукуфоии он ҳиссагузор мегарданд.

Дар суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон чунин омадааст: «...Мусаллам аст, ки ҷомеаи солим аз оилаи солим ва насли солим аз оилаи солим ташаккул меёбад» [177, с.10].

Падару модарон вазифадоранд, ки ба тарбияи фарзандон аҳамияти ҷиддӣ равона созанд ва онҳоро аз рӯзҳои аввали ба дунё омадан дар рӯҳияи майл намудан ба ахлоқи шоиста, рафтори ба инсон ва аҳли ҷомеа мақбул ва дур будан аз хислатҳои бад ба воя расонанд. Падару модарон дар мавридҳои зарурӣ тавассути машварату маслиҳат бо аъзоёни дигари оила (бобою бибӣ, бародарону хоҳарони калонсол) оид ба ин ё он масъалаи таълимию тарбиявӣ қарори мушаххас мебароранд ва ин қарор ба самти аъзоёни хурди оила равона карда мешавад. Мақсади асосӣ он аст, ки хурдсолон ба калонсолон гӯш диҳанд, ба меъёрҳои муқарраршудаи оила риоя намуда, аз итоат кардан ба он саркашӣ нанамоянд ва ҳар он чи бузургсолони оила мефармоянд, бо камоли мамнуният ислоҳ ва ба сомон расонанд. Дар ин сурат ба падару модарон зарур аст, ки ҳар як қарорро вобаста ба хусусияти синнусолӣ ва психологии кӯдакон ба роҳ монанд (ҳарчанд дар шакли содааш бошад ҳам, зеро на ҳама падару модар ба ин ҷиҳати масъала диққати ҷиддӣ медиҳад). Барои падару модарон ба ҳисоб гирифтани синну сол имкон фароҳам меорад, ки сатҳи ташаккулёбии аъзоёни хурдсоли оиларо аз ҷиҳати рӯҳӣ (психологӣ), муомила, муошират, муносибат, баёни афкор ва монанди инҳоро ба назар гирад, ҳамчунин, ба онҳо имконият дода шавад, ки тавассути бароҳмонии чунин намуди тарбия (албатта вобаста ба синну сол) дар онҳо рафтор ва хислату амалҳои нек тарбия ёбад.

Кӯдакон тавассути роҳбарӣ ва панду насиҳатҳои судманди падару модарон чӣ кор кардану чӣ гуна рафтору муносибат карданро то дараҷае омӯзанд ва дар амалӣ намудани он сарфаҳм рафта хубро аз бад фарқ карда тавонанд. Кӯдакон то давраи ба мактаб фаро гирифтанашон, асосан, дар оила тарбия мегиранд ва кӯшиши онҳо ба амалиёти нисбатан кӯтоҳмуддат ифода ва анҷом дода мешавад ва кӯдак натиҷаи амалиёту фаъолияти худро вобаста ба ҷаҳонбинии худ эҳсосу хулосабарорӣ менамояд. Аз ин рӯ, дар ин давра дар рӯҳияи ватандӯстӣ, дӯст доштану муқаддас донистани ватан (бештар тавассути нақли қиссаву афсона, нақлу ривоят ва ашъори бачагона) тарбия намудани бачаҳо ниҳоят аҳамияти калони тарбиявӣ дорад.

Бо мақсади расидан ба ин паҳлуҳои тарбия падару модаронро лозим меояд, ки нисбати фарзандон самимӣ буда, меҳру муҳаббати махсус дошта бошанд ва кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки дар тарбияи дурусти онҳо саҳм гузоранд, ҳамчунин, ҷаҳд намоянд, ки ӯро дарк карда тавонанд ва эҳтиром ҳам намуда, барои ташаккули хислатҳои ҳамидаву нек заминагузор гардида, барои тарбияи мусоид дидани онҳо имконият ва шароити мусоиди таълимию тарбиявӣ муҳайё намоянд.

Барои дар ҳаматарафа тарбия дидани кӯдак ҳар як фард оила воситаи аввалиндараҷа ва ниҳоят муассирест. Тавассути оила кӯдак асосҳои ташаккули ақлонӣ ва эҳсоси шахсияти худро ноаён сайқал медиҳад, аввалин тасаввуротро дар бораи чӣ хуб асту чӣ бад, дониш, рафторҳои нек, зарар овардани хислатҳои пасту бад ба одам ва канор гирифтан аз хулқу атвори ношоям, дӯст доштани илму дониш, муҳаббат доштан ба ватан, эҳтиром намудани аз худ калон ва ҳамчунин, аз гуфтаҳою фармудаҳои калонсолони оила саркашӣ накарданро меомӯзонад. Вобаста ба таҳқиқот ва хулосабарориҳои мутахассисон оила дорои асоси тасаввуроти маънавӣ ва принсипҳои ахлоқӣ шинохта мешавад ва нақши он дар тарбияи ҳаматарафаи кӯдак хеле бузург аст.

Оила офаридаи беҳамтои инсоният буда, пеш аз ҳама, аввалин намуди муносибат байни одамон ба ҳисоб меравад. Оила ҳамчун ячейкаи

ибтидоии ҷомеа таърихи дуру дароз дорад, ки ҳамсарон ва фарзандони онҳоро муттаҳид менамояд, яке аз шаклҳои аввалини умумияти иҷтимоии одамон, гурӯҳи хурдтарини он аст, ки дар ин ҷо вазифаҳои барои ҷамъият муҳимтарин, қабл аз ҳама, вазифаи давом додани насли инсонӣ ҳаллу фасл мешавад.

Нахуствазифаи муассисаи таълимӣ он аст, ки хонандагонро аз ҳар ҷиҳат омода намуда, ҳамчун ватанпарварону ватандӯстони асил, такягоҳи давлату миллат ва нигаҳбони сарзамини аҷдодӣ ва ободкунандаи кишвар тарбия намуда, дар онҳо ҳисси садоқатмандии бепоёнро нисбат ба халқу миллати хеш ва миллатҳои дигари маскуни ватанамон ташаккул диҳад. «Тарбияи насли наврас - насли бошуур, фаъол, ватанпарвар, башардӯст, ба Ватан, ба халқи худ садоқатманд, тарбияи шахси ҳаматарафа инкишофёфта вазифаи асосии мактаб, оила ва аҳли ҷомеа мебошад» - овардаанд муҳаққиқон Қурбонов Ш.Р. ва Исмоилов В.Б. [130, с.13].

Хонандагони муассисаҳои таълимӣ бояд аз таъриху тамаддуни гузаштаву муосири халқу миллати худ, адабиёт, санъат ва аз мероси бойи фарҳангӣ ва расму оини ниёгон, дастовардҳои бузург ва шахсиятҳои оламшумули қавму қабоили хеш, ҷонфидоию қаҳрамониҳои фарзандони шуҷои миллат огаҳ ва нафарони ба меҳнат қарин, ҳамчунин, ворисони арзандаву давомдиҳандагони кору қаҳрамониҳои падарон ватандӯсту ҳомии сулҳу амонӣ ба воя расанд. Дар ҳалли ин қазия нақши муассисаҳои таълимӣ аввалиндараҷа аст.

«Афроде, ки аз сарнавишти миллат, таърихи гузаштаи сарзамин ва марзу буми аҷдодӣ, мероси бойи фарҳангӣ ва расму оини ниёгон, дастовардҳои бузург ва шахсиятҳои оламшумули қавму қабоили хеш огоҳӣ надоранд, ҳеҷ гоҳ инсони комил ва фарзанди баруманди замони худ шуда наметавонанд» – таъкид намудаанд маорифпарвари асил, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон [177, с.8].

Дар ҳама сохти давлатдорӣ тарбия ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ дар ҷодаи аввал қарор дошт ва бисёр масъалаҳои муҳимми ҷомеа аз он

вобастагӣ дорад. Тибқи таълимоти мавҷуда мақсади тарбия ба воя расонидани шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта мебошад. Вазифаи мактаб аз он иборат аст, ки ҳама қисмҳои таркибии тарбияро дар алоқаи узвӣ ба амал бароварда, нисбат ба тарбия муносибати комплексӣ намуда, барпокунандагони бошуур ва фаъоли ҷамъиятро ба воя расонанд. Мактаб ҳарчанд бо муаллимони маълумотнок ва ихтисосманд, бо барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, нишондодҳои методӣ, бо кабинету лабораторияҳо, асбобҳои аёнӣ ва воситаҳои техникии таълим таъмин бошад ҳам, ба танҳоӣ ин вазифаҳоро иҷро карда наметавонад. Кори мактаб на танҳо кори муаллимон, кори мақомотҳои маориф, инчунин, кори тамоми давлат ва аҳли ҷомеа мебошад. Дар тарбияи насли наврас зарур аст, ки қувваҳои мактаб, оила ва аҳли ҷомеа муттаҳид карда шаванд.

Одамро оила, мактаб, муҳит тарбия менамояд. Ташаккулёбии симои маънавӣ, сиёсӣ, инкишофи ақлӣ ва фарҳангии насли наврас на танҳо дар мактаб, дар натиҷаи омӯхтани асосҳои фан, ё дар натиҷаи тарбияи мактабӣ ва оилавӣ ба амал меояд, барои ташаккули вай худи ҳаёт, муҳит низ фаъолона таъсир мерасонад. Аз мактаб берун имконият ва воситаҳои бемаҳдуд мавҷуданд, ки барои ба сиёсат, муъҷизаҳои илм, техника ва фарҳанг ошно шудани кӯдакону ҷавонон таъсири калон мерасонанд.

Мактаб дар асоси қонунҳои интишоркардаи давлат, урфу одати гузаштагон, осори ниёгон шогирдони худро тарбия намуда, бо донишҳои илмӣ, ки қонунҳои табиат, ҷамъият ва тафаккури инсониро инъикос менамоянд, мусаллаҳ гардонида, ҷаҳонбинӣ, эътиқод ва ақидаҳои муайянро ташаккул медиҳад. Иҷрои ин вазифаҳо пай дар пай беҳтар намудани сифати таълиму тарбияро талаб менамояд.

Ҷиҳати ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ МТМУ нақши бағоят муҳим мебозанд. Аз назари мо, дар ташаккули тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ муассисаи таълимӣ дар алоҳидагӣ чандон ба муваффақият ноил шуда наметавонад ва дуруст аст,

ки дар ба роҳ мондани кори таълиму тарбия нақши омӯзгор ва дастаҷамъии (коллективии) ҳайати омӯзгорон бориз аст. Вале агар падару модарон ва дигар шахсони масъули ивазкунандаи бачаҳо дар кори таълиму тарбия бо ҳайати омӯзгорон ҳамроҳӣ намоянд, кори тарбия дучанд самарабахшу ба мақсад ва талаботи даврони муосир ҷавобгӯ мегардад.

Дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагони муассисаҳои таълимӣ хоси ҳама фанҳои таълимист. Ҳар як омӯзгор зимни таълим додани ҳама фанҳои таълимӣ имкон дорад, ки хонандагонро дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ба камол расонад ва дар замири онҳо нисбат ба тарбияи фавқи меҳру муҳаббат ва самимияти баландро ҷойгузин намояд. Ҳамчунин, бад-ин васила ба дарку ҷаҳонбинии хонандагон корагар гардида, меҳру муҳаббат ва эҳтирому сипоси онҳоро бастаи ватану ватандӯстӣ, худогоҳию хештаншиносӣ ва ифтихори миллӣ бедору қавӣ мегардонад.

Дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагон, пеш аз ҳама, аз омӯзгор дониши васеъ ва ҳаматарафа ташаккулёфта, таҷрибаи хуби омӯзгорию ба талаботи давр ҷавобгӯ ва мувофиқ ба синну сол ва ҷаҳони маънавии хонандагон корбандӣ намудани мавзуъҳои хоси ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро тавассути техникаву технологияи муосир нигаронӣ дорад.

Дар шароити кунунии ҷумҳурии мо ташаккули инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият дар заминаи демократӣ бояд сурат гирад. Аз ин лиҳоз, омӯзгор бояд дар бораи мақсад ва вазифаҳои тарбияи шаҳрвандӣ, ифтихори миллӣ, ваҳдати миллӣ, ҳисси баланди ватандӯстӣ саҳми фаъол гузорад, то шогирдон хусусиятҳои ҳисси дунявии ин сохти ҷамъиятиро дар худ комилан инъикос карда тавонанд.

Истиқлолият неъматест бузург барои ҳар як миллат ва он омили озодӣ, хушбахтӣ ва саодати миллат ба ҳисоб меравад. Ин неъмати бебаҳо ба миллати шарафманди мо ба осонӣ ба даст наомадааст… Аз ин рӯ, ҳимояи Истиқлолияту Ваҳдати миллӣ, худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ

вазифаи ҷонии ҳар як шаҳрванди кунунию оянда (хонандагон)-и кишвари маҳбубамон маҳсуб меёбад.

Миллати тоҷик дубора (баъди давлатдории Сомониён) дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ соҳиби давлати миллӣ гардид. Дар ташаккули худшиносии миллӣ масъалаи ҳувияти миллӣ аз ҳадафҳои олитарини ҷустуҷӯҳои фалсафӣ буда, ҳанӯз дар таълимоти Зардушт, Суқрот, Гегел, Фуко ва дигар олимон мушоҳида гардидааст.

Бобати дар рӯҳияи ватандӯстию ватанпарварӣ, худогоҳию худшиносӣ, ифтихори миллӣ ва ташаккули ҷаҳони маънавии наслҳои наврасу ҷавонон тарбия намудан аксари шоирон, адибон ва мутафаккирону бузургони классику муосири тоҷик аз Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Унсурулмаолии Кайковус, Носири Хусрав ва садҳо дигарони ба инҳо монанд сар карда, то ба Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафурову М.Турсунзода… тавассути осори гаронбаҳои хеш хизмати арзанда кардаанд. Ғояи асосии эҷодиёти ин адибонро дар қатори дигар мавзуъҳо мавзуи ватандӯстию ватанпарварӣ, худшиносию худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ фарогир буданд.

Дуруст аст, ки дар қарнҳои гузашта (давраи тоинқилобӣ дар назар аст), ҳама гуна намудҳои тарбия тавассути панду ҳикмату ривоят ва асару достонҳои мифологию афсонавӣ, қиссаву андарз ва ривоятҳои халқӣ, ки тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ аз насл ба насл гузашта, дар осори бузургону мутафаккирон фаровон корбасту корбандӣ гардидаанд, дар тарбияи ватандӯстию ифтихори миллии хонандагони муассисаҳои таълимӣ нақши басо муҳимро ишғол менамоянд. Осори адибон нахуст аз ҳама, аз воситаҳои ниҳоят муҳимми тарбияи ватандӯстию ифтихори миллӣ, ки яке аз унсурҳои таркибии тарбияи миллӣ маҳсуб меёбад, дониста мешавад.

Аз нуқтаи назари мо, беҳтар мебуд агар мураттибони барномаҳои таълимии ҳамаи фанҳои муассисаҳои таълимӣ ба ҳалли ин масъала, яъне

дар барномаҳо ҷудо кардани соатҳои алоҳида ҷиддан диққат диҳанд ва дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ таълим доданро масъалаи дувумдараҷа наҳисобанд. Оид ба тарбияи ватандӯстию ифтихори миллӣ дар барномаҳои таълимии фанҳо вожаҳои «хештаншиносӣ, худогоҳии миллӣ, андешаи миллӣ, ифтихори миллӣ, тарбияи миллӣ...» дучор намеоянд.

Мутобиқ ба ин маънӣ академик М.Лутфуллозода бамаврид ишора кардаанд:

«Умуман, тамоили тарбиявии барномаҳоро пурқувват кардан аз фоида холӣ нест.Тарбияи андешаи миллӣ хусусияти ҳаматарафа дорад. Ин чунин маъно дорад, ки мураттибони барномаҳои ҳамаи фанҳои таълим-чи силсилаи фанҳои гуманитарӣ ва чи силсилаи фанҳои дақиқ тарбияи андешаи миллӣ ва ба ин восита рушди тафаккури техникии талабагонро таъкид менамоянд. Фанне, ки барои миллатсозӣ ва тарбияи андешаи миллӣ хизмат намекунад, қадру қиммат надорад. Дар ҳамин аст дархости ҷомеаи муосири мо. Маҳз ҳамин ҷомеа талаб мекунад, ки масъалаи тарбияи андешаи миллиро аз мадди назар дур насозем: дар акси ҳол, луқмаи ҷаҳонгароӣ мешавем» [134, с.258].

Бо мақсади самаранок ба роҳ мондани кори тарбия муқаддам ба омӯзгор лозим меояд, ки худ бастаи ватандӯстӣ, хосатан, ифтихори миллӣ дониши ҳаматарафа инкишофёфтаву васеъ дошта бошад. Зимни таълими мавзуъҳои барномавӣ агар муаллим ҳангоми ҳалли матнҳои бадеӣ, машқҳо, мисолу масъалаҳо ва супоришҳои тестӣ, истифодаи панду андарзҳо, қиссаву ривояту достонҳо ва амсол ба инҳо диққати асосиро ба тарбияи ватандӯстию ватанпарварӣ, худшиносию худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ равона созад, барои самаранок аз бар гардидани мавзуъҳои фавқӣ боис мегардад.

Ҳамчунин, ба омӯзгорони МТМУ ниҳоят зарур аст дар рафти таълими мавзуъҳо ба рамзҳои давлатӣ, ки онҳо ифтихори миллати мо-тоҷикон ҳастанд, диққати ҷиддӣ диҳанд.

Гузашта аз ин, дар хусуси фарзандони барӯманди миллати тоҷик, ки онҳо тавассути мероси илмию адабӣ, фалсафию тиббӣ ва дониши оламгир ва зӯру қувваи бозуи хеш ҷаҳонро мусаххар кардаанд, ба хонандагон як ҷаҳон маънӣ диҳанд, то ин ки онҳо ба чӣ будани мафҳуми «ифтихори миллӣ» дуруст сарфаҳм рафта дарк карда тавонанд, ки ин фарзандони барӯманди гузаштаву муосири тоҷик ифтихори миллату ватани соҳибистиқлоламон мебошанду ҳастанд.

Ватандӯстию ифтихори миллӣ, пеш аз ҳама, дӯст доштану расидан ба қадри ватан ва бузургони он, ташаккул ёфтан, ҳамаҷониба васеъ намудани ҷаҳони маънавӣ ва бад-ин роҳ худ ва дигаронро шинохтан аст.

Мафҳуми ватандӯстию ифтихори миллӣ тавассути донишу фаҳмиши ҳамаҷониба рушдёфта ва дар заминаи он амал, ҳиссу фикр намудан дарки сабабҳои рафтору кирдор, манфиат ва мақому манзалати худро дар ҷомеа дарк намудани ҳар як фарди солимақл мансуб меёбад.

Барои ба мафҳуми ватандӯстию ифтихори миллӣ сарфаҳм рафтани хонандагон худшиносу худогоҳ ва аз таърих, маданият, адабиёт, санъати гузаштаву муосири халқи худ ва халқҳои дигари бурунмарзӣ новобаста аз ирқу нажод ва миллату халқияташон ошноӣ доштан аст ва ин хислатҳои ҳамидаи инсониро дар замири кӯчаки онҳо падару модарон ва баъдтар дар муассисаи таълимӣ омӯзгорони кулли фанҳои таълимӣ побарҷову мустаҳкам намуда, моҳияти ифтихори миллиро мефаҳмонанд.

Ҳар як давлати миллӣ ба рамзҳои давлатии он робитаи ногусастанӣ дорад. Дар моддаи 3 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ мустаҳкам гардидаанд, ки онҳо боиси ифтихори миллии ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравանд [113].

Бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи таърихии 16- уми Шурои Олии Тоҷикистон Парчами давлатии

Тоҷикистон - чун рамзи давлатдории навини тоҷикон кабул гардид, ҳарчанд ки ҳанӯз аз давраҳои хеле қадим тоҷикон соҳибпарчам буданд. Нахуст Парчами ориёнтаборон - Дирафши Ковиён аз тамаддуни қадимаю бойи тоҷикон дарак медод. Соли 1924 Тоҷикистон ҳамчун давлати мухтор соҳиби Парчами нав гардид, вале бартарият ба Парчами давлатии ИҶШС дода мешуд, бо ибораи дигар гӯем, Парчами замони шуравии Тоҷикистон дувумдараҷа маҳсуб меёфт.

Яке аз рукнҳои дигари ифтихори миллӣ Истиқлолияти давлатӣ мебошад ва он дар назди миллати соҳибфарҳангу соҳибтамаддуни тоҷик масъулиятҳои хеле ҷиддӣ: оштии миллӣ, бунёди давлати миллӣ, рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва баланд бардоштани мақому манзалати инсон дар ҷомеа ва монанд ба инҳо мебошад. Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, хосатан, хонандагони муассисаҳои таълимӣ, ки тақдири ояндаи миллат аз онҳо вобастагии зиёд дорад, бояд баҳри шукуфоии Тоҷикистони соҳибистиқлол-давлати воқеан ҳам дунявию демократӣ ҷидду ҷаҳд намоянд.

Ҳоло, ки Тоҷикистонро ҷомеаи ҷаҳонӣ чун кишвари демократӣ, ҳуқуқбунёд ва озод эътироф кардааст, мо бояд мисли ангуштҳои як даст, шохобҳои як рӯд, гулҳои як боғ, фарзандони як модар амал намуда, дар эъмори давлати воқеан ҳам дунявӣ саҳми фаъол бигзорем ва танҳо бо номи миллат ифтихор кунем.

Гузашта аз ин, ватандӯстию ифтихори миллиро ба хонандагон тавассути саҳифаҳои рангин ва рӯзгори равшани миллати мо, ки дар тӯли таърих бо талошу муборизаҳои ниёгонамон, пешвоён ва сарлашкарон, назири Шерак, Спитамен, Темурмалик, Муқаннаъ, Исмоили Сомонӣ, Восеъ, Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Бобоҷон Ғафуров, варзишгарони нотакрор Раҳматулло Искандаров, Саидмуъмин Раҳимов, Зебунисо Рустамова, Мавзуна Чориева, Дилшод Назаров ва даҳҳо зиёиёну сиёсатмадорони шарафманди дигар тавъам буд, тарбия намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Ба ақидаи мо, омӯзгор мувазззаф аст, ки дар симои фарзандони машҳури таърихӣ, ҳунармандону санъаткорон, табибони барҷастаи шуҳрати ҷаҳонидошта, адибону мутафаккирон, шоирону олимон, файласуфону муаррихон ва монанд ба инҳо тарбияи ватандӯстию ифтихори миллиро дар замири хонандагон, новобаста аз фанни таълимӣ (зеро ҳар як фанни таълимӣ қодир аст, ки хонандаро дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намояд) эҳё ва мустаҳкам намояд.

Хонандагонро дар ҷараёни таҳсил тавре таълиму тарбия додан лозим меояд, ки дар навбати аввал ба ҷо овардани эҳтиром ва донистани қадру қимати инсон, илму дониш ва дӯст доштани ватан, меҳру муҳаббати беандоза доштан нисбат ба он, сарфаҳм рафтан ба мафҳуми хештаншиносию худогоҳӣ, ватандӯстию ифтихори миллӣ ва донанд, ки онҳо аз кадом наслу авлоданд, ҳамчунин, вазифаи муқаддаси дар назди онҳо гузаштаро сомон дода тавонанд.

Аз диди мо, барои дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагон ба омӯзгорон зарур аст, ки дар радифи дониши хуби тахассусӣ доштан, инчунин, оид ба масъалаҳои психологию педагогӣ низ дониши ҳаматарафа рушдёфтаро фарогир бошад. Бе ҷаҳони васеи педагогию психологӣ омӯзгор ба ҳеҷ ваҷҳ барои дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намудани мактаббачагон шарафёб намешавад, зеро дониши педагогию психологӣ омили асосиест барои тарбияи ватандӯстию ифтихори миллӣ.

Ба андешаи мо, пеш аз ҳама, дастовардҳои самараноки фаъолияти ҳар як омӯзгор марбут ба тарбияи ватандӯстию ифтихори миллӣ ҷаҳонбинӣ, маҳорат, донишу истифодаи методҳои ҷадидтарини таълимро тақозо дорад.

Омӯзгор хонандагонро замоне дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия карда ба камол мерасонад, ки худаш бо дониши баланд ва ҷаҳонбинии васеи педагогию психологӣ мусаллаҳ гардидааст, аз таърихи гузаштаву муосири миллати худ, муқаддасоти миллӣ, таърихи тамаддуни

башар, расму оин ва монанди инҳо ба хубӣ бохабар аст ва донишу ҷаҳони маънавии воло дорад.

Таърихи тамаддуни башарӣ гувоҳ аст, худшиносӣ ва ифтихори миллӣ пойдевори бақои миллати соҳибэҳтиром ва бофарҳанг аст. Миллате, ки забон, тафаккури миллӣ, таъриху адабиёт, расму оин ва арзишҳои фарҳангиашро қадр намекунад, пояҳои истиқлолияташро низ чандон дер пуштибонӣ карда наметавонад.

Бо мақсади ба талаботи давр ҷавобгӯ тарбия намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифодаи самараноки корҳои беруназсинфӣ манфиати калон дорад, ки усулҳои ташкилу гузаронидани онҳо гуногун аст: ташкил намудани мизи мудаввар, конференсияҳои фаннӣ, мубоҳисаву мусоҳибаҳо, шабҳои саволу ҷавоб ва амсол ба инҳо.

Ҳангоми ташкил ва гузаронидани корҳои гуногуни беруназсинфӣ даъват намудани мутахассисони соҳаҳои мухталиф ва падару модарони синну солашон гуногун ба мақсад мувофиқ аст, зеро падару модарон тавассути дониш, маҳорат ва таҷрибаи шахсӣ ба падару модарони ҷавон маслиҳатҳо медиҳанд ва бад-ин васила онҳоро низ то дараҷае ба тарбияи фарзандон омода месозанд. Ин тарзи корбарӣ имконият медиҳад, ки ҷаҳонбинии падару модарони ҷавон васеъ гардад, таҷрибаи пешқадами хонаводаҳои беҳтаринро ба роҳбарӣ гирифта, дар тарбияи фарзандони хеш амалӣ намоянд. Гузашта аз ин, шаклҳои дигари корбарӣ, монанди: ташкили лексияҳо дар мавзуи ватандӯстию ифтихори миллӣ, ба роҳ мондани семинарҳо дар мавзуи фавқӣ, вохӯрӣ ба хонаводаҳои намунавӣ, машваратҳои педагогӣ, ташкили суҳбат, мусоҳибаву мубоҳисаҳо ва монанди  инҳо ба беҳтар гардидани ҷаҳонбинии падару модарон ва ташаккул ёфтани ҷаҳони маънавии онҳо бобати ватандӯстию ифтихори миллӣ боис мегардад.

Барои ба мақсад мувофиқ гузаронидани корҳои берун аз синф бо иштироки падару модарон муассиса вазифадор аст, ки онҳоро 10-12 рӯз

пештар огоҳ намояд ва албатта, тавассути шиноснамоӣ бо нақша, мавзуъ ва масъалаҳои асосии чорабинӣ.

Аз рӯи назарсанҷии мо маълум гардид, ки бароҳмонии чунин шаклҳои корҳои беруназсинфӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ хеле кам гузаронида мешавад. Ҳамчунин, ба талаботи давр то он ҷое, ки даркор аст, ҷавобгӯ набудани дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз диди мо, асосан, чунин сабабҳо дорад:

– ба масъалаи дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагон диққати ҷиддӣ надодани қисме аз омӯзгорон;

– дар хусуси ифтихори миллӣ ва муҳтавои он рӯякӣ муносибат намудани баъзе аз омӯзгорон;

– аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа таҳлил нашудани мавзуъҳо вобаста ба ватандӯстию ифтихори миллӣ;

– мунтазам дар алоқаи доимӣ набудани муассисаҳои таълимӣ бо хонаводаҳо;

– кам ба роҳ мондани корҳои беруназсинфӣ марбут ба ватандӯстию ифтихори миллӣ;

– якмаромӣ ва беташаббусӣ ҷиҳати ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагон дар алоқамандӣ бо хонаводаҳо;

– фориғболӣ ва дараҷаи пасти касбии омӯзгорони алоҳида дар мавриди дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагон.

Масъалаи тарбияи ватандӯстию ифтихори миллӣ корбарии доманадор ва ҳамкории доимии оила, мактаб ва ҷомеаро тақозо дорад. Самаранок корбандӣ намудани тарбияи ватандӯстию ифтихори миллӣ кори якҷояи мактаб, хонавода ва аҳли ҷомеаро тақозо дорад.

Дар кори самаранок ба роҳ мондани тарбияи ватандӯстию ифтихори миллӣ ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷалб намудани хонаводаҳои намунавӣ дорои аҳамияти калон аст.

Аз ин лиҳоз, ҷалб намудани онҳо ба ҷаласаҳои синфӣ ва ё умумимактабӣ ва шаклҳои дигари корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ ба манфиати таълим ва ҳам тарбия аст, зеро онҳо тарбияи хонаводагии худро бо тарбияи муассисаи таълимӣ ва ҷомеа, бо тарбияе, ки муассисаи таълимӣ корбандӣ менамояд, тавъам мебинанд.

Ба ин маънӣ дар Консепсияи мактаби миллӣ қайд гардидааст, «Бунёди принсипи гуманистӣ ва демократӣ, ки ҳоло ҷомеаи мо ба сӯи он роҳ гирифтааст, дар оила, боғча ва муассисаи таълимӣ рехта мешавад. Маҳз муассисаи таълимӣ қодир аст, ки бо тарзи ба роҳ мондани педагогикаи ҳамкорӣ байни муаллиму мактаб ва аҳли мактабу ҷомеа тарбияи маънавию рафтори шоистаи талабаҳоро сайқал диҳад» [108, с.8].

Аз мушоҳидаҳои мо бармеояд, ки сатҳи дониш ва фаҳми педагогии на ҳамаи падару модарон ба дараҷаи даркорӣ ҷавобгӯи даврони муосир аст ва аксари онҳо аз нозукиҳои педагогикаю психология бехабаранд ва дар ин ҷода тасаввуроти зарурию даркориро надоранд гӯем, хато намекунем, истисно аз шумораи ангуштшумори онҳо. Муассисаи таълимӣ тавассути барқарор намудани робитаи доимӣ ва ногусастанӣ бо падару модарон ва ҷалб намудани хонаводаҳо ба чорабиниҳои умумимуассисавӣ: ташкили суҳбату вохӯриҳо, конференсияҳо, ҷаласаҳои умумии падару модарон, шабҳои саволу ҷавоб, бароҳмонии мубоҳисаву мусоҳибаҳо ва монанд ба инҳо имкон фароҳам оварда метавонанд, ки тадриҷан ба фаҳм ва ҷаҳони дарки онҳо таъсир расонида, кори тарбия, хосатан, тарбияи ватандӯстию ифтихори миллиро мувофиқ ба талаботи ҷомеаи кунунӣ роҳандозӣ намояд.

Аз нуқтаи назари мо, алоқаи мунтазами муассисаҳои таълимӣ бо хонаводаҳо ва ба хонаҳои хонандагон рафтани роҳбарони синфҳо воситаи муҳиммест баҳри тарбияи дурусти ватандӯстию ифтихори миллӣ ва дарки бошууронаи он аз ҷониби хонандагон. Бо ҳамрайъию ҳамдигарфаҳмӣ ва робитаи ногусастании аъзоёни хонавода ва муассисаи таълимӣ кори тарбия аз ҳар ҷиҳат беҳтар гардида, хубтар ба роҳ монда мешавад.

Таҳқиқот ва санҷишҳои гузаронидашуда шаҳодати онанд, ки айни замон робитаи байни хонавода ва муассисаҳои таълимӣ хеле паст рафтааст, яъне 25-30 %-ро ташкил медиҳаду халос.

Ҳаматарафа ташаккулёфта ба воя расонидани хонандагон дар бо ҳам омадани қувваҳои муассисаи таълимӣ, оила ва аҳли ҷомеа дида мешавад. Ин се ниҳод дар сурати байни худ пайдо намудани робитаи қавӣ метавонанд хонандагонро дар рӯҳияи ахлоқи ҳамида, алалхусус, дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намуда, ба шоҳроҳи ҳаёт баҳри хизмати ватан раҳнамун созанд.

Дар рӯҳияи поктинатию ахлоқи ҳамида, меҳру муҳаббат доштан ба ватан, садоқат ба миллати худ ва халқияту миллатҳои дигар, хештаншиносу худогоҳ ва ватандӯсту тафохури миллӣ ва амсоли чунин хислатҳои неки инсонӣ тарбия намудан вазифаи аввалиндараҷа ва шарафманди муассисаи таълимӣ, хонавода ва аҳли ҷомеа маҳсуб меёбад.

- дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагон ҳамкории дастҷамъонаи хонавода, муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеа масъалаҳои поёниро дар бар мегирад:
- алоқаи ногусастании созмонҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, омӯзгорон ва падару модарон бастаи ватандӯстию ифтихори миллии хонандагон;
- o ташкил намудани суҳбат, шабҳои саволу ҷавоб, мусоҳибаву мубоҳисаҳо, конференсияҳо ва амсоли инҳо бо мақсади дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагон;
- ҳамкории якҷояи муассисаҳои таълимӣ, хонавода ва ҷомеа дар баландбардорӣ ва рушди ватандӯстию ифтихори миллӣ;
- таъмини иштироки пурраи падару модарон дар ҷаласаву ҷамъомадҳои муассисаҳои таълимӣ марбут ба тарбияи ватандӯстию ифтихори миллӣ;
- дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагон вазифаи ҳар як падару модар ва бузургсолони хонаводаву аҳли ҷомеа мебошад;

– дар тарбияи ҳаматарафаи мактаббачагон, алалхусус, тарбияи ватандӯстию ифтихори миллӣ муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун муассисаи давлатӣ нақши аввалиндараҷаро молик аст;

– маводи таълимиро дар ҳар як дарс (вобаста ба мазмун ва мундариҷаи мавзуъ) муаллим бояд ба масъалаи ватандӯстию ифтихори миллӣ дар алоқамандӣ корбаст намояд;

– дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагон яке аз вазифаи аввалиндараҷаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дониста мешавад;

– яке аз сарчашмаҳои асосии тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ватандӯстию ифтихори миллӣ маҳсуб меёбад;

– дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагон ҳамкории бонизоми байни муассисаи таълимӣ, хонавода ва аҳли ҷомеа зарур аст;

– дар хонандагон тарбия намудани хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, солимақлию солимрӯҳӣ, садоқат ба Ватан ва меҳру садоқат доштан ба миллату халқияти он, худшиносию худогоҳӣ ва илмдӯстӣ барин рафторҳои нек вазифаи асосии аҳли ҷомеа маҳсуб меёбад;

– алоқаи байни муассисаи таълимӣ ва хонавода дар ҳамбастагӣ корбандӣ карда мешавад;

– хонавода, ки як ҷузъи ҷомеа аст, аз таъсири муҳит, атроф ва ҷомеа дар канор нест;

– мо дар таҳқиқоти худ ҳамкории хонавода, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаро ҷиҳати дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тариқи зайл ҷамъбаст ва хулосабарорӣ кардем:

– баланд бардоштани сатҳи педагогӣ ва психологию фарҳангии падару модарон зимни ташкил ва гузаронидани суҳбатҳо, мубоҳисаву мусоҳибаҳо, лексияву конференсияҳо вобаста ба масъалаҳои педагогию психологӣ, тандурустию ҷисмонӣ, гигиению экологӣ ва амсоли инҳо;

– корбандӣ намудани вохӯрию баромадҳо тавассути фаъолияти падару модарон, шахсиятҳои шинохта ва хонаводаи намунавӣ байни хонандагон;

– ба хонаводаи хонандагон рафтани роҳбарони синфҳо бо мақсади аз наздик шинос гардидан ба шароит ва вазъи зиндагии онҳо;

– ташкил ва гузаронидани маҷлисҳои синфӣ ва умумимактабӣ бо иштироки падару модарон;

– ташкил намудани лавҳаи оилаҳои намунавӣ, шахсиятҳои шинохта дар сатҳи ҷумҳурӣ аз ҳисоби хатмкардаҳои муассисаҳои таълимӣ;

– ба намоиш гузоштани иншоҳои намунавӣ, корҳои санҷишию эҷодӣ ва техникии хонандагон бо мақсади шинос гардидани падару модарон бо маҳсули эҷоди илмию амалии фарзандон;

– тартиб додани нақшаи кори тарбиявии муассисаҳои таълимӣ пеш аз оғози таҳсил;

Ба ақидаи мо, бодиққату бошуурона аз бар намудани силсилаи донишҳо ба рушду ташаккули тафаккур, тасаввурот, қобилияти ақлию зеҳнӣ, рушди истеъдод, васеъ гардидани ҷаҳони маънавии хонандагон боис мегардад ва бад-ин васила худ ва дигаронро шинохтан барои дониши қаноаткунанда андӯхтан марбут ба мафҳумҳои ватандӯстию ифтихори миллӣ заминаи мусоид мегузорад.

Втандӯстӣ ва ифтихори миллӣ зуҳуроти эҳтироми баланд нисбат ба миллат ва хусусиятҳои этнопсихологии миллӣ ва саҳми миллат дар фарҳанги ҷаҳонӣ дар асоси огоҳӣ ва эътиқод мебошад.

## 1.3. Мушкилоти тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва роҳҳои бартарафсозии он тавассути ғояҳои ватандӯстонаи ашъори адибон

Ҳар як муассисаи таълимӣ ва ҳам падару модар мехоҳад хонандагон ва фарзандашро хуб тарбия кунад. Аксар вақт омӯзгорон ва волидон ба саҳву иштибоҳоти зиёд роҳ медиҳанд, ки ба қобилияти ҷисмонии хонанда, ҳолати рӯҳии ӯ таъсири манфӣ мерасонанд.

*Айбномаҳо ва таҳдидҳо.* Усули тарбия бо айб, таҳдид, тарсондан, таҳқир иштибоҳи комилан ҷиддӣ аст, ки аз гузашта ба мо омадааст. Ҳисси шарму хиҷолат майли ба поён нигох карданро ба вучуд меоварад, фаъолиятро фалаҷ мекунад ва ҳар як ташаббусро маҳв мекунад. Иштибоҳоти содиркардаи хонандагон ва наврасон ба ягон мушкилоти ҷаҳонӣ оварда намерасонанд. Дар баробари шарму хиҷолат бисёр омӯзгорон ва волидайн гуноҳро фаъолона истифода мебаранд. Бо айбдор кардан бисёриҳо кӯшиш мекунанд, ки ба кӯдакон як навъ такони (ё ангеза) барои ноил шудан ба муваффақият расонанд. Танҳо ин ниятҳои нек асоснок намешаванд,

Афкори муттаҳамкунандаи доимии омӯзгорон, мураббиён ва волидайн ба он оварда мерасонад, ки кӯдак шавқу рағбат нисбати ҳаётро гум мекунад, худро ҳамчун махлуқи нотавон ҳис мекунад.

*Номутобиқатӣ ва носозгорӣ дар таълим.* Хонанда аз синни хеле барвақт сар карда, бояд барои он чизе, ки иҷозат дода мешавад, сарҳадҳои дақиқро эҳсос ва муайян кунад. Талабот ва мамнуъиятҳоро ҳар рӯз та ғйир додан нодуруст аст. Дар чунин муҳит хонандагон аксар вақт гум мешаванд ва дар «имконнопазир»-и гуногун мавқеи худро комилан аз даст медиҳанд. Кӯдакон бояд бо муҳаббати беандоза дӯст дошта шаванд, дар ҳоле ки муваффақиятҳои онҳоро мушоҳида карда, онҳоро барои ғалабаҳои хурд руҳбаланд кардан лозим аст.

Қисмҳои ношоиста низ набояд нодида бимонанд, балки бидуни ифрот рафтор кунанд. Танҳо ба хонанда фаҳмонидан лозим, ки шумо

ӯро то ҳол дӯст медоред, аммо ин гуна рафторро тасдиқ накунед. Ҳар гуна зӯроварӣ, даҳшатро як сӯ гузоштан лозим, ба хонанда роҳи рушдро нишон диҳед, пас ӯ мустақилона пеш меравад.

Талабот нисбат ба хонандагони хурдсол бояд барои ҳамаи омӯзгорони муассисаи таълимӣ ва аъзоёни оила як хел бошад. Дар акси ҳол, онҳо ба вазъият мутобиқ шуданро меомӯзанд. Он омӯзгорон ва волидайне, ки мавқеи тарбияашон барои фарзанд комилан номусоид аст, эътибори худро аз даст медиҳад.

Ҳамин тариқ, барои ба ҳадди аксар расонидани таъсири мусбӣ ва кам кардани таъсири манфии омӯзгорон ва оила ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонанда ва фарзанд ва рафъи иштибоҳоти хоси тарбияи оилавӣ, бояд омилҳои умумии психологии дохили муассисаи таълимӣ ва оиларо, ки аҳамияти тарбиявӣ доранд, ба ёд орем: дар фаъолияти муассисаи таълимӣ ва ҳаёти оилавӣ фаъолона иштирок кардан; ҳамеша вақт пайдо карда бо хонандагон ва фарзандон суҳбат карданд; ба мушкилоти хонанда ва фарзанд таваҷҷуҳ зоҳир кардан, тамоми мушкилотеро, ки дар таълиму тарбия ва ҳаёти ӯ ба миён меоянд, омӯхтан ва ба рушди маҳорат ва истеъдоди ӯ мусоидат кардан; ба хонанда ва фарзан фишор наовардан ва ба ин восила ба ӯ дар қабули қарорҳои мустақилона кумак кардан; дар бораи марҳилаҳои гуногуни таълиму тарбия ва ҳаёти хонанда ва фарзанд тасаввурот ва маълумот доштан; ҳуқуқи хонанда ва фарзандро бо ақидаи худ эҳтиром кардан; қобилияти ҷилавгирӣ аз инстинктҳои соҳибӣ ва муносибат кардан ба хонанда ва фарзанд ҳамчун шарики баробарҳуқуқ, ки то ҳол таҷрибаи камтари зиндагӣ дорад; хоҳиши ҳамаи омӯзгорон ва аъзоёни дигари оиларо барои касб кардан ва такмил додани худ эҳтиром кардан.

Бо вуҷуди ҳамаи ин, дар ҳаёти ҳаррӯзаи мо душвор аст, ки ин аҳкоми оддиро риоя кунем, душвор аст, ки стандарти баландтарин - «омӯзгорони иделӣ» ва «волидони идеалӣ»-ро муаяссар ва мушарраф шавем ва ҳол он ки зарур аст, зеро он чи ки дар зери хатар аст, воқеияти

хонандагон ва фарзандони мост. Бигузор муносибати мо бо онҳо созгор бошад.

Ҳамин тариқ, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар мавриди таълим додану тарбия намудани хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ баъзе душвориҳое дучор меоянд, ки онҳо барои омӯзиши самаранок ва аз худ шудани маводи таълимии марбут ба мавзуи зикргардида то андозае монеа пеш меоранд. Бо мақсади бартараф намудани душвориҳои ҷойдоштаи таълимӣ дар ҷараёни омӯзиш, корҳои беруназсинфию беруназмактабӣ ва маҳфилҳои фаннӣ (фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик) методҳои омӯзишӣ, аз қабили: саволу ҷавоб, пурсиш (пурсишҳои фардию гурӯҳӣ), мушоҳида, машварату суҳбатҳо ва амсол ба инҳо тарҳрезию корбандӣ гардидаанд. Муҳтавои нахуст ин буд, ки бо усули истифодаи саволу ҷавоб сабабҳои мушкилоти хонандагон вобаста ба ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ошкор карда шавад.

Бинобар ин, мо саволу ҷавобро бо мақсади фаҳмида гирифтани фикру ақидаҳои омӯзгорон оид ба мушкилоти дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз онҳо оғоз намудем ва саволҳои зеринро пешкаши омӯзгорони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №,№4, 22, 23, 49-и ноҳияи Шамсиддин Шоҳин гардонидем:

1. Зимни таълими мавзуъҳои барномавӣ барои дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани хонандагон душворие пеш меояд?

Аз 23 нафар омӯзгорони иштирокчӣ ҳама (100 %) ҷавоб доданд: не, душворие пеш намеояд.

2. Дар хусуси дар рӯҳияи ифтихори миллӣ ба воя расонидани хонандагон чӣ?

Аз шумораи мазкур 15 нафар (65,2%) ҷавоби **душворӣ надорем**, 8 нафар (34,7%) ҷавоби **душворӣ дорем** доданд.

3. Тафовути ватандӯстию ифтихори миллиро дар чӣ мебинед?

15 нафар (65,2%) аз посухдиҳандагон ҷавоби пурра доданд, ҷавоби 5 нафар (21,7%) қаноаткунанда буд ва 3 н (13%) ҷавобе нагуфтанд.

4. Кадом шоирони ҳавзаи адабии Кӯлобро медонед?

16н (69,5%) аз омӯзгорон ба саволи мазкур ҷавоби пурра доданд, ҷавоби 5 нафар (21,7%) қаноаткунанда буд ва 2 нафар (8,69%) ҷавоб надоданд.

Айнан саволҳои фавқиро бо мақсади назарсанҷӣ ба омӯзгорони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № №12,16,24,32-и ноҳияи Фархор додем:

1. Зимни таълими мавзуъҳои барномавӣ барои дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани хонандагон душворие пеш меояд?

Аз 24 нафар омӯзгори иштирокчӣ ҳама (100%) ҷавоб доданд: **не, душворӣ надорем**.

2. Дар хусуси дар рӯҳияи ифтихори миллӣ ба воя расонидани хонандагон чӣ?

Аз шумораи мазкур 16 нафар (66,6%) ҷавоби **душворӣ надорем**, 8 нафар (33,3%) ҷавоби **душворӣ дорем** доданд.

3. Тафовути ватандӯстию ифтихори миллиро дар чӣ мебинед?

16 нафар (66,6%)аз посухдиҳандагон ҷавоби пурра доданд, ҷавоби 3 нафар (12,5%) қаноаткунанда буд ва 5 нафар (20,8%) ҷавобе надоданд.

4. Кадом шоирони ҳавзаи адабии Кӯлобро медонед?

15 нафар (62,5%) аз омӯзгорон ба саволи мазкур ҷавоби пурра ва саҳеҳ доданд, ҷавоби 4 нафар (16,6%) қаноаткунанда ва 5 нафар (20,8%) ҷавоб надоданд.

Саволҳои болоро бо мақсади фаҳмидани назари омӯзгорони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №№ 3,8,42,53-и шаҳри Кӯлоб корбаст намудем:

1. Зимни таълими мавзуъҳои барномавӣ барои дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани хонандагон душворие пеш меояд?

Аз 25 нафар омӯзгори иштирокчӣ ҳама (100%) ҷавоби **не** доданд.

2. Дар хусуси дар рӯҳияи ифтихори миллӣ ба воя расонидани хонандагон чӣ?

Аз шумораи мазкур 19 нафар (76%) ҷавоби **душворӣ надорем**, 4 нафар (16%) ҷавоби **душворӣ дорем,** 2 нафар (8%) ҷавоб надоданд.

3. Тафовути ватандӯстию ифтихори миллиро дар чӣ мебинед?

18 нафар (72%) аз посухдиҳандагон ҷавоби пурра доданд, ҷавоби 4 нафар (16%) қаноаткунанда буд ва 3 нафар (12%) ҷавобе нагуфтанд.

4. Кадом шоирони ҳавзаи адабии Кӯлобро медонед?

17 нафар (68%) аз омӯзгорон ба саволи мазкур ҷавоби пурра доданд, ҷавоби 5 нафар (20%) қаноаткунанда ва 3 нафар (12%) ҷавоб надоданд.

Ҳамин гуна назарсанҷиро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№4, 10, 21, 28-и ноҳияҳои Восеъ, 3, 11, 21, 25-и ноҳияи Муъминобод ва №№10, 16, 18 ва 26-и ноҳияи Ховалинг корбаст намудем, ки дар маҷмуъ 116 омӯзгор ба назарсанҷӣ фаро гирифта шуданд.

Дар раванди таҳқиқот бо мақсади мушаххас намудани сабабҳои душвории дониши мукаммал нагирифтани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо омӯзгорони ноҳияҳои болозикр бо саволи «Дар дониши мукаммал гирифтани хонандагон вобаста ба шоирони ҳавзаи адабии Кӯлоб кадом душвориҳо садди роҳ мегарданд?» муроҷиат намудем.

Аксарияти омӯзгорон сабабҳои душвории дониши мукаммал нагирифтани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро марбути эҷодиёти шоирони ҳавзаи адабии Кӯлоб дар ҷудо нагардидани соатҳои таълимӣ медонанд. Таълими он соатҳое, ки дар барномаи таълимӣ омадааст, омӯзгорону хонандагонро қаноатбахш карда наметавонад. Ҷавоби омӯзгорон ба саволи болоӣ дар маҷмуъ чунин натиҷа дод:

Фархор – 96,1%

Ноҳияи Шамсиддин Шоҳин – 96,1%

Ноҳияи Восеъ – 95,3%

Ноҳияи Муъминобод –95,6%

Ноҳияи Ховалинг – 96,4%

Шаҳри Кӯлоб – 98,2%

Дар маҷмуъ 96,6%-и омӯзгорон хоҳони ба барномаи таълимӣ ҷой додани баъзе аз шоирони шинохтаи тоҷик чун, С.Вализода, Ҳ.Ғоиб, С.Ҳакимзода, А.Сафар, Ғ.Сафарзода, М.Ғоиб ва амсол ба инҳо буда, воридсозии эҷодиёти ин гуна шоиронро яке аз василаҳои бартараф намудани душвории мавҷуда дар тарбияи хонандагон дар руҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ донистанд. Ҳамчунин, иброз намуданд, ки кам нестанд адибону шоироне, ки мероси адабӣ ва ё эҷодиёти пурғановати онҳоро на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар хориҷи мамлакат, аз ҷумла, дар Афғонистону Эрон ва дигар кишварҳои Шарқ мешиносанд ва ба сеҳри қалами онҳо хуб баҳогузорӣ низ кардаанд.

3.6% -и омӯзгорон дар ҷавоб додан худдорӣ намуданд.

Сарфи назар аз ин, омӯзгорон тавассути ба эътибор гирифтани маслиҳату машваратҳои мо ҷаҳд бар он менамуданд, ки бештар бо истифода аз дониш, маҳорат ва малакаи педагогии худ барои пешгирии душвориҳои дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагон бисёртар ба худи хонандагон такя намуда, фаъолнокии онҳоро афзун менамуданд. Истифодаи чунин усул аз як тараф боис ба баланд гардидани дониши назариявӣ ва васеъ гардидани ҷаҳони маънавии хонандагон гардад, аз тарафи дигар, ба боло рафтани дарку фаъолияти тарбиявии онҳо сабаб мегардад.

Албатта, ҳар як мавзуи назариявӣ хислати хоси тарбиявии худро дорад ва аз мавзуи таълимӣ ҷудо накардану оид ба масъалаҳои тарбиявии он наистодани омӯзгор боз як душвории дигари кори тарбияро рӯи кор меорад. Дар китобҳои дарсии адабиёти тоҷик мавриди тарбияи ватандӯстию ифтихори миллӣ мавзуи махсус ва ё соати алоҳидаи таълимӣ ҷудо карда нашудааст. То кадом андоза ва чи гуна ба

роҳ мондани он ба донишу маҳорат ва ҷаҳонбинию таҷрибаи кори педагогии худи омӯзгор вобаста аст.

Ғайр аз ин, баъзе омилҳои дар назар одӣ, вале дар амал барои дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагон монеа пеш меоранд, ки дар раванди омӯзиш ноаён мемонанд ва паҳлуи тарбиявии мавзуъ ба гӯшаи фаромӯшӣ меафтад. Масалан, диққати ҷиддӣ надодан ба ҷиҳатҳои асосии ин ё он мавзуи таълимӣ (хосатан манзумаҳо), таҳлили ҳаматарафа ва пурра наёфтани қаҳрамонҳои марказии асар (хоҳ қаҳрамони мусбӣ бошаду хоҳ образи манфӣ), ба ҳаёти даврони муосир вобаста ва алоқаманд накардани амалиёти қаҳрамонҳои марказии асар (албатта бо назардошти вазъи сиёсию адабии давр), ҷиҳатҳои тарбиявии мавзуъро накушодани омӯзгор ва амсол ба инҳо.

Бо ба эътиборгирии ин норасоиҳо дар фаъолияти омӯзгорон бо мақсадиислоҳдорорӣ дар раванди таълимии онҳо марбути азбарнамоии босамари мавзуъҳои фанни адабиёти тоҷик аз ҷониби хонандагон чораҳои зарурии ёрирасон андешида ва пешкаши онҳо гардонида шуд.

Маълум аст, ки дар ҳама синфҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳо хонандагоне ҳастанд, ки нисбатан камфаъоланд ва дар азбаркунию иҷрои супоришҳои омӯзгор камҳавсалагӣ мекунанд. Дар ин мавридҳо ба омӯзгор лозим аст, ки диққати хонандагони сустхону камҳавсаларо тавассути истифодаи методи ҳавасмандгардонӣ ба омӯзишу самаранок аз худ намудани мавзуъҳо ҷалб намуда, дар замири онҳо тадриҷан меҳру муҳаббатро нисбат ба дониш бедор намуда, дар тарбияи солим гирифтани ин зумра хонандагон нақши доимӣ бозад.

Ҳамин минвол, омӯзгор метавонад ҳиссиёт ва шавқу рағбати хонандагонро нисбат ба кори таълиму тарбия бедор намуда, оҳиста-оҳиста онҳоро бо хонандагони бомасъулият баробар намояд. Дар мавриди истифодаи давомноки ин усул омӯзгорро зарур меояд, ки бо хонандагони сустхон муносибати самимӣ ва хушҳолона дошта, аз худ кибру ғурур ва хашму ғазабро дур сохта роҳҳои фаъолгардонии онҳоро

истифода намояд. Кам нестанд хонандагони сустхон, ки онҳо мехоҳанд ва метавонанд дар як вақти фосиладори муайян тавассути ёрии бевоситаи омӯзгор аз ин вартаи камсаводӣ бароянд.

Назарсанҷӣ, суҳбату машваратҳо ва таҳлили омӯзиши фаъолияти таълимӣ ва методии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳо бо мақсади рафъи мушкилоти таълимӣ миёни хонандагон ҳангоми таълими ашъори шоирони ҳавзаи адабии Кӯлоб вобаста ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ имконият фароҳам овард, то мо тафовути байни хонандагони муваффақ ва сустхонро муайян намоем:

– дар хонандагони сустхон шавқу рағбат нисбат ба омӯзиши мавзуъҳои таълимӣ кам аст;

– онҳо диққати худро ҳангоми омӯзиш ба азхуд кардани мазмун ва мундариҷаи асосии мавзуъҳои таълимӣ сидқан равона намесозанд ва ба чи гуна хулосабарорию ҷамъбаст гардидани мазмуни матнҳо ва мавзуи асосии онҳо чандон аҳамият намедиҳанд;

– то кадом дараҷа азбар гардидани мавзуъҳо ба хусусиятҳои психологии хонандагони сустхон вобастагӣ дорад ва ин ба азбаркунии раванди пурраи дониш монеа мегардад, онро омӯзгор бояд дар тамоми рафти таҳсил зери назорати доимии худ қарор диҳад, зеро ислоҳи чунин норасоиҳо таҷрибаи баланди педагогию психологӣ ва корбарии дуру дарозро тақозо дорад.

Бо мақсади фаҳмида гирифтани он ки омӯзгорон барои бартараф намудани мушкилоте, ки марбут ба эҷодиёти шоирони ҳавзаи адабии Кӯлоб пеш омадааст, бо омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои дар боло овардашуда суҳбати муштараке баргузор кардем. Зимни суҳбат масъалаи ба китобҳои дарсии адабиёти тоҷик ҷой додани намунаҳо аз эҷодиёти шоирони ҳавзаи адабии Кӯлоб ки хусусияти тарбиявӣ дошта ва махсусан, ба тарбияи ватандӯстию ифтихори миллӣ бахшида шудаанд, ки татбиқи он, албатта, дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон корбаст

хоҳад гардид, ба миён омад. Инро 96,8%-и иштирокчиёни суҳбат ҷонибдорӣ намуданд.

Дар рафти суҳбат омӯзгорон изҳор намуданд, ки барои рафъи мушкилоти таълимӣ (ба қатори хонандагони муваффақ баровардани хонандагони сустхон) марбут ба масъалаи самарабахш ба роҳ мондани тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ, аввалан, норасоиҳои ошкоргардидаи хонандагон тадриҷан ба ифоқа дароварда шавад ва баъдан, бароиислоҳи мушкилоти мавҷуда шароити муносиб муҳайё кардан ба мақсад мувофиқ аст. Зеро бе шароити муносибу мувофиқ ва бе баназаргирии вазъи психологии хонандагони сустхон ба мақсад муваффақ шудан аз имкон берун аст.

Ҳамчунин, назарсанҷӣ ва таҳлили амалии рафъи душвориҳои таълимии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни адабиёти тоҷик собит намуд, ки воситаҳои асосии рафъи мушкилот, асосан инҳо маҳсуб меёбанд: ҳавасмандкунии хонандагон; истифодаи усулҳо ва технологияи ҷадиди муосир; тарҳрезӣ ва корбаст намудани машғулияти беруназсинфию беруназмактабӣ; маҳфилҳои фаннӣ - фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик,

Вазифаи омӯзгор ва фаъолияти педагогии ӯ танҳо аз таълим додани фанни адабиёт иборат нест, балки аз бедор намудани шавқу рағбат ва такмил додани майлу хоҳиш ба омӯзиши фанни адабиёти тоҷик ва фанҳои ба он наздикбуда, дар байни хонандагон ривоҷ додани худбаҳодиҳӣ ва баҳо додан ба фаъолияти ҳамсинфон, ба роҳ мондани муносибат ва муоширати хуби байниҳамӣ, ҳамчунин, муносибати самимонаву оқилона байни омӯзгору хонанда ва амсол ба инҳо иборат аст.

Ҳар як омӯзгор масъул аст, ки барои рафъи ҳар гуна мушкилоти мавҷуда андешаманду эҳтиёткор бошад, муносибати авторитарӣ (ҳукмравоӣ)-и ӯ дар таълим гирифтану тарбияи хуб дидани хонандагон таъсири манфӣ мерасонад ва ин тарзи муомила боис ба рӯҳафтодагӣ ва дилсардӣ нисбат ба омӯзиши фанни таълимӣ мегардад, инчунин, ҷидду

ҷаҳд ва саъю кӯшиши онҳоро коҳиш дода, сабаби яъсу ноумедӣ, камҳавсалагию дарсбезории онҳо мегардад. Ин тарзи муносибату рафтор дар байни хонандагон рӯҳафтодагию ноумедиро ба миён оварда, барои дар ҳалли ин ё он масъала фаъол будани онҳо монеа пеш меорад. Дар ин сурат хонанда кӯшиш намекунад, ки фаъол бошад ва ё фаъолият нишон диҳад. Муносибати ҳукмравоии омӯзгор шавқу рағбати хонандагонеро, ки пештар баҳри азбарнамоии дониш саъю кӯшиш ба харҷ медоданд, коҳиш дода, ҳавасмандии онҳоро тадриҷан аз байн мебарад ва чунин муносибати омӯзгор низ яке аз масоили барангезандаи душворӣ дар кори таълиму тарбия маҳсуб меёбад.

Аз ин рӯ, ба ақидаи мо, ба ҳар як омӯзгор зарур меояд, ки ӯ бояд хушмуомила ва дар муносибату муоширати бо хонандагон, ки яке аз василаҳои бартарафсозии мушкилоти тарбияи худшиносию худогоҳӣ, ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маҳсуб меёбад, намунаи ибрат бошад, то тавонад дар замири онҳо шавқу рағбат ва майлу ҳоҳишро вобаста ба таълиму тарбияи хуб гирифтан бедор намояд ва дар тарбияи худшиносию худогоҳӣ, ватандӯстию ватанпарварӣ ва ифтихори миллӣ нақши бориз гузошта тавонад.

Дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагон зимни таълими эҷодиёти шоирони ҳавзаи адабии Кӯлоб бо мақсади рафъи мушкилот (нокифоя будани микдори соатҳои таълимӣ дар назар аст), аз шаклҳои дигари корҳои таълимию тарбиявӣ: шабҳои саволу ҷавоб, конференсияҳои фаннӣ (фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик), корҳои беруназсинфию беруназмактабӣ, маҳфилҳои адабӣ, мусоҳибаву мубоҳисаҳо ва монанд ба инҳо самаранок истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

Масалан, омӯзгор-роҳбари маҳфили фанни адабиёти тоҷик метавонад як ва ё якчанд машғулияти маҳфилро ба «Рамзҳои давлатию миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшад.

Роҳбари маҳфил яке аз аъзоёни фаъоли маҳфилро пешакӣ супориш медиҳад, ки вобаста ба «Рамзҳои давлатию миллии Ҷумҳурии

Тоҷикистон» ҳаматарафа тайёрӣ бинад, зеро дар маҳфили оянда марбут ба мавзуи фавқӣ баромад мекунад.

Барои тақвияти афкор намунаеро аз маҳфили «Дӯстдорони адабиёт»-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 49-и ноҳияи Шамсиддин Шоҳин бо унвони «Парчами миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба таври намуна меорем.

Аъзои вазифадоршуда, хонандаи синфи 1Х«Б» Гуландоми Манучеҳр супоришро тариқи зер сомон дода, дар маҳфили навбатӣ, ки бо иштироки васеи хонандагон баргузор гардида буд, ба самъи шунавандагон-иштирокчиён мерасонад:

**Фишурдаи маъруза.** «Рамзҳои давлатию миллии Ҷумҳурии Тоҷикистони азизу соҳибистиқлоламон парчам, нишон, суруди миллӣ, артиши миллӣ, пули миллӣ муқаддасоти ватану давлати миллии мо маҳсуб меёбанд. Барои ҳар як кишвару давлат ва мардуми он рамзҳои давлатию миллӣ азизу муқаддас дониста мешавад ва ҳурмату эҳтиром, қадрдонию нигаҳдории онҳо вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як фарди солимақл мебошад.

Аз ин рӯ, ҳар як омӯзгор, падару модар ва дигар бузургсолони хонавода ва умуман, ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистони азизамон вазифадоранд, ки фарзандону шогирдону набераҳояшонро дар рӯҳияи эҳтиром доштан ба ин муқаддасоти давлатию миллӣ тарбия дода ба воя расонанд.

Имрӯз, мо тавассути маърӯзаи худ дар хусуси яке аз рамзҳои давлатию миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон-Парчами миллӣ маълумот медиҳем:

Миллати тоҷик ҳанӯз аз замони қадим соҳиби Парчам ҳамчун рамзи озодию Истиқлол ва саодати миллӣ буд. Дирафши Ковиён нахуст Парчами ориёнтаборон аз тамаддуни қадимаю бойи тоҷикон дарак медод.

Соли 1924 Тоҷикистон ҳамчун давлати мухтор соҳиби Парчами нав гардид, вале он аз Истиқлолияти том чандон дарак намедод. Замони

Шӯравӣ низ Тоҷикистон Парчами давлатӣ дошт, лекин дар он замон бартарият ба Парчами давлатии ИҶШС дода мешуд. Хушбахтона 9-уми сентябри соли 1991 Тоҷикистон Истиқлолият ба даст овард, вале бо Парчами замони Шӯравӣ муаррифӣ мешуд.

Танҳо бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи таърихии ХУ1-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон Парчами давлатии Тоҷикистон - чун рамзи давлатдории навини тоҷикон кабул гардид. Парчами давлатии мо аз рангҳои сурх, сафед, сабз иборат аст, ки аз муборизаи халқи мо баҳри озодию истиқлолият, бахту иқболи сафеди мардум, кӯшиши ӯ барои ободию сарсабзии кишвар гувоҳӣ медиҳад.

Нишони давлатиамон, мудаввар буда, ду тарафи онро буттаҳои шукуфони пахта ва хӯшаҳои расидаи заррини гандум оро додаанд. Гандум ва пахта аз он шаҳодат медиҳанд, ки кишвари мо асосан зироаткор буда, бештар ба коштану рӯёндани гандуму пахта машғул аст. Дар қисмати поёни нишон китоби кушода, қуллаи кӯҳҳои сар ба фалак кашида, нурҳои заррини офтоб, тоҷ ва ситораҳо тасвир ёфтаанд.

Китоб шаҳодати он аст, ки халқи мо аз дуриҳои дур дорои илму дониш, адабиёт ва фарҳанги қадима буда, дар тамоми ин давраҳо аз мутолиа рӯй нагардонидааст.

Тоҷикистони азизи моро кӯҳҳои сарбафалаккашида ва талу теппаҳои доманфарох иҳота кардаанд ва беҳуда нест, ки онро кишвари кӯҳсор ва пойгоҳи офтоб аст, мегӯянд. Дар кишвари офтобрӯяи зебоманзари мо офтоб қариб дар тамоми фаслҳои сол нурҳои ҳароратбахши худро саховатмандона бар сари мардум ва табиати зебову заминҳои пурфайзи мо арзонӣ медорад. Ҳама файзу баракат, серию ризқи фаровони мардуми кишвари мо лаззати меваю сабзавоти диёри мо, сарсабзии долу дарахтон ҳам аз нури сахобахшандаи офтоби заррин аст. Қисмати болоии нишони давлатии моро нурҳои заррини офтоб, тоҷ ва ҳафт ситора, ки дар шакли нимдоира мунъакис гардидаанд, зинат медиҳанд. Тоҷу ситораҳоро мобайни парчам болои рахи сафед ҳам

мебинем. Дар гузашта тоҷикон соҳиби тахту тоҷ ва давлату давлатдорӣ буданд. Тоҷ шаҳодати тоҷутахтдорӣ баёнгари соҳибшоҳ будани халқамон дар гузашта аст.

9 сентябри соли 1991 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эъломияи истиқлолияти кишварро қабул намуд.

Парафшонии Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин як нишонаи пешравӣ, сарҷамъӣ ва ваҳдати миллии саросарӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад…”.

Омӯзиш, таҳлил ва назарсанҷӣ вобаста ба бартарафсозии мушкилоти тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ марбут ба ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ имконият фароҳам овард, ки душвориҳои хонандагон вобаста ба масъалаи боло ошкор ва баъзе маслиҳатҳо бо мақсади беҳтар гардидани самаранокии кори таълиму тарбия пешкаши омӯзгорон карда шавад. Дар давоми солҳои таҳсил ва омӯзиш норасоиҳо то дараҷае бартараф карда шуданд.

Ба ақидаи мо, батараф кардани ин душвориҳо аз ҳар ҷиҳат дорои аҳамияти калони таълимию тарбиявӣ буда, дар сурати самаранок ба роҳ мондану ислоҳ намудани душвориҳои фавқӣ боис ба рушду ташаккул ёфтани ҷаҳони маънавӣ ва маънавиёти хонандагон мегардад:

– таъсири бевосита расонидани омӯзгорон ба хонандагони нисбатан сустхон бо мақсади фаъол гардонидани онҳо;

– паҳлуҳои мусбати кору фаъолияти хонандагон тавсиф карда шавад ва тадриҷан ба рафтору амали манфии онҳо (дарсгурезӣ, ба дарсҳо дер омадан, ба гапи ҳамсинфон гӯш надодан, ба дарсҳо бе тайёрӣ омадан ва монанд ба инҳо) ислоҳ даровада шавад;

– шавқу рағбати онҳоро нисбат ба дарсҳои адабиёти тоҷик афзун гардонидан:

– сари вақт ислоҳ намудани душвориҳое, ки зимни таълими мавзуъ хонандагон ба онҳо дучор меоянд;

– кӯшиш намудан даркор, ки хонандагон одатҳои манфии худро тадриҷан тарк намуда, одатҳои мусбиро корбандӣ намоянд;

– хонандагони сустхонро ба хонандагони пешқадам бо мақсади ба онҳо расонидани ёрии амалӣ вобаста намудан;

– бештар ба худомӯзӣ раҳнамун сохтани хонандагони сустхон ва зери назорати доимӣ қарор додани фаъолияти онҳо;

– алоқаи омӯзгорон бо хонаводаҳои хонандагони сустхон мунтазам ба роҳ монда шавад, ба мақсади ислоҳи онҳо аз ҳар ҷиҳат-дониш ва интизом;

– ба китобхонаҳои муассисаҳои таълимӣ, деҳа ва ё шаҳру ноҳия аъзо кунонидани хонандагони сустхон ба мақсади ба қатори ҳамсинфони хубхон баробар шудани онҳо ва монанд ба онҳо.

Бад-ин ранг, натиҷагирӣ ва таҳлили ҳаматарафа имкон фароҳам овард, ки хулосаҳои даркории зарурӣ бароварда, дар бароҳмонӣ ва роҳҳои таълими мавзуъҳои ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ марбутбуда, хосатан, дар фаъолияти ислоҳи душвории омӯзгорону хонандагон додани тавсияҳои зерин аз аҳамият холӣ нест:

– аз бар намудани роҳ ва воситаҳои самараовари рафъи норасоӣ ва душвориҳои таълиму тарбияи хонандагон;

– муоинаи сабабҳои ба душворӣ дучор гардидани хонандагон;

– омилҳои асосии пайдошавии душвориҳо ва сустхонии онҳо дар ҷараёни таҳсил;

– муайян кардани роҳ ва воситаҳои аз байн бурдани душвориҳои гуногуни таълимӣ;

– тарғиб ва фаҳмонидани нақш ва таъсири ислоҳи душвории таълимӣ дар фаъолияти якҷояи омӯзгорону хонандагон;

– ба мустақилона ва боваринок хулоса баровардан одат кардани хонандагон тавассути ёрии бевоситаи омӯзгорон.

Бо мақсади беҳтар ба роҳ мондану сари вақт рафъ намудани сустхонӣ ва мушкилоти душвориҳои марбут ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ худи омӯзгор бояд уҳдабаро бошад:

– бедор намудани шавқу рағбат ва ҳавасмандии хонандагонро нисбат ба ватандӯстию ифтихори миллӣ зимни омӯзиши мавзуъҳои таълимӣ;

– эътироф кардани душвориҳо ва усулҳои пешгирӣ кардани онҳо бо мақсади фаъолгардонии хонандагон;

– ба нақша даровардан ва бо хонандагони сустхон ба таври инфиродӣ самаранок кор бурда тавонистан;

– ба роҳ мондани корҳои ислоҳӣ бо мақсади баланд бардоштани ҷаҳони маънавии хонандагон;

– ташкил ва гузаронидани баҳсу мусоҳибаву мунозираҳо вобаста ба ташаккул додани нутқи шифоҳию хаттии хонандагон ва амсол ба инҳо.

Дараҷаи дониши назариявии хонандагони сустхони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Фархор, Восеъ, Шамсиддин Шоҳин, Муъминободу Ховалингро дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ пеш ва пас аз озмоиш дар шакли қиёс назарсанҷию ҷамъбаст намудем, ки дар маҷмуъ дар ҷадвали зер оварда шудааст

**Ҷадвали 1. Дараҷаи дониши назариявии хонандагони сустхони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ то озмоиш (%)**

| Дараҷа | Шумораи хонандагони сустхон (%) | |
|---|---|---|
| | Гурӯҳи озмоишӣ | Гурӯҳи назоратӣ |
| Дараҷаи 4 – баланд | --- | --- |
| Дараҷаи 3 – кифоя | --- | --- |
| Дараҷаи 2– суст | 32,1 | 35,6 |
| Дараҷаи 1 – сифрӣ | 17,9 | 21,4 |

**Расми 3. Дараҷаи дониши назариявии хонандагони сустхони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Фархор, Шамсиддин Шоҳин, Муъминободу Ховалинг то таҷриба**



**Ҷадвали 2. Дараҷаи дониши назариявии хонандагони сустхони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Фархор, Шамсиддин Шоҳин, Муъминободу Ховалинг баъди таҷриба**

| Дараҷа | Шумораи хонандагон (%) | |
|---|---|---|
| | Гурӯҳи озмоишӣ | Гурӯҳи назоратӣ |
| Дараҷаи 4 – баланд | --- | --- |
| Дараҷаи 3 – кифоя | --- | --- |
| Дараҷаи 2 – суст | 0 | 1,9 |
| Дараҷаи 1 – сифрӣ | 0 | 2,4 |

**Расми 4. Дараҷаи дониши назариявии хонандагони сустхони муассисаҳои таҳислоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Фархор, Шамсиддин Шоҳин, Муъминободу Ховалинг баъди таҷриба**




Дараҷаи тамаҳҳуд ва ҷидду ҷаҳди хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Фархор, Шамсиддин Шоҳин, Муъминободу Ховалинг то таҷриба ва баъди таҷриба бо истифода аз методу усулҳои навин имконият фароҳам овард, ки дониши хонандагон дар гурӯҳҳои озмоишӣ дараҷаи 3-суст аз 32,1% то ба 0, дараҷаи 1 сифрӣ аз 17,9 % то ба 0 ва дар гурӯҳи назоратӣ дараҷаи 2– суст аз 35,6% то ба 33,7 %, дараҷаи 1– сифрӣ 21,4% то ба 20,8% коҳиш ёфт ва натиҷаи он дар расмҳои 1 ва 2 пешниҳод карда шудааст.

Вобаста ба натиҷаҳои бадастомада гуфтан ҷоиз аст, ки дар раванди пурсиши назоратӣ аз беҳтар шудани дараҷаи болоравии дониши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои

минтақаи Кӯлоб дарак медиҳад. Натиҷаҳои азхудкунии дониш, қобилият ва малака оид ба ислоҳ ва баландбардории дараҷаи маҳорат дар гурӯҳи таҷрибавӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ баландтар аст.

Дар натиҷаи корбарии дуру дароз ва саъю кӯшиши омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияҳои Фархор, Шамсиддин Шоҳин, Восеъ, Ховалинг, Муъминобод ва шаҳри Кӯлоб душвориҳои мавҷуда тадриҷан бартараф карда шуданд.

Ҳангоми корбарӣ бо хонандагони муассисаҳои таълимӣ дар мадди аввал ба фикру ақида ва ибрози назари онҳо диққати ҷиддӣ равона карда шуд. Дар рафти суҳбат ва саволу ҷавоб хонандагон худро озод ҳис мекарданд, ки ин василае буд барои ба ҳадаф расидан.

## Хулосаи боби якум

Аз он чи дар боби якум қайд гардид, моро ба чунирн хулоса овард:

1. Омӯзишу таҳқиқи масъалаи асосҳои илмиву назариявии мавзуъ ва моҳияти он ошкор сохт, ки илми муосир якчанд равишро дар омӯзиши ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ таҳия намуда, онро бо парадигмаи илмии ба таври мувофиқ муқарраршуда баррасӣ менамояд. Таҳлили равиши иҷтимоӣ-фалсафӣ нишон дод, ки тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва инсондӯстӣ, эҳсоси маънавӣ ва арзиши иҷтимоӣ ҳамчун сатҳи баландтарини рушд ва зуҳури шахсият ба манфиати Ватан дар омӯзиши ватандӯстӣ ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ муаррифӣ мешавад. Моҳияти иҷтимоии ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тавассути эҳтиёҷот, майлу хоҳишҳо ва ангезаҳое, ки самти шахсиятро тавсиф мекунанд ва ба қонеъгардонии манфиатҳои шахс, мардум, ҷомеа нигаронида шудаанд, зоҳир карда мешавад. Моҳияти иҷтимоиву гуманистии ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ба ақидаи муҳаққиқон, дар муҳаббат, эҳтиром ба шаъну шараф ва ҳуқуқҳои инсон, ғамхорӣ ба беҳбудии одамон, гуманизм зоҳир мешавад.

2. Масъалаи тарбияи ватандӯстию ифтихори миллӣ корбарии доманадор ва ҳамкории доимии оила, мактаб ва ҷомеаро тақозо дорад. Самаранок корбандӣ намудани тарбияи ватандӯстию ифтихори миллӣ кори якҷояи мактаб, хонавода ва аҳли ҷомеа маҳсуб меёбад. Танҳо дар ҳамин сурат ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагонро самаранок ба роҳ мондан мумкин аст.

Ҳамкории якҷояи муассисаи таълимӣ, хонавода ва ҷомеа дар табияи насли наврас масъалаҳои поёниро фарогир аст:

– тарғиб ва ташвиқ кардани хислатҳои ҳамида, бахусус, тарбияи ватандӯстию ифтихори миллӣ аз ҷониби муассисаи таълимӣ, хонавода ва ҷомеа;

– дар чорабиниҳои бахшида ба тарбияи ватандӯстию ифтихори миллии хонандагон таъмин намудани иштироки фаъолонаи падару модарон;

- тавассути суҳбату лексияҳо, маърӯзаҳо, мубоҳисаву мусоҳибаҳо ва монанд ба инҳо баланд бардоштани дараҷаи фарҳангӣ, педагогӣ ва психологии падару модарон;

– ташкил ва амалӣ намудани вохӯрию баромадҳои падару модарон, шахсиятҳои барӯманду шинохта дар назди хонандагон марбут ба тарбияи ватандӯстию ифтихори миллӣ;

– бо иштирок ва фаъолияти падару модарон ташкил намудани маҷлисҳои синфӣ, умумимактабӣ ва конференсияҳои гуногуни тарбиявӣ оид ба тарбияи ватандӯстию ифтихори миллӣ.

3. Восита ва василаҳои тарбияи ватандӯстию ифтихори миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути мерос ва эҷодиёти шоирони ҳавзаи адабии Кӯлоб ва афкори педагогӣ ҳалли худро ёфтанд. Бошуурона ва дар асоси дарку фаҳми дуруст тарбияи шоиста дидан, аз ҷумла, тарбияи ватандӯстию ифтихори миллӣ, ки яке аз рукнҳои тарбияи миллӣ маҳсуб меёбад, барои омода намудани наслҳои ҳаматарафа инкишофёфтаву дорои ҷаҳони васеи маънавидошта дар ҷараёни таълиму тарбия барои дарки шукуфоӣ ва рушду пояндагии давлату миллат ва ояндаи он шароит ва имконияти муносиб фароҳам меорад.

4. Мушоҳида, омӯзиш ва таҳлили нақша ва барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Таҷриба, мушоҳида, омӯзиш ва таҳлили озмоишҳо шаҳодати онанд, ки тарбияи самараовари ватандӯстию ифтихори миллӣ қисмати ниҳоят муҳиму маркази рафти таълиму тарбия маҳсуб ёфта, дар рӯҳияи мазкур омода намудан ва ташаккули шахсияти онҳо тавассути азбаркунии донишу малака ва маҳорат ташаккули ҷаҳони маънавии ба талаботи давр ҷавобгӯ яке аз василаҳои асосии омӯзиш ва рушду нумуи босамари шахсияти онҳо ба шумор меравand:

– ташаккули ватандӯстию ифтихори миллӣ, бошуурона дарку эҳсос намудани он, ки тавассути омӯзиш ва такрори бардавому мунтазам ва хониши хубу аълои хонандагони муассисаҳои таълимӣ корбандӣ мегардад, бо азхуд намудани дониши ҳаматарафа рушдёфтаи ҷавобгӯ ба талаботи даврони кунунӣ ва стандарти ҷаҳонӣ имконпазир аст, таъмин карда шавад.

5. Сатҳи нишондиҳандаҳои омодагии омӯзгорон ва ба роҳ мондани корҳои судманди таълимӣ-тарбиявӣ роҷеъ ба тарбияи ватандӯстию ифтихори миллӣ, асосан, овардаҳои зерин маҳсуб меёбанд:

– корбаст намудани шавқу рағбат ва ҳавасмандгардонии хонандагон баҳри ноил гардидан ба дарки манфиати дониш ва муносибати ҳақиқатан ҳам самимона марбут ба ватандӯстию ифтихори миллӣ;

– ҳангоми таҳлил ва ҷамъбасту хулосабарорӣ намудани мавзуъҳои ба тарбияи ватандӯстию ифтихори миллӣ марбутбуда, таҷриба, маҳорат ва дониши баланди васею ҳаматарафаро доро будани омӯзгор;

– тавассути истифодаи машқу матну супоришҳо, тестҳо, расму андарзҳо, қиссаву ривоятҳо ва амсоли инҳо вобаста ба тарбияи андешаи миллӣ диққати ҷиддӣ диҳад;

– тарбияи ватандӯстию ифтихори миллиро дар симои шахсиятҳои таърихӣ: олимон, шоирону нависандагон, табибон, рассомону тарҳсозон, файласуфон, қаҳрамонони гузаштаву муосир ва амсол ба инҳоро тарҳрезӣ ва корбандӣ намояд.

# БОБИ 2. ТАҲҚИҚОТИ ТАҶРИБАВӢ-ОЗМОИШӢ ОИД БА ТАРБИЯИ ҲИССИ ВАТАНДӮСТӢ ВА ИФТИХОРИ МИЛЛӢ ДАР ХОНАНДАГОН БО ИСТИФОДА АЗ АШЪОРИ АДИБОН

## 2.1.Амсилаи тарбия ва рушди ватандӯстию ифтихори миллӣ ва моҳияти тарбияи ватандӯстию ифтихори миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

Дарки ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ анъанаи амиқи назариявӣ дорад, ки аз садсолаҳо бармеояд. Ҳатто Афлотун таъкид мекард, ки Ватан аз падар ва модар азизтар аст. Дар шакли бештар рушдёфта ишқ ба Ватан ҳамчун арзиши олӣ дар осори мутафаккирони тоҷик (Фирдавсӣ, Кайковус, Саъдӣ, Румӣ, Рӯдакӣ ва дигарон) баррасӣ шудааст.

Бисёре аз мутафаккирон ва устодони гузашта, нақши ватандӯстиро ифшо намудаанд. Дар раванди рушди шахсии одам, ба таъсири онҳо ишора карданд. Онҳо чунин мешумориданд, ки ватандӯстӣ на танҳо вазифаи муҳимми тарбия, балки воситаи тавонои педагогӣ ҳам мебошад. Вақтҳои охир дар доираи ин самт дидгоҳи ватандӯстӣ ҳамчун арзиши муҳимтарин, ки на танҳо ҷузъҳои иҷтимоӣ, балки ҷузъҳои маънавию ахлоқӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва дигарро муттаҳид месозад, беш аз пеш густариш ёфта истодааст.

Ҳама гуфтаҳоро дар бораи ватандӯстӣ ҷамъбаст намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки: ватандӯстӣ яке аз арзишҳои муҳимтарин ва пойдортарин ба тамоми соҳаҳои ҷомеа ва давлат хос буда, муҳимтарин сарвати маънавии шахс аст, сатҳи баланди некӯаҳволии онро тавсиф мекунад. Он рушд ёфта, дар худидоракунии фаъолона ба манфиати Ватан зохир мегардад.

Таърифи дар боло зикршуда имкон медиҳад, ки мазмуни мафҳуми ватандӯстиро дарк кунем. Ба он дохил мешаванд: эҳсоси дилбастагӣ ба ҷойҳое, ки шахс таваллуд ва ба воя расидааст; эҳтиром ба забони халқи худ; ғамхорӣ дар бораи манфиатҳои Ватан; дарки қарз дар назди Ватан,

ҳифзи шаъну шарафи он, озодию истиқлолият (ҳимояи Ватан); зухуроти хиссиёти шаҳрвандӣ ва садоқат ба Ватан; ифтихор аз комёбихои ичтимоию фарҳангии мамлакати худ; ифтихор аз Ватан, барои рамзҳои давлат, барои халқи худ; эҳтиром ба гузаштаи таърихии Ватан, мардуми он, расму оинҳои он; масъулият барои тақдири Ватан ва халки он, ояндаи онҳо, ки дар майлу хоҳиши фидокорона меҳнат кардан, маҳорати мустахкам намудани иктидор ва гул-гулшукуфии Ватан ифода ёфтааст; инсондустӣ, шафқат, арзишҳои умумибашарӣ. Аз назарсанҷии мо маълум гардид, ки хонандагон дар хусуси ватандӯстию ватанпарварӣ то ҷое дониши қаноаткунанда доранд, вале дар хусуси ифтихори миллӣ чандон донишу фаҳмиши казоиро соҳиб нестанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯсьтии шаҳрвандон» мафҳуми «ватандӯстӣ чунин муайян карда шудааст: « - ватандӯстӣ - муҳаббати шахс ба Ватан, сарзамин ва халқ, ҳифз намудан аз душман ва ба манфиати онҳо содиқона хизмат кардан» [127, с.1]

Хусусияти хоси ҷалби хонандагон ба банақшагирӣ ва барномарезии чорабиниҳо дар он аст, ки таваҷҷуҳ, талош, фаъолияти ҷамъиятии онҳо ба эҷоди тарҳи барнома, ба миёнгузоштан ва асоснок кардани ғояҳои алтернативӣ, бодиққат андешидани роҳу воситаҳои воқеии ноил шудан ба ин ҳадаф нигаронида шудааст. Ҳамчун лоиҳаи иҷтимоӣ, ин барнома маҳсули худи онҳост, инҳо ниёзҳои назарраси иҷтимоӣ ва шахсии эҷодкорон мебошанд. Ба шарофати иштироки хонандагон дар таҳия ва татбиқи лоиҳаи иҷтимоӣ фаъолияти иҷтимоӣ ташаккул ёфта, хонандагон дар чорабиниҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ ширкат меварзанд ва ба ин васила шуури ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ҳосил мекунанд. Ҳар як лоиҳа ба рушди шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва масъулият барои худ, ватан, миллат ва амали худ нигаронида шуда, истиқлолият ва эҷодкориро дарбар мегирад. Воситаи дигари иҷтимоию педагогӣ таҳияи амсилаҳои сохтории ташаккул ва рушди ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон мебошадд, ки аз як қатор бахшҳои (блокҳои) ба ҳам алоқаманд иборат аст (Расми 1).

**Расми 1. Амсилаи ташаккул ва рушди ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон**




- Бахши (блоки) якум маҷмуи се шарти иҷтимоию педагогиро дар бар мегирад, ки дар барномаи ташаккул ва рушди ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон инъикос ёфтаанд;

-Бахши (блоки) дуюм марҳилаҳои ташаккул ва рушди фаъоли ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагонро дар бар мегирад;

- Бахши (блоки) сеюм қисматҳои асосии фаъолмандии ватанпарварона ва ифтихори миллии хонандагон; шуури ватандӯстона, фарҳанги миллӣ, фаъолияти иҷтимоӣ ва сифатҳои ватандӯстӣ;

- Бахши (блоки) чорум меъёрҳои ташаккул ва сатҳи зуҳуроти ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон ва ё набудани онҳоро онҳоро ифода ва инъикос мекунад. Хусусияти фарқкунандаи ин амсила (модел) дар он аст, ки он танҳо дар сурати мавҷуд будани се шарти аввалини иҷтимоию педагогӣ самаранок, муассир ва амалӣ хоҳад шуд:

- фаъол гардонидани қонунгузории ватандӯстии омӯзгорон;

- афзоиши сатҳи ҳавасмандии онҳо ба раванди муошират бо хонандагон, ташаккул додани малака, маҳорат ва қобилияти ватандӯстӣ ва рафтори ватанпарваронаи хонандагон дар фаъолият; - дохил намудани хонандагони синфҳои болоӣ барои банақшагири иҷтимоӣ. Татбиқи амалии амсилаи (модели) сохтории ташаккул ва рушди фаъоли ватандӯстӣ ва мавқеи ватанпарваронаи хонандагон ба амалисозии таҷрибаи мавҷудаи иҷтимоӣ ва ташаккули таҷрибаи нави ватандӯстӣ ва рафтори ватандӯстонаи хонандагон, як тараф, аз тарафи дигар омӯзгорон. Ба фаъолияти иҷтимоӣ фаро гирифтани на танҳо хонандагон, балки омӯзгорон ва падару модарон низ аҳамияти чунин чорабиниҳоро барои хонандагон зиёд намуда, дар навбати худ ба афзоиши фаъолияти иҷтимоии онҳо ва ташаккули фаъолмандӣ ва мавқеи ватанпарваронаи хонандагон мусоидат мекунад. Бахши муоинаи кори таҷрибавии мо ҳамчунин ба омӯзиши муносибати омӯзгорон ба проблемаи ташаккул ва рушди фаъолмандонаи ватандӯстии хонандагон ва муайян кардани сатҳҳои рушди ватандӯстӣ, иҷтимоӣ фаъолият ва сифатҳои ватанпарварӣ дар байни хонандагон ҳамчун ҷузъҳои таркибии фаъолмандии хонандагон.

Таҷрибаи муайяни тарбия ва ташаккулу рушди ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Кӯлоб ба даст оварда шудааст, аммо кор карда баромадани амсилаи ташкилии ин амал,  ба андешаи мо, ба бештар таъсирбахш будан ва самаранокии ин раванд мусоидат мекунад. Амсилаи пешниҳодшуда ба равишҳои низомнок, ба фаъолият асосёфта, ба шахс нигаронидашуда, аксиологӣ, фарҳангӣ, салоҳиятӣ ва экологӣ асос ёфтааст (расми 2).

**Расми 2. Амсилаи ташкилии рушди ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон**




Амсилаи таҳияшуда барои иҷрои вазифаҳои зерин пешбинӣ шудааст:

1.Вазифаи иҷтимоӣ тарҳрезӣ ва банақшагирии ташаккул ва рушди сифатҳои ватандӯстии шахсро дар бар мегирад;

2. Вазифаи ҳамгироӣ дар раванди таълим асос буда, таҷзияи равишҳои методиро ифода мекунад;

3.Вазифаи таҳқиқотӣ дар робитаи фаъолияти таълимӣ, маърифатӣ ва амалӣ дар сатҳи методологӣ нақши танзимкунандаро мебозад. Вазифаи таҳқиқотӣ ба омӯзиши шароит ва омилҳое, ки ба раванди ташаккули ватандӯстӣ дар байни донишҷӯён таъсир мерасонанд, равона карда шудааст;

4. Вазифаи (функсияи) ташхисӣ барои муайян кардани дурнамои ташаккули ватандӯстӣ маълумот медиҳад;

5.Вазифаи маърифатӣ ба ҳалли масъалаҳои интиқоли дониш ва фаъолияти такрористеҳсолкунӣ, мудирияти иттилоот дар донишгоҳ дар бораи раванди ташаккули ватандӯстии хонандагон нигаронида шудааст.

Шартҳои педагогии ташкили тарбия, ташаккул ва рушди ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна аз инҳо иборатанд:

- самти раванди таълим ба ташаккули шахсияти фаъоли иҷтимоии шаҳрванд ва ватандӯст, ки дорои ҳисси ифтихори миллӣ, шаъну шарафи шаҳрвандӣ, муҳаббат ба Ватан, халқи худ ва омодагӣ ба ҳимоя ва иҷрои ӯҳдадориҳои конститутсионӣ мебошад;

- рушди муҳити иҷтимоӣ-фарҳангии донишгоҳ, мусоидат ба иҷрои вазифаҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон;

- мукаррар намудани муносибатхои субъектию субъектии байни иштирокчиён.

Амсилаи ташкили тарбия, ташаккул ва рушди ватандӯстии хонандагон қисмҳои зеринро дар бар мегирад: мақсаднок, муҳтаво, мурофиавӣ, арзёбӣ ва таъсирбахш.

Масъалаи тарбияи ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва дар рӯҳияи худогоҳии миллӣ ба камол расонидани насли наврас яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи педагогика, психология, фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҷомеашиносии замони муосир маҳсуб ёфта, як қисми таркибии фарҳанги миллати тоҷик дониста шудааст. Дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагони МТМУ масъалаи мураккаб буда, он аз муаллимон дониши баланд ва ҷаҳонбинии васеъро тақозо дорад.

Тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ аз давраҳои гузаштаи дури ниёгонамон сарчашма мегирад. Ҳанӯз аз даврахои хеле кӯҳан мутафаккирон, донишмандону адибон ва хирадмандони тоҷику форс ба масъалаи тарбияи наслҳои наврас (дар он даврахо истилоҳи тарбияи фарзанд маъруфият дошт), диққат дода, осори пурғановати хешро ба ватандӯстӣ ва ҳифзи марзу буми ватан бахшида, наслҳои наврасу ҷавононро ҳушдор месохтанд, ки ватани аҷдодии худро нигаҳбон бошанд. Таърихи зиёда аз панҷҳазорсолаи адабиёт, тамаддун ва педагогикаи тоҷик тавонист, ки аз умқи асрҳо дурдонаҳои беҳтарини илму маърифатро гулчин намуда, ба ояндагони хеш ба мерос гузорад ва тавассути мероси оламшумули хеш тоҷиконро машҳури ҷаҳон гардонад [10].

Нишонаҳои ватандӯстӣ ҳанӯз дар ҷамъияти ибтидоӣ пайдо шуда буд. Бо мурури замон ҳисси дилбастагӣ ба замин ва забони худ бо дарки вазифаҳои шаҳрвандӣ дар назди ҷамъият пайваст гардид. Кӯшиши одамон барои инкишоф додани ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ватани худ, ҳифзи он аз истилогарони хориҷӣ нишонаи барҷастаи ватандӯстӣ аст.

Ифтихор намудан аз дастовардҳо ва фарҳанги ватани худ, бо хоҳиши худ маҳфуз нигоҳ доштани арзиш ва хусусиятҳои фарҳангии он, ҳимояи манфиатҳои Ватан ва халқи худ сифатҳои беҳтарини ватандӯстӣ мебошанд. Дар шароити бавуҷудоии миллатҳо ва давлатҳои миллӣ, ватандӯстӣ қисми таркибии шуури ҷамъиятӣ, инъикоскунандаи инкишофи омилҳои умумимиллии он мегардад. Ватандӯстӣ дар ҳамаи давру замонҳо яке аз хислатҳои нек ва ахлоқи ҳамидаи инсоният ба шумор меравад ва ин амал вобаста ба он аст, ки ҳар як фард ватани худро чи гуна ва то кадом дараҷа дӯст медорад ва албатта, ин гуна дӯстдориҳо ва то кадом андоза меҳру муҳаббат доштан нисбат ба ватан, таърихи гузаштаву муосир ва арзишҳои миллию фарҳангӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вусъат мееёбанду мустаҳкам мегардад.

Дар замони соҳибистиқлолӣ  Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хосатан, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи тарбияи ҳаматарафаи наслҳои наврасу ҷавонон, махсусан дар рӯҳияи хештаншиносию худогоҳии миллӣ ба воя расонидани онҳо диққати ҷиддӣ дода, масъалаи мазкурро яке аз омилҳои асосии рушди кишвар донista, тарбияи солимро маҳаки муҳиму асосии ҷомеаи тозабунёдамон шуморидаанд. Чи тавре Сарвари мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунанд: «Ҷавҳари худшиносии миллӣ аз дӯст доштани Ватан, модар, забон, таърих ва арзишҳои таърихиву фарҳангӣ сарчашма гирифта, ба ташаккули шахсиятҳои дорои ҷаҳонбинии солиму пешрафта боис мегардад» [258].

Ватандустӣ, ифтихори миллӣ ва худшиносӣ василаи асосии ба маънавият расидани ҳар як инсон, бахусус, хонандагони муассисаҳои таълимӣ, ки ояндаи ҷомеа ба онҳо сахт марбут аст, маҳсуб меёбад. Ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ ба иборае решаи миллат аст ва мустаҳкамию побарҷоии миллат низ ба ин алоқамандии ногусастанӣ дорад. Аз ин нуқтаи назар, ниҳоят зарур аст, ки баҳри дар ин ҷода ба воя расонидани наслҳои наврас, ки ояндаи халқу миллат дар дасти онҳост, диққати бештар дода шавад ва ба мо зарур аст, ки ворисони ҳақиқатан ҳам сазовори ҷомеаи навину тозаистиқлолро тарбия карда ба камол расонем.

Дар ҳақиқат мардуми шарафманди мо ба хотири таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, ҳифзи марзу буми аҷдодӣ, сарҷамъии миллат, густариши фазои сулҳу оромӣ ва тақвияти худшиносии миллӣ саъю талошҳои бесобиқа анҷом доданд ва ҳамин ҷидду ҷаҳди қиёснашавандаи халқи тоҷик ва дигар халқҳои сокини сарзаминамонро ба наслҳои наврас ҳамчун намунаи ватандориву ватандӯстӣ арзёбӣ бояд кард, ки бешак, дар ин росто нақши муассисаҳои таълимӣ хеле таъсирбахшу бориз аст. Ҳар як хонандаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд ҳамеша дар хотир дошта бошад, ки танҳо истиқлолияту озодӣ омили муҳимтарини

пойдории давлат ва бақои миллат мебошад ва вазифаи ҳамаи мост, ки ба хотири ҳифзу тақвияти ин муқаддасоти миллӣ ватани худро дӯст дорему худшиносу худогоҳ бошем.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар таълифоти пурмуҳтавои худ: - «Тоҷикон дар оинаи таърих: Аз Ориён то Сомониён» [183], ҳамчунин, зимни Паёмҳои ҳамасолаашон дар хусуси ғояи Ваҳдати миллӣ, ватандӯстию худшиносӣ ва ифтихори миллӣ суханронӣ намуда, кулли сокинони ҷумҳурӣ, хосатан, наслҳои наврасу ҷавононро ба худшиносию худогоҳии миллӣ, ватандӯстию ватанпарварӣ даъват менамоянд, ки ин ҳама тавассути бароҳмонии таълиму тарбияи хуб ва донишу маърифати баланд ба даст меояд.

Ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва худшиносию худогоҳии миллӣ мақому манзалати инсонии худро бо решаҳои таърихӣ, бо даврони гузаштаву муосир тавъам донистани сарнавишти миллату халқи худ ва ҷомеаи башарӣ дарк намудан аст.

Бо таъбири Президенти кишвар «Бидуни пайванду ҳамгироии тамаддуни имрӯзаи тоҷикон бо таърихи кӯҳанбунёди хеш ба қадри истиқлолият, ифтихори Ватану ватандорӣ, ҳувияти миллӣ ва худшиносию худогоҳии комил расидан мушкил аст...» [182, с.114].

Дар рӯҳияи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, ватандӯстию худогоҳии миллӣ ба воя расонидани хонандагон ва рушди ҷомеаи демократӣ яке аз мақсадҳои асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Тоҷикистони соҳибистиқлол айни замон дар ҷомеаи кунунии ҷаҳонӣ бо таърих ва фарҳанги бой мавқеи шинохтаро ишғол менамояд. Аз ин рӯ, муаллимони муассисаҳои таҳсилоти асосиро, ки дар таълиму тарбияи хислатҳои ҳамидаи инсонӣ нақши асосӣ мебозанд, зарур аст, ки тавассути дониши баланд ва таҷрибаи бойи педагогӣ ба ҷаҳони маънавии мактаббачагон таъсир расонида, дар ҳифзу рушд кардани ин дастовардҳо ҳиссагузор ва идомабахши музаффарияти насли бузургсоли худ бошанд.

Таҳлили нашрияҳои мавҷуда шаҳодат медиҳанд, ки дар таърифи истилоҳҳои ватандӯстию ифтихори миллӣ ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Барои таъмини объективӣ ва амиқи натиҷаҳои таҳқиқот, ба назар гирифтани равишҳои мухталиф оид ба тавсифи ин мафҳумҳо, дақиқ кардани моҳияти онҳо ҳадафи асосии таҳқиқоти мо маҳсуб меёбад.

Таҳлили таърифи истилоҳҳои “ватандӯстӣ” ва “ифтихори миллӣ” ба мо имкон дод, ки дар ин ҷода ба андешаҳои олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, ки ақидаҳои хешро дар ин росто иброз намудаанд, такя намуда, нисбат ба мафҳумҳои ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ баёни афкор намоем.

Ватандӯстию худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ аз давроне, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба шакли муайян даромад, яъне аз ҳаёти ваҳшиёна ҷудо гашту худро ҳамчун инсон шинохт, эҳтиёҷ ба назму тартиби муносиботи иҷтимоӣ ба миён омад, ба масъалаи аввалиндараҷа дар ташаккули шахсият ва таҳаввули миллату давлат табдил ёфт. Тибқи устураҳои Юнони бостон, дар ибодатгоҳи маъруфи Делф бо хатти заррин навишта буданд, ки «Худро бишнос!» [86, с.4-5].

Ватандӯстӣ, меҳру муҳаббат доштан ба ватану миллати хеш ва эҳтиром парваридан ба миллату халқиятҳои дигари маскуни кишвар ва хориҷ ба ҷаҳонбинӣ, донишу маърифат ва одобу ахлоқи ҳар як фарди солимақл сахт марбут аст. Ин маъниро дар замири ҳар як хонанда муассисаҳои таълимӣ, бахусус, омӯзгорон тавассути заҳматҳои дурудароз эҳёву побарҷо карда метавонанд.

Худшиносӣ ба адабу маънавият низ решапайванд аст. Ҳар шахс бояд донад, ки моҳияти ҳастии ӯ чист дар зиндагӣ чӣ нақшу мақом дорад. Худшиносии миллӣ ва арҷ гузоштан ба арзишҳои олӣ аз вазифаҳои аввалиндараҷа ва муқаддаси ҳар як шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Бедор намудани ҳисси худшиносӣ, ҳуввияти миллӣ ва тарбия намудани насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ ба он хотир аст, ки ҷавонон зиракии сиёсиро аз даст надода, фирефтаи ақидаҳои равияҳои тундгаро нагарданд [86, с.4-5].

Ҳанӯз аз давраҳои хеле қадим дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани ҷавонон барои аҳли илму маърифат ва хирадмандони давр бетафовут набуд, зеро ҷавонон дар ҳама давру замонҳо сарфи назар аз сохти давлатдорӣ қувваи пешбарандаи ҷомеа маҳсуб меёфтанд.

Донишманди Юнони қадим Аристотел дувуним ҳазор сол пеш таъкид кардааст: «Гумон аст, касе шубҳа кунад: қонунгузор бояд ба тарбияи ҷавонон аҳамияти фавқулода диҳад. Дар ҷое, ки ин нест (тарбияи ҷавонон) сохти давлатдорӣ зарар мебинад. Тарбия бояд ба ҳар як сохти давлатдорӣ мувофиқат кунад; хислате (муносибат, бархӯрд, арҷ гузоштан), ки ба ҳар як сохти давлатдорӣ мувофиқ аст, одатан, барои ҳимояи он сахт хизмат менамояд» [13].

Ф. Бунаков ватандӯстиро як ангезаи раднашавандаи ҳаёти одами муосир меҳисобид: «Худро ҳамчун як шаҳрванди кишвари машҳур эътироф ва барои манфиати худ, барои манфиати Ватани худ кӯшиш кунед, яке аз сифатҳои барҷастатарине мебошад, ки ҳеҷ кас мавриди баҳс қарор намегирад» [45, с.204].

Илми муосир, инчунин, якчанд равишро дар омӯзиши ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ таҳия намуда, онро бо парадигмаи илмии ба таври мувофиқ муқарраршуда баррасӣ менамояд. Таҳлили равиши иҷтимоӣ-фалсафӣ (В.Г. Валуев, С.И. Иванова [59], Д.А.Карманова [104], М.Х.Халимбекова [231] ва дигарон) нишон дод, ки тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва инсондӯстӣ, эҳсоси маънавӣ, арзиши иҷтимоӣ ҳамчун сатҳи баландтарини рушд ва зуҳури шахсият ба манфиати Ватан дар омӯзиши ватандӯстӣ ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ муаррифӣ мешавад.

Аз омӯзиши асарҳои педагогҳои тоҷик: Қ.Б. Қодиров [125], М. Лутфуллоев [133-140], А. Нуров [159], М. Орифӣ [162], Б. Раҳимов [179-180], Ф. Шарифзода [240-243], А. Паҳлавонов [169], Қ. Абдураҳимов [2], Ф. Гулмадов [85], А. Мирализода [150-151], Н. Шоев [251] ва дигарон бармеояд, ки агар инсон ба системаи арзишҳои ҷомеа дохил шавад, ватандӯст мегардад. Агар ҷомеа дар муҳити муҳаббати Ватан зиндагӣ

кунад, пас шахс дар назди худ мақсад мегузорад, ки хидмат ба Ватан ва ҷомеа кунад.

Моҳияти иҷтимоии ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тавассути эҳтиёҷот, майлу хоҳишҳо ва ангезаҳое, ки самти шахсиятро тавсиф мекунанд ва ба қонеъгардонии манфиатҳои шахс, мардум, ҷомеа нигаронида шудаанд, зоҳир карда мешавад.

Моҳияти иҷтимоиву гуманистии ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ба ақидаи муҳаққиқон, дар муҳаббат, эҳтиром ба шаъну шараф ва ҳуқуқҳои инсон, ғамхорӣ ба беҳбудии одамон, гуманизм зоҳир мешавад. Дар асарҳои худ Д.А. Карманова бар он ақида аст, ки "ҳама ватандӯстии воқеӣ инсондӯстона аст", аз ҷумла инсондӯстӣ ҳамчун унсури зарурӣ маҳсуб меёбад. Вай мафҳуми “ватандӯстии инсонпарварона”-ро пешниҳод кард [104].

Зуҳуроти иҷтимоии ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ аз башардӯстӣ ҷудонопазир буда, дар фаъолияти иҷтимоӣ, кори фоиданоки иҷтимоӣ, осоиштагӣ, ҳамсоягии нек, амалҳои кумак, ҳамдардӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва кумаки тарафайн амалӣ карда мешавад.

Як қатор муҳаққиқони хориҷӣ, ки муносибати иҷтимоиву фалсафии ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро бо ҳам пайвастаанд, онро аз нуқтаи назари аксиологӣ ҳамчун арзиши умумиинсонӣ (М.Х.Халимбекова), арзиши иҷтимоию сиёсӣ (В.Г. Валуев), арзиши иҷтимоиву фарҳангӣ (В.А. Мешков ва дигарон) нишон медиҳанд [231], [59], [149]. Ба ақидаи олимон ва муҳаққиқони тоҷик (Қ.Б. Қодиров, М. Лутфуллоев, Ф. Гулмадов А. Нуров, И. Обидов, М. Орифӣ, Б. Раҳимов, Ф. Шарифзода, А. Паҳлавонов, Маҷидова Б, Иззатова М, Қ. Абдураҳимов ва дигарон) ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ, ки падидаи иҷтимоӣ мебошад, на танҳо муносибати одамро ба Ватан ифода мекунад, балки онҳоро ҳамчун объекти муносибатҳои арзишманд арзёбӣ менамояд.

Ҳамин тариқ, дар таҳқиқоти иҷтимоию фалсафии муосир, ватандӯстӣ ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ, иҷтимоӣ-гуманистӣ, аҳамияти

умумибашарӣ ва иҷтимоиву сиёсӣ, иҷтимоӣ- фарҳангӣ, муайян карда мешавад.

Намояндагони равияи сиёсатшиносӣ (А.И. Афонин, Т.В. Беспалова, А.А. Герасимова, В.А.Коробанов, В.М.Хаустов, Полохов Д. ва монанди инҳо) тарбияи ватандӯстиро падидаи мураккаби иҷтимоию сиёсӣ, принсипи сиёсӣ мешуморанд ва арзиши сиёсӣ, ҷузъи асосии фарҳанги сиёсии ҷавонони муосир, ки дар корҳои воқеӣ зоҳир мешаванд, ба таҳким, устуворшавӣ ва ҳамгироӣ, ҳифз ва таҳкими ҳокимияти сиёсӣ, иҷрои уҳдадориҳои шаҳрвандӣ мусоидат мекунанд [34], [233], [173].

В.Ф.Горелик ватандӯстиро ҳамчун як категорияи сиёсии ҳаёти иҷтимоӣ маънидод мекунад. Ба ақидаи ӯ, ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ вобастагии самти шахсро ба шинохтан, эҳтиром ва дастгирӣ аз манфиатҳои миллӣ ва давлатии Ватан ва омодагии онҳоро ҳифз мекунад [83, с.78].

Аз диди мо, ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ, ки заминаи он аслан дар оила гузошта мешавад, аз бузургсолони оила, хосатан, аз падару модарон вобастагии зиёд дорад. Пӯшида нест, ки падару модар чи гуна хислату характер ва ҷаҳони маънавиро доро бошанд, фарзанд ҳамон гуна тарбия меёбад.

Дар таҳқиқоти Т.В. Беспалова [34, с. 4], М.А. Баландин [27, с.82] ва О.Б. Яровиков [257] ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ҳамчун як падидаи мураккаби иҷтимоию сиёсӣ омӯхта мешавад, ки мундариҷаи он ба ҳамбастагии "ватандӯстии миллӣ" ва "ватандӯстии давлатӣ" вобаста аст, ки дар он фаъолияти ягон шахс дар ниҳоят хислати сиёсиро пайдо мекунад.

Мушкилии фаъолияти ин шаклҳои тарбияи ватандӯстӣ, ки самти мушаххаси муҳаббат ба Ватан, дин, этнос (халқ)-ро тавсиф мекунанд, дар он аст, ки онҳо метавонанд бо ҳамдигар мувофиқат кунанд ё дар муносибатҳои ихтилофӣ бошанд. Ин шаклҳои тарбияи ватандӯстӣ, тавре ки таҷриба нишон медиҳад, марҳилаҳои инкишофи ҳисси ватандӯстӣ мебошанд. Асоси муҳаббат ба халқ (ватандӯстии миллӣ) шиносоӣ бо

фарҳанги халқӣ ва педагогикаи халқӣ мегардад. Агар ин ватандӯстии миллӣ дар якҷоягӣ бо дониш ва эҳтиром ба қонунҳо, рафтори қонунпарастона, эҷодкорона ва корҳои фаъолона оид ба таҳким ва ҳимояи давлат ин муҳаббат ба тамоми ҷомеа, давлат (ватандӯстии давлатӣ) ташаккул ёбад. Намояндагони сиёсатшиносӣ дар шакли номуайян тафаккури ватандӯстӣ, рафтори ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро дар сохтори ватандӯстӣ, ки муҳаббат ва эҳтиромро ба низоми сиёсӣ, институтҳои сиёсӣ ва қавмӣ ташаккул медиҳанд, фарқ мекунанд.

Дар таърифи А. Паҳлавонов дар таҳқиқот ҷузъҳои ватандӯстӣ ҳамчун хислати шахсият инҳоянд: муҳаббати ҷисмонӣ (ба ҷои таваллуд, фарҳанг, анъанаҳои мардум); муҳаббати ахлоқӣ (барои ҳамватанон, ифтихор аз мансубияти як нафар); муҳаббати сиёсӣ (ифтихор аз муваффақияти давлат, эътимод ба сиёсати дохилӣ ва ғайра) мебошад [169, с.175-192].

Муҳаққиқон Т.Е.Вежевич, Л.Д.Столяренко ва баъзеи дигарон ватандӯстиро сифати шахс медонанд ва онро дар муҳаббат ва садоқат ба Ватан, огоҳӣ аз бузургӣ, шуҳрат ва таҷрибаи робитаи маънавии он, ниёз ва хоҳиши дар ҳама гуна шароит номус ва шаъну шарафи ӯро ҳифз намудан, қудрати худ ва мустақилияти худро амалӣ ва мустаҳкам кардан мебинанд [62, с.471], [212].

Мутахассисон Э.А. Эсина, Н.В. Ипполитова ва монанди инҳо донистани таърих ва фарҳанги Ватан, ифтихор аз ватани аҷдодӣ, эҳсоси масъулияти баланд нисбати вазифаҳои дар назди ватан истода, иштироки фаъолона ва бошуурона дар фаъолияти меҳнатӣ, масъулияти шаҳрвандӣ, омодагӣ ва дифоъ аз Ватан, ватандӯстӣ, тамоюли ватандӯстонаи шахс, ваҳдат, таҳаммулпазирӣ ва эҳтироми миллатҳои дигар, роҳ надодан ба адовати нажодӣ ва мухолифати миллиро ҷузъҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ мансуб медонанд [94].

Барои баланд бардоштан ва рушди шахсияти ҳар як хонанда ва ташаккули ҷаҳони маънавии ӯ, махсусан, дар замири онҳо тарҳрезию мустаҳкам намудани ватандӯстӣ ва худшиносию ифтихори миллӣ

донистани таърихи гузаштаву кунунии миллати хеш, забон, расму оин, пайдоишу тараққии тамаддун, мероси таърихию фарҳангӣ, ки ин ҳама ифшокунандаи рӯзгори гузаштаву муосири мо мебошанд, нақши муҳимму аввалиндараҷа доранд. Чун дар хусуси тарбияи ватандустӣ ва ифтихори миллии хонандагон ибрози назар мекунем, мебоист омӯзгор дар мавридҳои қулай (вобаста ба характери мавзуи таълимӣ) ба онҳо дар хусуси бунёди маънавии халқҳои ориёнажод ва сайри таърихии ин қавм дар паҳнои таърих андеша ронда, ба навиштаҳои Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба решаҳои таърихии ин халқи кӯҳанбунёд, ки дар асари пурарзиши «Тоҷикон дар оинаи таърих» овардааст, такя намояд: «Мо кистем, аз куҷоем ва дар кадом дудмон сабзидаем? Нахустаҷдодамон киҳо буданд, аз куҷо омадаанд ва дар кадом бум ошён доштанд? Ташаккули фарҳангу тамаддун ва давлату давлатдории тоҷикон кай оғоз ёфта ва аз кадом сарчашма ибтидо мегирад? Мақому ҳиссаи таърихии миллати мо дар пайдоишу пешрафти тамаддуни муштараки ориёнажодҳо то куҷост? Забони модарӣ, расму оини аҷдодӣ, мероси таърихию фарҳангӣ ва усули давлатдории мо бунёди миллӣ дорад ё аз дигар халқиятҳои соҳибтамаддун ба мо гузашта?» [183, с.5].

Огаҳӣ доштан аз таърихи гузашта, аслу насаби хеш, адабиёт, санъату маданият ва расму оини аҷдод яке аз шартҳои асосии ватандӯстӣ ва худшиносию ифтихори миллӣ аст, ки барои дарки амиқи моҳияти маънавии инсон ва мақоми ӯ дар ҷомеа нақши сазовор дорад. Ниёгони тамаддунофари мо аз қаъри асрҳо масъалаи ватандӯстӣ ва худшиносию ифтихори миллиро (ҳарчанд ки ин мафҳум дар он давраҳо бо ин ном чандон маъруфият надошт), тавассути нақлу ривояту афсонаҳо, панду андарзҳо, чистонҳо, зарбулмасалу мақолҳо ва монанд ба инҳо ба мардум мерасониданд ва дар тарбияи ватандӯстию ифтихор доштан аз миллату халқияти хеш ҳисса мегузоштанд. Гузашта аз ин, аз аҳди қадим то даврони муосир арҷ гузоштан ба илму маърифат, маънавиёт ва фарҳанги пешину муосири миллат, эҳтироми хос ба таърихи қадима ва бою

рангини тоҷикон ва садоқати бузург ба ватангароӣ омилҳои муҳими рукнҳои ватандорӣ маҳсуб меёбанд. Дӯст доштани марзу бум, обу хоки ватан, назари некбинона ба оянда ва тавассути ақлу хирад ва донишу ахлоқи ҳамида зистан рукнҳои ватандорию ватандӯстӣ ва худогоҳӣ дониста мешуданд, ки ин ҳама дар осори шифоҳию хаттии хирадмандон, мутафаккирон, адибону шуарои барҷастаамон корбандӣ шудаанд.

«Тоҷикон аз қадимтарин халқҳои ҷаҳон буда, таърихи ғанӣ ва маданияти бою рангин доранд. Таърих гувоҳ аст ва ҳаёт собит менамояд, ки мардуми тоҷику форс ҳанӯз дар садаҳои ду ва яки то милод соҳиби афкори баланд ва ниҳодҳои омӯзишӣ буданд» [183, с.3].

Дар таърифи А. Паҳлавонов дар таҳқиқот ҷузъҳои ватандӯстӣ ҳамчун хислати шахсият инҳоянд: муҳаббати ҷисмонӣ (ба ҷои таваллуд, фарҳанг, анъанаҳои мардум); муҳаббати ахлоқӣ (барои ҳамватанон, ифтихор аз мансубияти як нафар); муҳаббати сиёсӣ (ифтихор аз муваффақияти давлат, эътимод ба сиёсати дохилӣ ва ғайра) мебошад. [169, с.178].

Як қатор олимони кишварҳои ИДМ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон А.П.Бутенко, И.М.Илинский, И.К.Асадуллоев, С.Ятимов, А.Н.Маҳмадов, А.А. Шамолов, С.Б. Ашуров ва амсол ба инҳо марбут ба масъалаи ватандӯстӣ ва худшиносию худогоҳии миллӣ ибрози назар намудаанд [47, [258], [78].

Таълимоти Зардушт ва китоби муқаддаси «Авасто» асос ва сутуни устувори тамаддуни ориёист. «Ва мо, тоҷикон, ки...меросдори мустақими ориёиҳои хирадманду некандеш ҳастем, бо гузаштаи пурбори худ ифтихор мекунем, онро меомӯзем ва наслҳои имрӯзу фардои миллатамонро тавре тарбия карда ба камол мерасонем, ки онҳо низ тавонанд ба ганҷинаи тамаддуни башар дурдонаҳои пурқимат ҳамроҳ намоянд ва барои боз ҳам беҳтару гуворотар шудани зиндагииояндаи худ ва дигарон ҳиссагузор бошанд» [252, с.141-142].

Дуруст аст, ки кори тарбия таърихи ниҳоят қадима дорад ва аз рӯи баъзе ишораҳо аз бозе, ки одамият худро аз олами ҳайвонӣ ҷудо

намуд, муҳофизати манзилгоҳ, маскунгоҳ (ба истилоҳ қишлоқ, деҳа) вазифаи муқаддас дониста мешуд. Аз рӯи сарчашмаҳои таърихии хаттӣ маълум мегардад, ки худшиносию худогоҳӣ ҳанӯз дар даврони Зардушт ва махсусан, баъди ба миён омадани китоби муқаддас- «Авасто» мавриди таълиму тарбия қарор гирифт. Педагог ва академики шинохтаи тоҷик, муҳтарам М.Лутфуллоев хеле бамаврид ва мӯшикофона овардаанд: «Агар фурсат ёбеду тамоми китобҳои педагогии Шарқу Ғарбро варақ-варақ биҷӯед, волотаре, арзандатаре, гуворотаре аз ин се ибора: «пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек» пайдо намекунед. Агар пайдо шавад ҳам, сарчашмааш ҳамин «Авасто» аст» [137, с.190].

Хонандагони МТМУ новобаста аз синну солашон узви ҷомеа маҳсуб мешаванд ва мувофиқ ба синну сол фаъолияту зиндагӣ мекунанд, бо ҳамсолону атрофиён ва муҳити атроф, ки одамони гуногунақидаву гуногунхислатро фарогир аст, муносибату муошират менамоянд ва албатта, ягон нақши иҷтимоиро ба ҷо меоранд. Дар ин гуна ҳолатҳо амалиёту рафтори онҳо характери гуногунрангӣ дорад: ҳар як хонанда ба коллективи синф муносибати дӯстона дорад, онҳоро эҳтиром менамояд ва ё баръакс аз онҳо дурӣ меҷӯяд ва нисбат ба онҳо бетафовут аст, дар корҳои дастҷамъона (коллективона) фаъолона ширкат намуда, ташаббус нишон медиҳад ва ё дар иштирок ба чунин корҳо чандон майлу таваҷҷуҳ надорад, худро канор мегирад, ҳатто аз он дар гурез аст. Ё худ ба коллектив ҳаммаслак асту ҳамкорӣ мекунад ё баръакси ҳол саркашию гарданшахӣ менамояд ва монанд ба инҳо.

Масъалаи ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон он вақт ҷавобгӯи даврони муосир мегардад, ки он дар асоси талаботи методикаи кунунӣ ва технологияи навин бо мақсади тарбия намудани ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ба роҳ монда шавад. Бинобар ин, ҳар як омӯзгор мувазаф аст, ки ҳолати рӯҳӣ (психологӣ) ва инкишофи ҷисмонию вазъи умумӣ ва умуман, шароитҳои ҳамаҷонибаи хонандагонро аз мадди назар дур нагузошта, дар ҳар як дарс дар мавридҳои мувофиқ, ҷиддан истода гузарад. Ҳеҷ ҷои пӯшида нест, ки

хонанда худ аз худ ва бе маслиҳату масъалагузорӣ ва ёрии омӯзгор дар хулосабарорӣ аз мавзуъ ба душворӣ рӯбарӯ мегардад. Тарбияи миллӣ, ки яке аз шохаҳои он тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ маҳсуб меёбад, паҳлӯҳои гуногун дорад ва академики машҳури тоҷик муҳтарам М.Лутфуллоев унсурҳои таркибии тарбияи миллиро чунин тарҳрезӣ ва ба қисмҳо ҷудо намудаанд: “тарбияи ғоявӣ, тарбияи миллӣ, тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ, тарбияи ватанпарастӣ, тарбияи ахлоқию маънавӣ, тарбияи маърифатӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, тарбияи гуманистӣ, тарбияи зебоипарастӣ, тарбияи меҳнатӣ ва интихоби касб, тарбияи иқтисодӣ, тарбияи экологӣ, тарбияи сиёсӣ, тарбияи ҷисмонӣ, тарбияи тафаккури интиқодӣ, тарбияи таҳаммул ва тоқатпазирӣ, тарбияи масъулиятшиносӣ, тарбияи ҳаёти солим, тарбия дар рӯҳи рамзҳои давлатию миллӣ” [140, с.211-217].

Хонандагон дар баробари азбар намудани ғояҳои тарбияи ватандӯстию ифтихори миллӣ бояд ба ҳамаи паҳлӯҳои тарбия-унсурҳои таркибии тарбияи миллӣ фаро гирифта шаванд, зеро тарбияи ватандӯстию ифтихори миллӣ яке аз хислатҳои ҳамидаи инсонӣ буда, мансуб ба унсурҳои таркибии тарбияи миллист ва онро аз дигар намудҳои тарбия берун тасаввур кардан ҳеҷ мумкин нест.

Ба ақидаи мо, ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро, ки академики машҳури тоҷик М.Лутфуллоев яке аз унсурҳои таркибии тарбияи миллӣ медонад, заминаи он дар оила гузошта шуда (албатта, ба дониш, маҳорат ва дараҷаи фаҳмишу ҷаҳони маънавии падарону модарон ва бузургсолони оила вобастагӣ дорад), минбаъд дар муассисаҳои томактабӣ, асосӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ ташаккул меёбад ва хонандагонро дар рӯҳияи садоқат ба Ватан, ҷидду ҷаҳд баҳри шукуфоию ободӣ, кӯшиши ҳимояи марзу буми аҷдодӣ, эҳтиром ба халқу миллати хеш ва дигар халқияту миллатҳои маскуни сарзамини худ ва умуман, хислатҳои ҳамидаи инсонӣ тарбия менамояд. Гузашта аз ин, ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ҷомеа низ рушд меёбад, вале ба чӣ анҷом ёфтани он ба муҳит ва ҳамсуҳбатону ҳаммаслакону атрофиён вобастагӣ дорад.

Гузашта аз ин, ҳар қадаре ки хонандагони МТМУ дар рӯҳияи хештаншиносию худогоҳии миллӣ ва ватандӯстию ватанпарварӣ бештар тарбия гиранд, ҳамон қадар ба моҳияти ифтихори миллӣ сарфаҳм мерафтагӣ мешаванд.

Худшиносии ҳар як шахс бояд ба худшиносии ҷомеа бастаи ҳам бошад, зеро шахс чи қадаре ки хештаншиносу худогоҳ ва аз таърихи гузаштаву муосири худ огоҳ бошад, кулли ҷомеа ҳам аз моҳияти ҳастии худ огоҳ мегардад, ба он хотир, ки ҷомеа шахсонро фарогир асту ашхос ҷомеасоз.

«Худшиносии шахси алоҳида ва худшиносии ҷомеа сахт вобастаи якдигар аст. Чунон ки шахс бояд худро бишносад, тамоми ҷомеа ҳам бояд аз аҳволи худ, аз моҳияти ҳастии худ огоҳ бошад. Худшиносии миллӣ ҳам ду ҷиҳат-ҷиҳати шахсӣ ва ҳамагонӣ дорад. Яъне вобаста ба он аст, ки аз як тараф ҳар шахс то чи андоза ба шинохти миллати худ расидааст ва аз ҷониби дигар, ҳама этнос (халқ) то чи дараҷа умумияти худ, ягонагии этникӣ, фарҳангӣ ва таърихии худро фаҳм кардааст» [92, с. 262].

Таҳқиқот собит сохт, ки тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ҳамчун як падидаи мураккаби иҷтимоӣ, ваҳдати як қатор ҷузъҳоро фаро мегирад. Таҳлили таҳқиқоти психологӣ ва педагогӣ муқаррар кардааст, инсон барои он ки ватандӯсти ҳақиқӣ бошад, пеш аз ҳама инсондӯст буданаш зарур аст. Ин ҳарду мафҳум бо якдигар сахт алоқаманд мебошанд.

Равоншиносон, педагогҳо ва аксари омӯзгорон бар он ақидаанд, ки эҳсоси тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ, аслан, муҳаббат ба Ватан, сарзамини аҷдодӣ ва ҳифзи он, эҳтиром ва риояи расму оинҳо ва дарки анъанаҳои миллӣ, дониши баланди замонавӣ, ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ва корбандӣ гардидани он дар ҳаёти рӯзмарра ва амсол ба инҳо маҳсуб меёбад.

Дар замири ҳар як шаҳрванд ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро беҳтар аз ҳама муассисаи таълимию омӯзгор бедору мустаҳкам

менамояд. Маҳз муассисаи таълимию омӯзгор аст, ки хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстию худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ ба воя расида, ҳуқуқ ва вазифаҳои хешро дар оянда дарк карда метавонанд ва тадриҷан ворисони вафодори ватан мешаванд.

«Тавассути тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ шаҳрванд бояд мутааллиқи миллат, давлати соҳибистиқлол, соҳиби Ватан ва ҳуқуқу озодиҳо будани худро дарк кунад ва онҳоро эҳтиром намояд. Донад, ки вазифаҳои ӯ дар назди давлат, ҷамъият ва оила аз чӣ иборат аст. Манфиатҳои худро бо манфиати давлат, ҷомеа ва оила пайваста тавонад. Шаҳрванд бояд қадру қимати худро донад ва онро ҳимоя намояд, аз миллат, таърих ва фарҳанги он бохабар бошад ва онҳоро гиромӣ донад» [140, с.11].

Тарбияи ватандӯстӣ (ватанпарастӣ) аз шуури баланд, бедорӣ ва худшиносию худогоҳии миллии хонанда, ки тадриҷан шаҳрванди ватани хеш мегардад, вобастагии зиёд дорад. Дар ин росто академик Лутфуллоев М. хеле бамаврид ва дақиқу нишонрас овардааст: «Ватанпарастӣ арзиши муқаддас ва аз ҳама муҳимтарини тарбия мебошад, ки он дар мафҳумҳои диёр, макон, кишвар, сарзамин, Ватан низ ифода меёбад. Ҳамаи унсурҳои дигари тарбия ба ҳамин унсури тарбия иртибот доранд ва садоқатмандии шаҳрвандро ба ватани хеш дар назар дорад» [140, с.12].

Тавре таҳлили назариявӣ нишон медиҳад, бисёр муҳаққиқон шуури ватандӯстиро ҳамчун ҷузъи ватандӯстӣ муайян мекунанд. «Шуури ватандӯстона,- ба ақидаи В.И. Городинский,- шакли шуури иҷтимоӣ, ки арзиши асосии он Ватан аст, мебошад. Он биниши дунёро дар робита ба манфиатҳои миллӣ муқаррар мекунад» [84, с.19].

Бисёре аз муҳаққиқон ба он ақидаанд, ки агар мо шуури ватандӯстиро бо инсондӯстӣ напайвандем миллатгароӣ ба вуҷуд меояд. М.М. Кудрявсев дар асараш пешниҳод менамояд: «Шуури ватандӯстӣ ҳамчун инъикоси маҷмуи ғояҳои ватандӯстона, ки тавассути системаи арзишҳои шахсият таҷассум ёфтаанд ва ба он дохил карда шудаанд,

маҳсуб меёбад.» [119, с.9].

Аз нуктаи назари Т.Е. Вежевич, шуури ватандӯстӣ ҳамчун маҷмуи ғояҳои пешрафта, нуқтаи назарҳо оид ба беҳтар кардани зиндагӣ дар як ватани муайян мебошад [62, с.40].

Қисме аз муҳаққиқон ду сатҳи рушди шуури ватандӯстиро пешниҳод мекунанд: - дониш ва ақидаҳои ватандӯстӣ; - ҳиссиёт ё эҳсоси ватандӯстӣ.

Ба ақидаи баъзе муҳаққиқон, сатҳи оқилона ва мафкуравии ҳисси ватандӯстӣ маҷмуи донишҳо дар бораи Ватан, фарҳанг, анъанаҳо, меъёрҳои ахлоқӣ ва рафтори он, ғояҳо, эътиқод, ҷаҳонбинӣ дар бораи ҳаёт, ки дар ҷомеа ташаккул ёфтааст, инчунин, ҷаҳонбиние мебошад, ки инкишофи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро муайян мекунад.

Ин сатҳ ташаккули донишҳои ватандӯстӣ, ақида ва эътиқоди ватандӯстиро инъикос мекунад. Вобаста аз он ки кадом дониш асоси эътиқод аст, самти шахсият, мавқеи шаҳрвандии он зоҳир мешавад. Ба ин маънӣ шоир Ҳақназар Ғоиб овардааст: «Ба эътиқоди ватандӯстӣ, ғайр аз ин, онҳо эътимодро ба дурустии дониш дар бораи ватандӯстӣ ва зарурати татбиқи онҳо дар ҳаёт, огоҳии инсон аз арзишҳои умумибашарӣ, аҳамияти онҳо барои татбиқи нақшаҳои ҳаёти худ дар назар доранд» [80, с. 43, 155].

Олимону мутафаккирони тоҷик (Ф. Гулмадов, А. Мирализода, Г.Иброҳимов, А. Паҳлавонов, Д. Расулов, Каримова И.Х. ва дигарон) нишон доданд, ки ғояҳои ватандӯстӣ ҳамчун як ҷузъи таркибии шахсият тавассути раванди мутамарказ, муттасил ва яклухт-тарбияи ватандӯстӣ ташаккул меёбад. Таълими ватандӯстӣ аз макроомилҳо (кишвар, ҷомеа, давлат, фарҳанг), мезофакторҳо (гурӯҳҳои, қавмӣ, минтақа, васоити ахбори омма), микрофакторҳо (оила, муассисаҳои таълимӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ) иборат аст [85], [150], [169], [103].

Аз мутолиа ва таҳлили адабиёти педагогӣ оид ба ташаккули тарбияи ватандӯстӣ, худшиносӣ ва ифтихори миллӣ бармеояд, ки баъзе олимон онро ба самтҳои гуногуни корҳои тарбиявӣ нисбат додаанд.

Баъзе олимон (Л.Р.Болотина, Л.Ф. Спирин) [41] онро ҳамчун қисми тарбияи идеявӣ ва сиёсӣ муайян мекунанд, дигарон (Н.Е. Шуркова, И.Ф.Харламов, Л.Д. Столяренко ва ғ.) [253], [232], [213] онро қисми маънавӣ, сеюм (Т.А. Илина, И.Т. Огородникова ва дигарон) [93] дар бахши мустақил ҷудо кардаанд.

Таҳлил ва ҷамъбасти таҳқиқоти мавҷуда ба мо имкон фароҳам овард ва ба хулосае расидем, ки мундариҷаи ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ, худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ сараввал аз шароити иҷтимоию таърихӣ, сиёсати давлату давлатдорӣ, фарҳангу маориф ва аз хусусиятҳои миллӣ ва монанди инҳо сарчашма мегирад.

Дар алоқамандӣ бо овардаҳои фавқ, ба ақидаи мо, тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ як навъ амалҳои гуногуни ватандӯстонаи шахсият ба манфиати Ватан аст.

Мақсад ва муҳтавои асосии МТМУ бояд мусоидатгари он бошад, ки хонандагон дар бораи таърихи гузаштаву муосири худ ва арзишҳои ахлоқию расму оин ва суннатҳои ниёгону муосир андеша намоянд ва тавассути дониши баланду ҳаматарафа ташаккулёфта ҷойгоҳи фарҳанги миллии худро муайян карда, дар рушду нумуи ватану миллати хеш нақши бориз дошта бошанд.

Аз диди мо, хонандае, ки таърихи гузашта, адабиёт, тамаддун ва санъату оинҳои гузаштаи миллии худро ба қадри зарурӣ намедонад, дар ояндаи наздику дур аз ӯ ҳеҷ гоҳ ватандӯсту худогоҳ ва шуҳратбардори миллат ба воя намерасад ва ба қадри бурдбориҳои миллати хеш расида наметавонад.

## 2.2. Таҳқиқоти тачрибавӣ-озмоишии сатҳи тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон

Дар айни замон накши методология, хамчун таълимот дар бораи принсипҳои сохт, шаклу усулҳои фаъолияти илмию маърифатӣ дар муайян кардани асосҳои кори тачрибавӣ-озмоишӣ дар педагогикаи таълимӣ хеле афзудааст.

Корҳои тачрибавӣ-озмоишӣ дар педагогикаи таълимӣ сохтори худро дошта, мавчудияти мақсад, фарзия, вазифаҳо, усулҳои баҳодиҳӣ (психологӣ, педагогӣ), мавчудияти гурӯҳҳои тачрибавӣ-озмоишӣ ва назоратӣ ва ғайраро дар назар дорад. Албатта, таҳқиқоте ҳастанд, ки ба омӯзиши таърихи афкори педагогӣ алоқамандand ва онҳо ба тачриба ниёз надоранд. Агар омӯзиш бо тағйироти раванди таълиму тарбия алоқаманд бошад, он гоҳ озмоиш лозим аст. Натичаҳои мусбати он гувоҳӣ медиҳанд, ки навоварии пешқадам амалияи анъанавии таълимро тағйир медиҳад. Мисоли равшани озмоиши дарозмуддати педагогиро фаъолияти муҳаққиқон номидан мумкин аст. Муҳаққиқон бо навовариҳои худ амалия ва ақидахои равандҳои педагогиро тағйир додаанд.

Шарти ноил шудан ба ҳадаф халли вазифаҳои зерин шуда метавонад: асоснок кардани ташкили кори тачрибавӣ-озмоишӣ дар асоси усулҳои мураттаб ва технологӣ; принсипхои ташкили кори тачрибавӣ-озмоиширо муайян мекунанд; муайян кардани вазифаҳои корҳои тачрибавӣ-озмоишӣ; навъҳои кори тачрибавӣ-озмоиширо пешниҳод мекунанд; барномаи кори тачрибавӣ-озмоиширо тавсиф намояд.

Методологияи таҳқиқотро назарияи диалектикии дониш ташкил медиҳад; принсипхои умумии диалектикии тафсири бутунӣ ҳамчун ягонагии гуногунҳо.

Методҳои эмпирикии корҳои тачрибавӣ-озмоишӣ дар педагогикаи таълимиро аз рӯйи асосҳои гуногун тасниф кардан мумкин аст: ҳадафҳои таҳқиқот, манбаъҳои чамъоварии иттилоот, усулҳои

коркард ва таҳлили маълумот ва ғайра. Тасниф ба таври васеъ маълум аст, ки мувофиқи онҳо мушоҳидаҳо мавҷуданд: (саҳроӣ), психодиагностикӣ (санҷишҳо, саволномаҳо, суҳбатҳо), праксиметрӣ (таҳлили равандҳо ва маҳсулоти фаъолият: хронометрия, тавсифи касбӣ, арзёбии кори иҷрошуда) ва биографӣ (усулҳои омӯзиши роҳи ҳаёт, омӯзиши ҳуҷҷатҳо).

Дар асоси ҷузъҳои сохтори ташаккулдиҳандаи раванди педагогӣ дар муассисаи таълимӣ пешниҳод менамоем, ки усулҳои эмпирикии таҳқиқи дидактикӣ, усулҳои эмпирикии омӯзиши масъалаҳои тарбия, усулҳои ташхиси мудирияти низоми таҳсилот ҷудо карда шаванд.

Усулҳои ғайрипараметрӣ (таҳлили факторӣ, таҳлили кластерӣ, техникаи таносубӣ-семантикӣ) ба баҳодиҳии мушаххасаҳо (параметрҳо) асос намеёбанд (аз ин ҷо номи усулҳо - ғайрипараметрӣ). Усулҳои ғайрипараметрӣ барои он ҳолатҳое таҳия карда мешаванд, ки муаллиф дар бораи параметрҳои раванди таҳқиқшаванда, сифати он маълумоти кофӣ надошта бошад.

Дар вақтҳои охир раванди математикикунонии корхои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар педагогикаи таълимӣ беш аз пеш суръат мегирад. Усулҳои тавсифӣ бо ченакҳои математикӣ ва ҳисобҳои равандҳои гуногун, хислатҳои шахсият ва ғайра ба таври пуршиддат пурра карда мешаванд. Математикаи дискретӣ, алалхусус омори риёзӣ, барои ин максад бештар талабгор гардидааст.

Ҳамин тариқ, педагогикаи таълимӣ илмест, ки ба амалия нигаронида шудааст. Робитаи байни таҳкиқоти бунёдӣ ва амалиро кори таҷрибавӣ-озмоишӣ таъмин менамояд, ки сифати онро дониши методологӣ асоснок мекунад.

Аз ин мавқеъ ва нуқтаи назар, бо мақсади оид ба низоми тайёр намудани омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (вобаста ба нақшаҳои таълимии давлатӣ), тавассути санҷиши натиҷаи намунаи (модел)-и аз ҷониби мо таҳиягардида озмоиши омӯзгорӣ тарҳрезӣ ва роҳандозӣ гардид. Муҳтавои марказии озмоиш санҷиши бароҳмонии

имконият ва шароитҳои омӯзгорони фанҳои таълимӣ ва унсурҳои асосии модели омоданамоии омӯзгорӣ баҳри амалан корбаст ва дар оянда тайёр намудани шогирдони ҳақиқатан ҳам сазовору арзандаи ҷомеаи кунунӣ тибқи истифодаи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ иборат мебошад.

Вобаста ба мазмун ва мундариҷаи санҷиш ва таҳлили озмоиши педагогӣ чунин вазифаҳо мушаххас карда шуд:

– аниқ ва равшан намудани дараҷаи омодагии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру деҳот вобаста ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ;

– муайян намудани дараҷаи омодагии хонандагон вобаста ба вожаҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ;

– ба роҳ мондани чорабиниҳои гуногун баҳри муайян намудани мушкилот (проблемаҳо) дар давоми таҳсил вобаста ба масъалаи тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ;

– таҳлили нақшаву барномаҳои таълимӣ;

– ба омӯзгорон расонидани ёрии амалӣ дар интихоби мавзуъҳои таълимӣ марбут ба ташаккули ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ;

– тасдиқи амалисозии чорабиниҳои берунazсинфӣ вобаста ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо мақсади омодагии онҳо ба ҳаёти оянда;

– муайян намудани василаҳое, ки шавқангезии хонандагонро ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллии зиёд менамояд;

– ба роҳ мондани назарпурсӣ дар раванди таълим марбут ба дараҷаи эҳсос ва дарки ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон;

– дақиқан муайян намудани нишондиҳандаҳои дараҷаи омодагии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати бароҳмонию ташкил намудани корҳои таълимию тарбиявӣ.

Вазифаҳои мазкур дар асоси таҳлилу хулосабарориҳо тибқи анкетаҳои пурсиши хонандагон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру деҳот мушаххас ва натиҷабардорӣ шуд. Дар раванди озмоишҳо чунин ҳолатҳо омӯхта ва ба эътибор гирифта шуданд:

– қиёс намудани нишондиҳандаҳои бадастомадаи гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ вобаста ба натиҷаҳои омодагии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба сатҳ ва ташаккули азбаршавии дарки ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон дар равиши таълим ва тарбия;

– муассирии маҳорат ва дониши азхуднамуда марбут ба рушду дараҷаи ташаккули дарки ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон дар гурӯҳҳои назоратию озмоишӣ.

Озмоишҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб тарҳрезӣ ва корбандӣ шуда буд.

Гурӯҳҳои озмоишӣ 168 нафар ва гурӯҳҳои назоратӣ 144 нафар, дар маҷмуъ 312 нафар хонандаро фарогир буданд.

Озмоиши санҷишӣ (солҳои 2015-2022) дар се сатҳ: муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ гузаронида шуд.

Аниқ намудани дараҷаи дониш, таҷриба ва ҷаҳонбинии илмию методии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб бо роҳандозии тарбияи дарки ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон дар раванди таълим вазифаи марказии озмоиш маҳсуб меёфт. Зимни иҷрои машғулиятҳо (машғулиятҳои синфию беруназсинфӣ) баҳри равшан кардани дараҷаи дониши хонандагони муассисаҳои таълимӣ вобаста ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар раванди таълим яке аз вазифаҳои асосии навбатии озмоиш дар назар буд. Омодагии омӯзгорон ва дар кадом сатҳ қарор доштани истифодаи тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ зимни таълим ниҳоят мавқеи муҳимро созгор аст ва зарур буд, ки аз ҷониби мо маҳорати корбарӣ ва ҷаҳони маърифатии онҳо дар рафти таҳқиқот ҳамаҷониба омӯхта ва дар мадди назар гузошта шавад.

Пеш аз оғози озмоиш вобаста ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар навбати аввал тавассути суҳбати ошкоро барои шиносоӣ бо дониш, фаҳмиш ва маҳорату малакаи илмӣ-методию дарки масъалаи асосӣ аз ҷониби омӯзгорон тавассути саволҳои поёнӣ пурсон шудем:

Савол: Ибтидои ватандӯстӣ аз куҷо оғоз мегардад?

Аз 25 нафар омӯзгорони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и ш.Кӯлоб, ки аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар синфҳои мухталиф дарс мегӯянд 18 нафар (72,7%) посухи дуруст гардониданд, ҷавоби 7 нафар (27,2%) чандон равшану қаноаткунанда набуд ва ба таври умумӣ посух доданд.

Савол: Аз шоирону адибони классикӣ кадомеро медонед, ки роҷеъ ба ватандӯстию ватанпарварӣ (тарона, суруд, ғазал, достон, асари алоҳида хоҳ назмию хоҳ насрӣ ва амсол ба инҳо) эҷод карда бошанд?

Ҷавоби 21 нафар (84%) пурра буд. 4 нафар (16%) посухдиҳанда Фирдавсӣ, Унсурулмаолии Кайковус, Низомии Ганҷавӣ, Камоли Хуҷандӣ, Аҳмади Донишро ном бурдандy халос.

Савол: Зери мафҳуми ифтихори миллӣ чиро мефаҳмед?

Аз посухдиҳандагон 15 нафар (60%) ҷавоби дуруст, 5 нафар (20%) ҷавоби қаноаткунанда ва 5 нафар (20%) бо калавишҳо ҷавоби начандон мувофиқ доданд.

Дар барномаи таълимӣ ҷудо кардани соатҳои алоҳидаро бастаи тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ лозим медонед?

Аз посухдиҳандагон 18 нафар (72%) «лозим медонам», 7 нафар (28%) «лозим намедонам» ҷавоб доданд.

Савол: Таълими ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар тарбияи миллии хонандагон таъсири мусбат дорад ё не?

25 нафар (100%) ҷавоби «ҳа» доданд.

Чунин назарсанҷӣ (бо пешниҳоди саволҳои фавқӣ) бо омӯзгорони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Фархор низ гузаронида шуд.

Савол: Ибтидои ватандӯстӣ аз куҷо оғоз мегардад?

Аз 24 нафар омӯзгорони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №.12-и н.Фархор 17 нафар (70,8%) дуруст посух гардониданд, ҷавоби 4 нафар (16,6%) чандон қаноаткунанда набуд ва ба таври умумӣ посух доданд, 3 нафар (12,5%) ҷавоб нагардониданд.

Савол: Аз шоирону адибони классикӣ кадомеро медонед, ки вобаста ба ватандӯстию ватанпарварӣ (тарона, суруд, ғазал, достон, асари алоҳида хоҳ назмию хоҳ насрӣ ва амсол ба инҳо) эҷод карда бошанд?

Ҷавоби 19 нафар (79,1%) пурра буд. 5 нафар (20,8%) посухдиҳанда Фирдавсӣ, Камол, Ҷомӣ, Навоӣ, Ҳилолиро ном бурданду халос.

Савол: Зери мафҳуми ифтихори миллӣ чиро мефаҳмед?

Аз посухдиҳандагон 16 нафар (66,6%) ҷавоби дуруст, 4 нафар (16,6%) ҷавоби қаноаткунанда ва 4 нафар (16,6%) бо калавишҳо ҷавоб доданд.

Дар барномаи таълимӣ ҷудо кардани соатҳои алоҳидаро бобати тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ лозим медонед?

Аз посухдиҳандагон 19 нафар (79,1%) «лозим медонем», 5 нафар (20,8) «лозим намедонам» ҷавоб доданд.

Савол: Таълими ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар тарбияи миллии хонандагон таъсири мусбат дорад ё не?

24 нафар (100%) ҷавоби «ҳа» доданд.

Аз 23 нафар омӯзгорони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и н. Шамсиддин Шоҳин ба саволҳои фавқӣ чунин посух доданд:

Савол: Ибтидои ватандӯстӣ аз куҷо оғоз мегардад?

18 нафар (78,2%) дуруст посух гардониданд, ҷавоби 5 нафар (21,7%) чандон қаноаткунанда набуд ва ба таври умумӣ посух доданд.

Савол: Аз шоирону адибони классикӣ кадомеро медонед, ки роҷеъ ватандӯстию ватанпарварӣ (тарона, суруд, ғазал, достон, асари алоҳида хоҳ назмию хоҳ насрӣ ва амсол ба инҳо) эҷод карда бошанд?

Ҷавоби 17 нафар (73,9%) пурра буд. 6 нафар (26%) посухдиҳанда чандон ҷавоби равшан надоданд.

Савол: Зери мафҳуми ифтихори миллӣ чиро мефаҳмед?

Аз посухдиҳандагон 16 нафар (69,5%) ҷавоби дуруст, 4 нафар (17,3%) ҷавоби қаноаткунанда ва 3 нафар (13%) бо калавишҳо ҷавоб доданд.

Дар барномаи таълимӣ ҷудо кардани соатҳои алоҳидаро бобати тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ лозим медонед?

Аз посухдиҳандагон 16 нафар (69,5%) «лозим медонам», 6 нафар (26,3%) «лозим намедонам» ва 1 нафар (4,3%) «чизе гуфта наметавонам» гуфта ҷавоб доданд.

Савол: Таълими ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар тарбияи миллии хонандагон таъсири мусбат дорад ё не?

23 нафар (100%) ҷавоби «ҳа» доданд.

Таҳқиқоти гузаронидаи мо - суҳбати озод дар зинаи мазкур барои муайян кардани омодагии омӯзгорон, бахусус, омӯзгорони ҷавон, ки дар ҳалли масъалаи болоӣ душвориӣ доштанд, хеле кумак кард ва онҳо, хосатан, дар мавриди тарбияи миллии хонандагон тасаввурот ва фаҳмиши ҷадидро соҳиб гардиданд. Шаклҳои гуногуни таҳқиқотро мо дар раванди суҳбат-машварат амалӣ намудем ва он тадриҷан натиҷаи боровар дод, зеро назорати омӯзгорӣ аз рӯи раванди кори таълимӣ-тарбиявии хонандагон бо мақсади ташаккул додани ҷаҳони маънавии хонандагон, махсусан, марбут ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ нигаронида шуда буд.

Гузашта аз ин, бо мақсади боз ҳам сифатан беҳтар ба роҳ мондани тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон мо ба суҳбат-машварат устоди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Хушвақт Бозоровро даъват карда будем. Мавсуф бо омӯзгорон машварат доир намуда, роҳҳои самараноки ин намуди тарбияро равшан сохта, диққати онҳоро бештар ба мутолиа намудани адабиёти зарурии илмию методӣ ҷалб намуд.

Ҳамчунин, зимни маслиҳат- машварати хеш ба омӯзгорон бори дигар дар хусуси расидан ба қадри Ватан, ватандорию ватандӯстӣ, ифтихор аз миллати хеш ва роҳҳои ба хонандагон таълим додану дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намуданро хотиррас намуд,

ки машварати баргузоргардида, махсусан, барои муаллимони ҷавон аз манфиат холӣ набуд.

Ба ин маънӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти муаззам муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи тарбияи солиму комил гирифтани наслҳои наврасу ҷавонон ва хусусан, дар рӯҳияи хештаншиносию худогоҳии миллӣ тарбия дидани онҳо таваҷҷуҳ зоҳир намуда, тарбияи мазкурро, ки хоси наврасону ҷавонони кишвар мебошад, дар ҷои аввал гузоштаанд. Тарбияи солим ва ҳаматарафа ташаккулёфтаро, ки ҳар як давлати тараққихоҳ, сулҳдӯсту раиятпарвар ва рӯ ба пешравӣ ниҳода хоҳон аст, сарчашмаи муваффақияту музаффарияти ҳар як давлати мустақил, хосатан, давлати соҳибистиқлоламон медонанд. Сарвари мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тақвияти фикрашон овардаанд:

«Имрӯз фурсате расидааст, ки миллати бофарҳанг, давлати соҳибистиқлол ва мамлакати соҳибтамаддуну пешрафта будани Тоҷикистонро ба аҳли олам нишон диҳем, ба қадри Ватану ватандорӣ, ба қадри истиқлолияту давлатдории миллӣ ва муҳимтарин рамзҳои он - Нишону Парчами давлатӣ, Суруди миллӣ, Артиши миллӣ, Пули миллӣ ва Шиносномаи миллӣ бирасем ва аз он ифтихор намоем [175, с.16].

Ҳамчунин, ба омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ маслиҳат додем, ки дар чорабиниҳои беруназсинфию беруназмактабӣ ва маҳфилҳои фаннӣ мавзуъҳои марбут ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро дар нақшаҳои корӣ ҷой диҳанд. Марбут ба мавзуъҳои таълимӣ мушоҳида, таҳлил ва баррасию хулосабарориҳои мо ошкор намуд, ки омӯзиш ва дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намудани мактаббачагон нисбатан рӯ ба беҳбудӣ овардааст ва сифатан ҳам бартарӣ дида мешавад. Ба омӯзгорони шаҳру деҳот зимни амалӣ намудани зинаи муқаррарии озмоиш аз ҷониби мо бевосита ёрии илмию методӣ расонида шуд, ки ин усули корбарӣ дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагон ба қадри имкон мадад намуд.

Мушоҳида ва азназаргузаронии фанҳои таълимӣ нишон дод, ки тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври алоҳида таълим дода намешавад ва таълими он ба маҳорат, таҷриба, усул, кордонӣ ва билохир, ба виҷдони омӯзгор вобастагӣ дорад.

Аз диди мо, сабаби аз хизмати ҳарбӣ-дифои марзу буми Ватан, ки барои ҳар як фарзанди соҳибхиради тоҷик шараф аст, имрӯзҳо саркашӣ кардани ҷавонон шаҳодати тарбияи дуруст надидани онҳо ва дар хусуси Ватан, ватандӯстию ватандорӣ ва ифтихор аз миллату ватани озоду обод донишу тасаввуроти кофӣ надоштан аст. Бинобар ин хонандагон бояд донишу фаҳмиши баландро нисбат ба мафҳумҳои ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ соҳиб бошанд ва ба мафҳуми ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ бошуурона сарфаҳм рафта, донанд, ки ватандӯстӣ чӣ ҳасту ватандӯст кист. Ҳамчунин, сабаби ба қадри Ватан нарасидани ҷавонон дар ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудани тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

Аз нуқтаи назари мо, барои самаранок ба роҳ мондани тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки барои амалӣ намудани ин масъалаи дар назар одӣ, вале дар асл ниҳоят зарурӣ чораҳои мушаххас роҳандозӣ намояд.

Аз диди мо, тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ҳарчанд аз оила (гарчанде дар шакли ниҳоят сода бошад ҳам), манша мегирад дар тарбияи дуруст дидани онҳо, бешак, нақши муассисаи таълимӣ хеле муассиру бузург аст. Бинобар ин, ба омӯзгор зарур аст, ки сатҳи тахассуси хешро баланд бардошта истад, аз илм ва пешрафти он, аз навгониҳои техникаю технологияи навин ҳамеша огаҳӣ дошта, яке аз ҳамқадамони фаъоли ҷомеа бошад.

Муқоиса кардани сатҳи ибтидоии дониши худи омӯзгорон дар раванди таълим яке аз вазифаҳои озмоиш маҳсуб меёфт. Гузашта аз ин, сатҳи тайёрии омӯзгорон дар ҳамбастагии тарбияи ватандӯстӣ ва

ифтихори миллӣ ва амалӣ гардонидани он дар рафти таълими мавзуъҳо ва корҳои тарбиявии беруназсинфию беруназмактабӣ яке аз самтҳои дигари озмоиш дониста мешуд. Самти муҳимvи озмоиш омӯхтани маҳорат ва малакаи омӯзгорон дар ҷараёни таҳқиқот маҳсуб меёфт.

Мушкилоти ошкоршуда: ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон на ҳамаи омӯзгорон дар рафти дарсҳо диққати асосӣ равона месозанд; вобаста ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ соатҳои алоҳида пешбинӣ нагардидааст. Ба ақидаи мо, ба барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ илова кардани соатҳои таълимӣ марбути тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ба манфиати таълиму тарбия, хосатан, ҷомеа мегардад.

Ҳангоми омодасозии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вобаста ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ бояд:

– ба хислатҳое, ки мафҳум ва мазмуни тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро пурра мегардонанд, диққати асосӣ равона карда шавад;

– нисбат ба мавзуъҳои ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ марбутбуда фаъол гардонидани хонандагон;

– суръат ва сифату самара бахшидан ба азхудшавии ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ;

– барои дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ омода намудани мактаббачагон фароҳам овардани шароити мувофиқ;

– ба роҳ мондани корҳои беруназсинфию беруназмактабӣ бо иштироки шахсони хирадманду шинохта ва собиқадорони меҳнат;

– даъват намудани собиқ ҷанговарони башардӯст, кормандони ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, афсарони ҳарбӣ ва амсол ба инҳо ба машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ ва маҳфилҳои фаннӣ;

Аслан, мақсади асосӣ ба ҳалли вазифаҳои поёнӣ равона гардидааст:

– шинос намудани хонандагон ба вожаҳои ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ, аз бар кардану амалигардонии он, ташаккул ва баланд бардоштани ҷаҳони маънавӣ ва ахлоқи ҳамида;

– воло шумурдан ва садоқати бепоён доштан ба Ватан ва миллату халқияти дигари маскуни он;

– донистан ва қадрдонӣ намудани бузургсолон, хосатан, падару модарон ва дигар аъзоёни хурду калони оила;

– ба ҷо овардани қадру манзалати миллати хеш ва дигар халқияту миллатҳои маскуни сарзамини хеш;

– дар рӯҳияи ахлоқи ҳамида ва хислатҳои наҷиби инсонӣ ба камол расонидани хонандагон;

– фирефта нашудан ба дурӯғу макру ҳияли ифротиёну ифротгароён ва халалворидкунандагони ҷомеаи кунунии Тоҷикистон;

– сайқал додану баланд бардоштани донишу малакаи хонандагон марбут ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ;

– вобаста ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ мутолиа намудани асарҳои бадеӣ;

– бошуурона ва бомавқеъ амалӣ намудани донишҳои назариявӣ бобати ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ;

– дар маҳфилҳои фаннӣ ба назар гирифтан ва ҷо додани мавзуъҳое, ки барои дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагон нақши муҳим доранд;

– диққати ҷиддӣ додан ба масъалаи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар машғулияти беруназсинфию беруназмактабӣ.

Барои дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ кулли фанҳои таълимӣ, аз ҷумла, маҳфилҳои фаннию корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ низ нақши муҳим гузошта, барои ҷавобгӯ будан ба рукнҳои тарбияи миллӣ мусоидат менамояд.

Мувофиқ ба мақсад мебошад, ки дар ҳар як давраи муайян (ин ба салоҳдиди омӯзгор вобастагӣ дорад), то кадом дараҷа омодагӣ

гирифтану тайёр будани хонандагон марбут ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ санҷида шавад. Роҳандозӣ намудани чунин санҷишҳо хонандагонро аз як тараф барои дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарбия гирифтан омода намояд, аз тарафи дигар, омӯзгор дар кадом сатҳ қарор доштани дониш, маҳорат ва малакаи онҳоро бастаи мавзуи мазкур дониста мегирад. Роҳҳои назарсанҷии хонандагон шаклҳои дорост ва он вобаста ба маҳорат ва донишу таҷрибаи омӯзгор вобастагӣ дорад. Масалан, назарсанҷии хонандагон чунин ба нақша гирифта мешавад:

– ташаккул додани тарбияи миллии хонандагон, алалхусус, тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ зимни иҷрои супоришҳои хонагӣ;

– зимни банақшагирии корҳои беруназсинфию беруназмактабӣ ва маҳфилҳои фаннӣ;

– ба воситаи баҳсу мунозираи хонандагон ба даст овардани дониш;

– ташкил ва гузаронидани мубоҳисаҳо пас аз мутолиаи дастҷамъонаи асари мутолиагардида;

– ташкили мусоҳибаву мубоҳисаҳо баъд аз дидаву мушоҳидаҳо (рафтан ба осорхонаҳо, китобхонаҳои деҳот, ноҳия ва шаҳрию ҷумҳуриявӣ, вохӯриҳо бо собиқадорони меҳнат, оилаҳои намунавӣ ва олимону донишмандони машҳур, амояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ва монанд ба инҳо).

Мақсади асосӣ нахуст аз ҳама мусоидат намудан ба завқу ҳавас ва шавқмандии ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар тарбияи миллии хонандагон буд. Аз бар кардани малака, дониш ва маҳоратҳое, ки барои корбаст намудани онҳо бастаи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ заруранд, тарҳрезӣ ва амалан корбандӣ карда шуданд. Дар рафти озмоишҳо баста ба зарурати аз худ кардани ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ диққати ҷиддӣ равона карда шуд.

Тавассути омӯзиши вазъи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ мо таваҷҷуҳи омӯзгоронро марбут ба масъалаи боло ҳамаҷониба омӯхтем ва дар ниҳоят пешниҳод намудем, ки доираи дониши худро васеъ намоянд, таҷрибаи худро сайқал диҳанд ва маҳорати тахассусиашонро баланд бардоранд, ҳамчунин, зимни омӯзиши мавзуъҳои таълимӣ, машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ ва маҳфилҳои фаннӣ тарҳрезию корбандӣ намоянд. Барои корбандӣ намудани мақсади хеш мо байни омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ду ҷуфт семинар-машварати илмӣ- методиро таҳти унвонҳои «Усулҳои корбасти ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар дарсҳои адабиёти тоҷик» бо иштироки номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Бозоров Хушвахт ташкил кардем.

Баъд аз анҷоми семинар-машварати илмӣ- методии баргузоргардида ва гузаронидани суҳбат бо онҳо равшан гардид, ки иштирокчиён аз он баҳрабардорӣ намудаанд. Барои маълумоти пурра гирифтан аз натиҷаҳои семинар-машварати илмӣ- методӣ мо тариқи зерин назарпурсӣ намудем:

То ин муддат дар ягон семинар-машварати илмӣ-методие, ки ба тарбияи ватандӯстӣ, бахусус, ифтихори миллӣ бахшида шуда бошад, иштирок доштед?

Ҷавоби ҳамаи иштирокчиён 116н (100%) як хел буд: вобаста ба тарбияи ватандӯстӣ баъзан, вале вобаста ба тарбияи ифтихори миллӣ иштирок надоштем.

Бароҳмонии семинар-машварати илмӣ-методӣ дар хусуси тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ба шумо аз ҷиҳати илмӣ-методӣ ёрие расонида тавонист?

Ҷавоб: Бале. (100%)

Мехоҳед семинар-машварати илмӣ-методие, ки марбут ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ бошад, дар аввали соли таҳсил ташкил ва гузаронида шавад?

Ҳама (100%) қаноатмандона тарафдорӣ намуданд.

Бинобар сабаби амалӣ гардидани тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ва омода намудани худи омӯзгорон истифодаи методҳои кори лоиҳавиро тарҳрезӣ ва корбандӣ намудем. Омӯзгори асил вобаста ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ бояд дониш, ҷаҳонбинии васеъ ва маҳорату малакаи хуби педагогиро дошта бошад. Чунин ба назар мерасад, ки тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ чандон кори мушкилу мураккаб нест ва он як намуди тарбияи муқаррарӣ ва одист, вале дар ҳақиқати ҳол чунин нест ва ин намуди тарбия корбарии дуру дароз ва доманадори мақсаднок (дар замири хонандагон бедор ва мустаҳкам намудани меҳру муҳаббат ва садоқат ба Ватан, ифтихор аз таърихи гузаштаву муосир, бахусус, аз фарзандони шуҷову шарафманди он)-ро нигарон аст.

Дар ҳамбастагӣ бо ин маънӣ барои ёрӣ расонидан ва омода намудани омӯзгорон истифодаи методҳои корҳои лоиҳавиро ба роҳ монем. Корбандӣ намудани лоиҳаҳои методӣ ба омӯзгорон, хосатан, ба омӯзгорони ҷавон имконият фароҳам меоварад, ки марбут ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ва тарзу роҳҳои истифодабарии он дар раванди дарсу машғулияти беруназсинфию беруназмактабӣ ва маҳфилҳои фаннӣ ба хонандагон дониши ҳаматарафа ва васею илман асоснок дода, дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ самаранок тарбия намоянд ва дар ташаккули ҷаҳони маънавии онҳо нақши бориз гузоранд.

Корбандӣ намудани усулҳои кори лоиҳавӣ ҳангоми кор бурдан бо омӯзгорон имконият фароҳам меоварад, ки зарурат ва моҳияти ин намуди тарбияро ҳаматарафа ва ҷиддан омӯхта аз бар намоянд. Мақсади лоиҳа аз ҳалли мушкилоти тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ, омӯхтани дониш, ҳосил намудани малакаҳо вобаста ба масъалаи зикргардида ва василаҳои амалан корбаст ва роҳандозӣ намудани онҳо маҳсуб меёбад. Дар асоси нишондоди лоиҳа фаъолият намудан бо саъю кӯшиш, шавқ, майлу рағбат ва ҷидду ҷаҳди хонандагон ҳамчун фаъолияти пайгирона ба назар гирифтаро тақозо дорад. Мақсади асосии

лоиҳа ба кори тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ҷалб намудани омӯзгорон равона карда шудааст.

Бад-ин тариқ, лоиҳаи таълимӣ- озмоишӣ, таълимӣ-тарбиявӣ ҳисоб меёбад. Аввалан, ин василаест, ки ба омӯзгор зарурат пеш меояд, ки бобати ҳалли ҳаматарафаи ин қазия тайёр шавад, кӯшиш ба харҷ дода, пайи ҷустуҷӯ бошад ва воситаҳои манфиатбахши тарбияи мазкурро бастаи нақшаи муайян дастрас намояд, гузашта аз ин, хонандагон дар асоси фаъолияти доманадору мақсадноки омӯзгор тавассути омӯзиши пайдарпайи силсилавӣ ва иштирок дар корҳои берунзсинфию беруназмактабӣ ва маҳфилҳои фаннӣ дар бораи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ донишҳои нисбатан нав гирифта, ҷаҳони маънавии хешро ташаккул дода, дар рӯҳияи ахлоқи ҳамида тарбия дида, худро аз ҳар ҷиҳат ба замони муосир ва талаботи рӯзмарраи он омода месозад.

Баъдан, лоиҳаи таълимӣ-тарбиявӣ масъалаҳои зеринро такмил ва тақвият медиҳад: аз худ ва доманадору мустаҳкам намудани донишу маҳорат, малака қобилияти дарки маънӣ, санъати сухандонию суханварӣ, инкишофи нутқ (шифоҳию хаттӣ), ташаккули ҷаҳони маънавӣ, қобилияти мустақилона дарк кардани ин ё он мушкилот (проблема) ва амсол ба инҳо.

Дар мавриди корбандӣ намудани талаботи лоиҳа хонандагон маҳорати мустақилона кор кардан ва бо маводҳои таълимие, ки вобаста ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ шомил мебошанд, муносибат карданро меомӯзанд.

Хонандагон ба мақсади асосӣ-ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ сарфаҳм рафта, тадриҷан онро дар амал роҳандозӣ карда, оҳиста-оҳиста ба мазмун, моҳият ва муҳтавои асосии масъалаи бамиёномада сарфаҳм мераванд. Ҳамчунин, хонандагон тавассути корбарию фаъолияти мустақилона ба баён намудани афкори хеш омода гардида, ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тайёр мешаванд.

Бо мақсади беҳтар корбандӣ намудани тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ мо як соат дарси амалии намунавиро ба роҳ мондем.

Вазифаи асосӣ, пеш аз ҳама, мусоидат намудани хонандагон ва афзудани шавқу рағбат ва ҳавасмандии онҳо ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ буд. Бинобар ин сабаб, он донишу малакаҳое, ки барои аз бар намудани ташаккули тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ нақши муассир доранд, тарҳрезӣ ва корбандӣ гардид. Ҳангоми рафти омӯзиш бо хонандагон, вобаста ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ва усулҳои дарку азбарнамоии дониш, маҳорат ва малакаи эҳсос намудани тарбияи мазкур диққати ҷиддӣ равона карда шуд. Дар ҷараёни омӯзиш мо, махсусан, таваҷҷуҳи омӯзгоронро назарсанҷӣ намуда, маслиҳат додем, ки, маҳорату малакаи тахассусиашонро ташаккул ва дар ин ҷода корбандӣ намуда, ҳақиқатан ҳам шогирдони арзандаро ба камол расонида, баҳри амалӣ намудани мақсадҳои нек раҳнамун созанд. Ҳамчунин, тавсия додем, ки дар ҷараёни таълими мавзуъҳо (вобаста ба мазмун ва мундариҷаи онҳо) хонандагонро бо расму оин, таърихи гузашта, адабиёт, маданияту санъати миллии ниёгону даврони муосир ва дар қиёс бо ҳаёту маданияти халқияту миллатҳои бурунмарзӣ низ (дар мавридҳои мувофиқ), шинос намудан яке аз усулҳои баланд бардоштани ташаккули тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дониста мешавад. Ҳамчунин, ба омӯзгорон зарур аст, ки ҳар яки онҳо бояд вобаста ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дониши васеъ ва мустаҳкаму паҳнои педагогию психологиро доро бошанд ва дар корбасту корбандӣ намудани тарбияи мазкур аз роҳу усулҳои фаъоли таълим самаранок истифода намоянд.

Ба ақидаи мо, кори тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ саҳлу осон набуда, тарбияи дуру дароз ва доманадор мебошанд, ки заҳмати давомноки омӯзгорро тақозо дорад. Барои ноил гардидан ба ин мақсад ба омӯзгор лозим меояд, ки бо хонандагон ҷиддан рафтор намояд ва аз роҳу усулҳои фаъоли таълимӣ истифода намуда, тавонад, ки дар замири онҳо шавқу рағбат ва ҳавасмандиро бедору бештар намояд.

Чунин бароҳмонии кор, пеш аз ҳама, барои бошуурона аз бар намудани тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ аз ҷониби хонандагон мусоидат намуда, барои ба моҳияти ин намуди тарбия сарфаҳм рафтани онҳо кӯмак мерасонад. Дар ҷодаи муваффақона ба роҳ мондани тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ нақши корҳои беруназсинфӣ (маҳфилҳои фаннӣ, хонишҳои беруназсинфӣ, конференсияҳои фаннӣ, шабҳои саволу ҷавоб ва амсол ба инҳо) хеле калон аст.

Яке аз омилҳои асосии кори таҷрибавӣ-озмоишӣ тарҳрезӣ ва корбандии машғулиятҳои беруназсинфӣ ҳамчун воситаи асосии омода намудани хонандагон ба ҳаёти оянда тавассути тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ маҳсуб меёбад.

Барои шавқовару диққатҷалбкунанда гузаштани як машғулияти беруназсинфӣ мо номзади илмҳои филологӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Зулфиев Гадомадро даъват намудем. Мавсуф дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Шамсиддин Шоҳину Фархор, Муъминободу Ховалинг марбут ба мавзуи «Ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ, тафовуту ҳамоҳангии ин вожаҳо» як соат дарси намунавиро байни хонандагони муассисаҳои таълимии болозикр гузарониданд, ки дарси гузаронида самараи хуб ҳам дод. Мавсуф сараввал дар бораи бо кадом роҳҳо ва чӣ гуна ватандӯст шудану чи тавр аз гузаштаву ҳозира ва фарзандони барӯманди миллати тоҷик ифтихор кардану расидан ба қадри Ватану миллати хеш маълумоти муфассал доданд.

Ҳамчунин, марбут ба масъалаи мазкур аз нуқтаи назари педагогӣ ва тавъам будан ба ҳаёти рӯзмарра сухан ронда, тадриҷан ба мубоҳиса гузаштанд. Мубоҳиса хеле шавқовар ва бо қаноатмандӣ гузашт, инчунин, ҷиҳати ватандӯстию ифтихори миллӣ ба хонандагон таассуроти нек гузошт ва гувоҳи ин гуфтаҳо саволу ҷавоби хушҳолонаи байни худи бачаҳо мебошад. Дотсент Зулфиев Гадомад тавонистанд як мубоҳисаи хубу шавқовар бо шарҳи мушаххаси корбаст гардидани вожаҳои ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро тавассути технологияи

навини даврони муосир ба роҳ монда, шавқмандии хонандагонро дучанд намоянд.

Ҷамъбаст ва натиҷаи мубоҳисаи намунавии ба роҳ мондашуда имконият фароҳам овард, ки хонандагон ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ рағбати зиёд пайдо карда, дар кадом поя бояд қарор гирифтани меҳру муҳаббат ба Ватану ватандӯстӣ ва то кадом дараҷа аз миллати хеш, аз таърихи гузаштаву муосир, аз бузургону нобиғаҳои миллат ва сарфарозию ифтихор аз онҳо доштанро дар ҳаёти рӯзмарра ва минбаъдаи хеш эҳсос намуда, корбандӣ намоянд. Тавассути як машғулияти намунавии низоми омодасозии хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ компоненти аҳамиятнок методҳои омӯзиш (мусоҳибаю мубоҳиса, баёни афкор, фаҳмондадиҳӣ, пешбарӣ намудани мушкилот (проблемагузорӣ), ба саволҳо ҷавоби хаттӣ гардонидан, нақли хаттӣ, иншоҳои мухтасар, тасвири манзараҳо ва амсоли инҳо) дониста мешаванд.

Қисми зиёди усулҳои мазкур дар рафти машғулиятҳои намунавии истифодагардида мақсаднок корбандӣ гардидаанд. Чунончѣ, методи мубоҳиса, ки хонандагон низ онро бесаброна интизорӣ мекашанд, дар ҷараёни дарсҳо ва машғулиятҳои беруназсинфӣ корбандӣ гардид. Барои самараноку маҳсулнок корбаст намудани тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ва ташаккули нутқи навишторию гуфторӣ, рушду нумуи қобилияти эҷодӣ ва умуман, ҷаҳони маънавии хонандагон мо дар рафти ба роҳ мондани озмоиш аз васоити техникии муосир (истифодаи компютер, расмҳои худсози ба мавзуъ мувофиқ, ҷадвалҳо, сабти видеоӣ, адабиёти иловагии ба мавзуъ марбут) ва монанд ба инҳо истифода бурдем.

Мо дар рафти дарсҳо, иҷрои корҳои мустақилонаву супориши хонагӣ ва корҳои беруназсинфӣ усули таҳқиқотии омӯзиши тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро амалан роҳандозӣ намудем ва бо иштироки ҷамъи хонандагон кори таҳқиқотӣ ҳангоми омодагӣ ба конференсияҳои фаннӣ, мубоҳисаву мусоҳибаҳо, шабҳои саволу ҷавобу

зимни корбасти корҳои беруназсинфӣ ва амсоли инҳо ба роҳ монда шуд. Дар марҳилаи нахуст чорабиниҳои зерин сомон дода шуд:

– тарҳрезӣ ва корбаст намудани дарсҳои намунавӣ;

– иштирок, мушоҳида ва ҷамъбасту хулосабарорӣ аз дарсҳои омӯзгорон;

– ба роҳ мондани дарс-экскурсияҳо ба осорхонаҳо, ҷойҳои таърихӣ, китобхонаҳои марказӣ ва табиати маҳал, шаҳру ҷумҳурӣ тибқи нақшаи тақвимӣ-мавзуӣ, ки дар асоси нақшаи таълимӣ мураттаб гардида, дар шурои илмӣ–методии муассисаи таълимӣ тасдиқ карда шудааст;

Дар марҳилаи дуюму сеюм дар конференсияҳои адабӣ-бадеӣ ва шабҳои саволу ҷавоби хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб, ки бо ташаббуси худи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва, албатта, таҳти роҳбарию машварати омӯзгорон омода гардида буданд, ширкат варзидем. Аз ҷониби мо пурсиш дар бораи муҳиммияти ватандӯстию ифтихори миллӣ ва нақши он дар тарбияи минбаъдаи хонандагон сурат гирифт.

Пурсиши гузаронидаи мо вобаста ба масъалаи мазкур собит намуд, ки:

– дарсҳои ба талаботи давр ҷавобгӯ ва дар асоси истифодаи техникаи муосир корбастгардида, таваҷҷуҳ ва шавқу завқи мактаббачагонро аз дарси аввал бедору зиёд намуд;

– он дарсҳое, ки масъалаҳои ватандӯстию ифтихори миллиро фарогиранд, шавқмандии хонандагонро нисбат ба маводи таълимӣ ва ҳамаҷониба аз бар гардидани он кумак мерасонанд;

– мавзуъҳои ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ вобастабуда дар ташаккули дарки адабию сиёсӣ ва ахлоқии хонандагон нақши муҳим дошта, ҷаҳони маънавии онҳоро боло мебардорад;

– тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ба дарк, афкор ва эҳсоси хонандагон таъсир расонида, меҳру эҳтироми онҳоро нисбат ба инсон афзун мегардонад;

– тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ заминаи асосиест барои дар рӯҳияи ахлоқи ҳамида тарбия намудани хонандагон;

– маҳфуми ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ беҳтарин хислатҳои инсониро фарогир аст;

– тарбияи дурусту мақсадноки ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ барои хонандагон раҳнамои роҳи рост ва ахлоқи нек маҳсуб меёбад.

Таълими тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ он замон самаранок ва ҷавобгӯ ба талаботи замон мегардад, ки дар он муассисаи таълимӣ омӯзгорони соҳибтаҷриба, донишманд ва ҷӯяндаву рӯҳияи навгонидошта фаъолият мекунанд ва дар ҷодаи корбандӣ намудани тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ заҳмати зиёде ба харҷ медиҳанд. Бешак, дарсу машғулиятҳои чунин омӯзгорон (новобаста аз фанҳои таълимӣ) имконияти фаровони дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагонро доранд.

Хонандагон дар ҷараёни дарсҳо ва машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ ва маҳфилҳои фаннӣ алоқаи таҳсилу тарбияро бо ҳаёти рӯзмарра ва муҳити гирду атроф дида, эҳсос менамоянд ва аз нуқтаи назар ва фаҳму идроки худ хулосабарорӣ мекунанд. Зимни иштирок ба машғулиятҳои беруназсинфии хонандагони муассисаҳои таълимии минтақаи Кӯлоб оид ба ҷараёни дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани онҳо мушоҳида гузаронидем. Чун анъана корҳои беруназсинфии хонандагон бо конференсияи хотимавӣ ва хулосабарорӣ ҷамъбаст мегардад ва натиҷаи то кадом андоза бой гардидани донишандӯзию захираи луғавӣ, ташаккул ёфтани ҷаҳони маънавии он аз рӯи нишондодҳои зерин амалӣ мешавад:

– сатҳи азбаршавии дониши хонандагон вобаста ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ;

– дараҷаи фаҳмиш, маҳорат ва дониши назариявии хонандагон марбут ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ;

– шавқу завқ ва рағбату майли хонандагон нисбат ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ;

– сатҳи дониши назарии хонандагон ва фаъолияти амалии онҳо;

– дараҷаи донишандӯзии хонандагон;

– инкишоф ва ташаккули олами маънавиёти хонандагон вобаста ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ;

Натиҷаҳои ҷамъбасти озмоишҳо аз ҷидду ҷаҳд, саъю кӯшиш ва дониши хуби хонандагон бобати ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ шаҳодат медод. Марбут ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дониши наву қаноаткунанда аз бар намудани хонандагон азояндаи неки ворисони вафодор ва баору номуси миллату Ватан ба камол расидани онҳо гувоҳӣ медод.

Аҳамият ва муҳиммияти таълимии мавзуъҳои ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ марбутбуда дар он аст, ки дониши азбаргардидаи хонандагон дар ҳаёти ҳаррӯза ва оянда амалӣ гарданд ва ба нафъи ҷомеаи кунунӣ равона карда шаванд.

Рафт ва натиҷаи таҷрибаи сомондодаи мо собит сохт, ки қисми зиёди хонандагон аз мавзуъҳои таълимии вобаста ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллибуда хулоса баровардан ва ба ҳаёт вобаста намудану корбандӣ кардани онро тадриҷан сарфаҳм мерафтагӣ шуданд.

Дар натиҷа равшан гардид, ки 19%-и хонандагон баъди мутолиаи матнҳои ба мавзуи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ марбутбуда (ва албатта, тавассути саволу ҷавобу ташкили мубоҳисаҳо аз ҷониби омӯзгорон дар дарсҳо) вобаста ба масъалаи мазкур диққати ҷиддӣ дода, аз матнҳои хондашуда (порчаҳои назмию насрӣ) дурусту бехато хулосабарорӣ намуданд. 40%-и дигари хонандагон аз уҳдаи хуб хулосабарорӣ кардан баромада тавонистанд. 25%-и дигар ба таври қаноаткунанда хулосабарорӣ карданд ва 14%-и онҳо танҳо бо ёрии омӯзгорон ба мақсад ноил гардиданд. 2%-и мактаббачагон дар ҷамъбасту хулосабарорӣ душворӣ кашиданд.

Дар зер тайёрӣ ба як дарси омӯзгори фанни адабиёти тоҷики муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 49-и ноҳияи Шамсуддин Шоҳин Абдуллозода Раҳматулло вобаста ба мавзуи «Қиссаи «Ситораҳои сари

танӯр»-и Сайф Раҳимзоди Афардиро дар синфи X1, ки 26 нафар хонандаро фарогир буд, ба таври намуна меорем. Бо мақсади самаранок гузаронидани дарс худи омӯзгор омодагии ҳаматарафа дид ва тайёрии пешакии хонандагонро низ ба назар гирифта, онҳоро барои сифатан баланд гузаштани дарс огоҳ менамояд. Омӯзгор дар хусуси дарс, мақсад ва талаботи он маълумоти мухтасар дода, моҳияти мавзуъ, нақшаи амалӣ намудани онро ба самъи хонандагон мерасонад. Усулҳои гузаронидани он пешакӣ тарҳрезӣ гардидааст.

Дар дарси навбатӣ, дар лаҳзаи мустаҳкамкунӣ, тавассути ба саволҳо ҷавоб гардонидан пурсиш гузаронида шуд. Натиҷагирӣ нишон дод, ки аз шумораи мазкур аксарият дар ҷавоб гардонидан фаъол буданд ва ҷавоби онҳо тариқи зайл ҷамъбаст гардид:

Саволи 1. Ватандӯстӣ чист?

Ҷавоби «аъло» - 7 нафар (25,4%)

«хуб» - 12 нафар (42,6%)

«миёна» - 7 нафар (25,4%)

«намедонам» - 2 нафар (7,1%).

Саволи 2. Ифтихори миллӣ гуфта чиро дар назар доред ва он аз мафҳуми ватандӯстӣ чи фарқ дорад?

«аъло» - 3 нафар (10,9%)

«хуб» - 7 нафар (26,9%)

«миёна»-15 нафар (57,6%)

«намедонам» -1 нафар (3,7%).

Саволи 3. Рамзҳои давлатию миллии мо кадомҳоянд?

«аъло» - 10 нафар (38,4%)

«хуб» - 8 нафар (30,8%)

«миёна»- 6 нафар (23%)

«намедонам» -2 нафар (8%).

Зимни санҷиш ва таҳлили масъалаи мазкур вазъи натиҷаи корҳои марбут ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру деҳот дурустии корҳои

таҳқиқотиро мушаххасан равшан кардем. Дар маҷмуъ фаъолият ва ҷавобҳои хонандагон, асосан, ҷавобгӯ ба талаботи мо буданд, ки ин аз эҳсос ва дарки масъалаи ба миён гузошта дарак медиҳад. Баромадҳои хонандагон тавассути маърӯзаҳо дар маҳфилҳои «Забон ва адабиёти тоҷик», «Адибони наврас» ва «Дӯстдорони каломи бадеъ», конференсияҳои адабӣ-бадеӣ, чорабиниҳои умумимуассисавӣ ва шаҳрию ноҳиявӣ тасдиқгари афкори фавқианд. Гузашта аз ин, муроҷиатҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати баландбардории дараҷаи сифати дониши хонандагон ва дар рӯҳияи ватандӯстию ватанпарварӣ, худшиносию худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани онҳо шаҳодати тадриҷан амалӣ гардидани муроҷиатҳои маорифпарваронаи Сарвари давлатамон мебошад.

Хулоса, ҷараёни тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру деҳот дар фаъолияти касбӣ маҳсулнокии шароитҳои педагогиро дод. Натиҷаҳои умумии корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар зербоби оянда оварда мешаванд.

## 2.3. Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тавассути ғояҳои ватандӯстонаи ашъори адибон

Тибқи мазмун, мундариҷа ва мавзуи сохтори кори таҳқиқотӣ вазифаи мо муайян намудани дараҷаи дарк кардан ва андӯхтани дониши назариявӣ аз ҷониби хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстию ватанпарварӣ, худшиносию худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ (донистани таърихи гузашта ва ифтихор аз гузаштаи таърихи куҳанбунёду муосири хеш, донистани ибрат ва шукӯҳмандӣ, таърихи фарҳангу тамаддун, ҳифзи хотираи таърихӣ, бузургдошти забон ва мероси фарҳангӣ, муҳаббат ва самимияти хос нисбат ба марзу буми Ватан, эҳтиром ба халқу миллатҳои кишвари худ ва миллатҳои ҷаҳони муосир, доро будан ба ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ, суннатҳои давлатдорӣ ва парастиши расму оинҳои судманди аҷдодӣ ва монанд ба инҳо, ки муаррифгари худшиносию худогоҳӣ ва ватандӯстию ифтихори миллии ҳар як хонандаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маҳсуб мешаванд), буд ва тавассути корбаст намудани анкетаҳо (саволномаҳо) корбандӣ гардид.

Мақсади асосӣ аз шиносоӣ бо ақидаҳои омӯзгорон ва, хосатан, муайян намудани дараҷаи донишу фаҳмиши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бобати ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар омоданамоии низоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Кӯлоб ва ноҳияҳои Фархору Шамсиддин Шоҳин, Восеъ, Ховалинг ва Муъминободро фарогир буд. Дар пурсише, ки тавассути саволномаҳо ба роҳ монда шуда буд, 116 нафар омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик ширкат доштанд (албатта дар алоҳидагӣ ва дар шаҳру ноҳияҳои худ) ва пурсиши анкетавиро нахуст аз омӯзгорон шуруъ кардем ва ба натиҷаҳои зерин ноил гардидем:

Ба саволи: Дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ таълим додани хонандагон дар алоҳидагӣ шарт аст?

Аз посухдиҳандагон тавассути анкета 64,3 % ҷавоби «ҳа» ва 28,2% ҷавоби «шарт нест» ва 8 % ҷавобе надоданд.

Савол: Дар даврони мактабхонӣ дар хусуси ватандӯстию ватанпарварӣ маълумоти мушаххас доштед?

Аз посухдиҳандагон 100 %-и ҷавоби «бале» доданд.

Савол: Марбут ба тарбияи ифтихори миллӣ чӣ?

30,6 % «ҳа» ва 69,1 % ҷавоби «не» гардониданд.

Савол: Барои дар барномаи таълимӣ ворид намудани соатҳои таълимӣ андешаи шумо чӣ гуна аст?

80,3 % ҷавоби «шарт аст», 12,5 % ҷавоби «шарт нест», 7.1 % ҷавоби «намедонам» доданд.

Бештар аз 80%-и омӯзгорон бар он ақидаанд, ки дар барномаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ворид намудани соатҳои таълимӣ (махсусан, вобаста ба ифтихори миллӣ), тахминан дар ҳаҷми 30-35 соат аз аҳамият холӣ нест. Назарпурсии мо тибқи саволҳои анкетавӣ собит намуд, ки 16,2%-и омӯзгорон худ оид ба мафҳуми ифтихори миллӣ чандон дониши қаноаткунандаро молик нестанд, бахусус, омӯзгорони ҷавон.

Аз ин боис, ба ақидаи мо, беҳтар мешавад, ки дар донишгоҳ ва коллеҷҳои омӯзгорӣ барои муваффақ гардидан ба ҳалли ин қазия ҷудо намудани соатҳои таълимӣ ба манфиати кори таълиму тарбия мебошад. Ҳамчунин, дар Филиали ҷумҳуриявии Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои омӯзгорӣ дар шаҳри Кӯлоб ба роҳ мондани семинар-машваратҳои илмӣ-методии кӯтоҳмуддат вобаста ба мавзуъҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ба мақсад мувофиқ аст.

88,9 %-и омӯзгорон дар назди Филиали ҷумҳуриявии Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб корбандӣ гардидани курсҳои кӯтоҳмуддати методӣ-машваратиро марбут ба қазияи тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ хоҳонанд. Вобаста ба муҳтавои таҳқиқоти мо, пурсиши омӯзгорон, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб

(дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 3,6,8,53-и ш.Кӯлоб ва №№ 8,21,22,60 -и ноҳияи Фархор, №№ 4,22,23,49-и Шамсиддин Шоҳин, №№ 2,12,30,50-и Муъминобод ва №№ 4,10,21,28-и Восеъ) ба таври пурсиши анкетавӣ корбаст гардид.

Дар пурсиш 116 нафар омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, ки аз ин шумора 49 нафар дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳр ва 67 нафар дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии деҳот фаъолият доштанд, дар пурсиш ба саволҳои поёнӣ ба таври зайл ҷавоб доданд:

Савол: Ҳамаи хонандагон ба мафҳуми ватандӯстӣ сарфаҳм меравbooмеравуanд?

98, % омӯзгорон ҷавоби «ҳа» доданд.

Савол: Ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ омилҳои меҳварӣ ва калидии давлатсозию ҷомеасозӣ буда метавонанд?

81,7 % ҷавоби дуруст доданд, 12% ҷавоби қаноаткунанда гардониданд, 6,1 % ба таври умумӣ ақидаронӣ намудаанд ва 3 % ҷавоби равшан надоданд.

Гузашта аз ин, барои фаҳмидани фикру мулоҳизаҳои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вобаста ба зарурати амалӣ намудани тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ҷараёни таълим саволҳои поёнро роҳандозӣ намудем:

1. Таҷассуми симои шахсони барҷастаи воқеии таърихӣ, намояндагони бузурги зиёиёни эҷодкор-адибон, равшанфикрон ва арбобони илму фарҳанг дар тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон таъсир расонида метавонанд? Агар «ҳа» чӣ гуна ва агар «не» чаро?

82,6% омӯзгорон ҷавоби «метавонад», 11% ҷавоби «намедонам» ва 6,4% ҷавобе надоданд. Таҳлили натиҷаҳои пурсиш равшан намуд, ки зиёда аз 16% омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб оид ба мафҳуми ватандӯстӣ тасаввурот ва

дониши казоӣ доранд, вале оид ба мафҳуми ифтихори миллӣ ҷавобҳояшон чандон қаноаткунанда набуд.

2. Дар марҳилаҳои созанда ва гардишҳои куллии ҳаёти кунунии ҷомеа марбут ба ватандӯстию ватанпарварӣ ва ифтихори миллӣ ташаккули шуур ва андешаи миллӣ зарурат дорад?

97,4% ҷавоби «бале» доданд, 2,6 % ҷавобе надоданд. Дар рафти таҳқиқ ва санҷиш тавассути саволу ҷавоб ошкор гардид, ки баъзе аз омӯзгорон шояд бо сабаби дар барномаҳои таълимӣ ҷудо нагардидани соатҳои таълимӣ чандон диққати ҷиддӣ надодан ба ин масъалаи дар назар одӣ, вале дар амал ниҳоят ҷиддӣ ба саҳлангорӣ роҳ додаанд, махсусан марбут ба тарбияи ифтихори миллӣ.

Ба ақидаи мо, омилҳои асосӣ инҳоянд:

– вобаста ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар барномаи таълимӣ ҷудо нагардидани мавзуъҳои муайян;

– мушаххас набудани миқдори соатҳои таълимӣ дар мавриди ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ;

– дучор гардидани омӯзгорон дар раванди таълими мавзуъҳо ба мушкилот, бахусус, аз ҷиҳати методӣ, ҳангоми ҷамъбаст ва хулосабарорӣ аз мавзуъҳои таълимӣ ё худ дар рафти ҷамъбасти машғулияти беруназсинфию беруназмактабӣ ва маҳфилҳои фаннӣ.

Ҳамчунин, тавассути саволнома ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ саволи зерин пешниҳод гардид:

Дар раванди машғулияти беруназсинфию беруназмактабӣ ва маҳфилҳои фанни забон ва адабиёти тоҷик ба масъалаи ифтихори миллӣ диққати ҷиддӣ равона месозед?

Ҷавобҳо таври зайл буданд:

«ҳа» - 46,3 %

«баъзан» - 43,2%

«не» - 10,4%

Дар ростои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ аз омӯзгорон чунин пурсон шудем:

Дар омӯзиши хонандагон марбут ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ кадом воситаҳоро истифода мебаред?

Қисми бештари омӯзгорон вохӯрӣ бо падару модарон ва шахсони барӯманд, намоиши филмҳои таълимӣ, навиштани нақлҳои хаттию иншоҳо ва амсоли инҳоро номбар карданд. Ҷавобҳо чандон каноаткунанда набуданд, ҳарчанд ки истифодаи ин усулҳо аз аҳамият холӣ нестанд, вале барои дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагон воситаҳои номбаршуда кифоягӣ намекунад. Зеро дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагон бо аз худ намудану тақвият бахшидани муҳтавои асосии мавзуъҳои таълимӣ сурат мегирад ва ташаккул ёфта, васеъ ва мустаҳкам мегардад . Дар ин сурат хонанда метавонад тадриҷан дониш, маҳорат ва идроки худро бобати ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ баланд бардошта, ҷаҳони маънавӣ ва ақлонию зеҳнии худро равнақ бахшида, ташаккул диҳад.

Ҷавобҳои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб шаҳодати он аст, ки қисме аз онҳо ба ҳалли ин қазия мувофиқ ба талаботи даврони муосир дар дониш андӯхтану тарбияи дуруст гирифтани хонандагон то дараҷае беаҳамиятӣ зоҳир менамоянд ва сабаби асосии инро дар ҷудо нагардидани соатҳои таълимӣ мебинанд.

Аз диди мо, хонандагон дар он сурат метавонанд ба мафҳумҳои ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тасаввуроти пурра ва дониши ҳаматарафаи комилро мушарраф гарданд, ки агар ҳамаи усулҳо дар маҷмуъ якҷоя ва бо як мақсад корбандӣ шаванд. Вобаста ба ин, хонандагон корҳои мустақилонаро дар машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ тавассути истифодаи оқилонаи аёният (асбобҳои аёнии худсохт), воситаҳои техникӣ, махсусан, компютер ва дигар воситаҳои мултимедиявӣ бо дастгирӣ ва ёрии амалии омӯзгорон сомон диҳанд.

Мо аз омӯзгорони муассисаҳои таҳислоти миёнаи умумии деҳот ва шаҳр бо мақсади муайян намудани дараҷаи омодагии онҳо вобаста ба

тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ҷараёни таълиму тарбия натиҷагирӣ намудем. Натиҷаи саволномаҳои омӯзгорон шаҳодати онанд, ки бархе аз омӯзгорон ба ҳалли самараноку ҳамаҷонибаи дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагон ба пуррагӣ омодагӣ нагирифтаанд, хосатан, дар тарбияи ифтихори миллӣ. Ба саволи: Зарур медонед, ки омӯзиши ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, хосатан, дар коллеҷҳо ва донишкадаҳои омӯзгории ҷумҳурӣ бо нишондоди барномаҳои таълимӣ корбандӣ гардад?

Аз саволи мазкур чунин ҷавоб гирифтем: «ҳа»-84,9%; «намедонам»-7,2% ва «не»- 8,4%. Бештар аз 85%-и омӯзгорон тасдиқ менамоянд, ки дар ҳақиқат дар рафти дарсҳо донишу малака ва ҷаҳони маънавии хонандагон бобати ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ чандон хуб нест, истисно аз 5-6 ё 7-8 нафар хонанда. Қисми беши хонандагон дар хусуси ватандӯстӣ дониши қаноаткунанда ва ҳатто хуб дошта бошанд ҳам, вале дар хусуси ифтихори миллӣ дониши хуб надоранд. Кам нестанд хонандагоне, ки ҳатто ба ин мафҳум сарфаҳм намераванд. Натиҷаи санҷиш шаҳодат дод, ки зиёда аз 67,4 %-и хонандагон дар хусуси мафҳуми ифтихори миллӣ дониши қаноаткунанда надоранд.

Дар раванди натиҷагирии пурсиш масъалаҳои поёнӣ рӯи кор омаданд:

– дар нақша ва барномаҳои таълимӣ ворид намудани соатҳо роҷеъ ба мавзуи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ;

– бо иштироки адибон, намояндагони қисмҳои ҳарбӣ, кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва дигар ашхоси барӯманди деҳа, шаҳру ноҳия ва ҷумҳурӣ тарҳрезӣ ва корбандӣ намудани дарсҳои намунавию корҳои беруназсинфӣ;

– оид ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ таҳия ва дастрас намудани дастур ва тавсияҳои методӣ;

– дар барномаҳои таълимӣ ба таври мушаххас нишон додани омӯзиши паҳлуҳои гуногуни тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ;

– ҷалб намудани омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (махсусан, омӯзгорони ҷавон) ба курсҳои такмили ихтисос бо мақсади баланд бардоштани савияи дониш ба Филиали ҷумҳуриявии Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб.

Назарсанҷӣ, таҳлил, саволу ҷавобҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот собит намуд, ки вазъи умумии омодагии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вобаста ба таълим ва тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар сатҳи баланд ба роҳ монда нашудааст ва воситаҳои таълими тарбияи фавқ ба таври умумӣ омӯзонида мешавад. Дар натиҷа дониши на ҳамаи хонандагон ҷавобгӯи ҷомеаи кунунӣ ва талаботи методикаи ҷадид аст.

Барои муайян намудани дониши умумии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 4, 22, 23, 49-и ноҳияи Шамсиддин Шоҳин, №№ 8, 21, 22, 60-и ноҳияи Фархор ва №№ 2, 12, 30, 50-и ноҳияи Муъминобод, №№ 4, 10, 21, 28-и ноҳияи Восеъ ва №№ 3, 6, 8, 53-и ш.Кӯлоб санҷишро тавассути саволҳои зер роҳандозӣ намудем:

Саволи 1. Киро ватандӯст гуфтан мумкин аст?

Саволи 2. Ватандӯстиро дар чӣ медонед?

Саволи 3. Ифтихори миллӣ чӣ маъно дорад?

Саволи 4. Рамзҳои давлатӣ кадомҳоянд?

Санҷишҳои бароҳмонда дар синфҳои X1 мувозии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии фавқӣ чунин натиҷа дод:

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №.№ 4, 22, 23, 49-и ноҳияи Шамсиддин Шоҳин - 58,9%, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №.№. 8, 21, 22, 60-и ноҳияи Фархор - 52,3%, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 3, 6, 8, 53-и ш. Кӯлоб - 56,9%, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № № 2,12,30,50-и ноҳияи Муъминобод - 55,4%, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№.

4,10,21,28-и ноҳияи Восеъ - 56,7% ҷавоби қаноаткунанда гардониданду халос.

Омодагии мактаббачагонро вобаста ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ қабл аз назарсанҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар фаъолияти касбӣ мушаххасан муайян намудем.

Дараҷаи 4 - баланд:

– дониши васеъ, асоснок ва ҳаматарафа ташаккулёфтаро вобаста ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ доро мебошад;

– амалан корбаст намудани дониши андӯхташуда дар сатҳи талаботи замони муосир;

– эҷодкорона тарҳрезию корбаст намудани салоҳияти худ дар фаъолияти таълимӣ;

– ба дараҷаи лозимӣ хулосабарорӣ карда метавонад;

– оид ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дониши хуб доштан;

– амалан аз уҳдаи татбиқ намудани дониши худ мебароядф;

– дар мустақилона баён намудани фикр уҳдабаро аст;

– дар таҳлил ва хулосабарорӣ қобилияти хубро дорост.

Дараҷаи 3 - қаноаткунанда:

– вобаста ба мафҳум, мавзуъ ва муҳтавои ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тасаввурот дорад;

– дар корбандӣ намудани ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ то дараҷае ба душворӣ рӯбарӯ мегардад;

– дар ибрози ақида ва фикр чандон муваффақ нест;

– дар хулосабарорӣ бо қатъият фикрашро баён карда наметавонад;

– Дараҷаи 2 - паст:

– дониши нопурра ва қобилияти сусти мустақилона баён намуданро дорад;

– то дараҷае дониши қаноаткунанда дорад;

– ба таври нобоварона баён намудани афкори хеш;

– нисбат ба ибрози ақоиди хеш чандон боварии қатъӣ надорад;

Дарачаи 1 - сифр:

– бобати ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ маълумот надоштан;

– марбут ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ хеле дониши суст доштан;

– аз уҳдаи иҷрои мустақилонаи супоришҳо набаромадан;

– дониши қаноаткунандаро соҳиб набудан.

**Ҷадвали 3. Омодагии хонандагон вобаста ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ қабл аз назарсанҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**

| | | |
|---|---|---|
| | Дараҷаи омодагӣ | Нишондиҳандаҳои тайёрӣ:<br>– азбар карда тавонистани маводҳои таълимӣ;<br>– сарфаҳм рафтан ва дарки мақсади асосии мавзуъ;<br>– ба мазмун, мундариҷа ва муҳтавои асосии мавзуъ сарфаҳм рафтан;<br>– ташаккули ҷаҳони ақлонию маънавӣ, дониш ва малака бобати ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ;<br>– муносибати мусбӣ доштан марбут ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ҷараёни таълими мавзуъҳо. |
| | Дараҷаи якум сифрӣ | –бобати ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ надоштани дониши казоӣ;<br>–мустақилона аз уҳдаи иҷрои супоришҳо набаромадан;<br>--бурро ва бехато баён карда натавонистани мундариҷаи мавзуъ;<br>--рағбати кам зоҳир намудан мавриди аз бар кардани маводҳои таълимӣ.<br>–қобилияти мустақилона амал карданро надорад;<br>- барои ифодаи фикр ва баёни мазмун ва мундариҷаи мавзуъ дониши андӯхтааш қаноаткунанда нест;<br>–мавриди баёни мазмун ва мундариҷаи мавзуъ яклухтӣ ва алоқаи афкор риоя карда намешавад. |
| | Дараҷаи дуюм-заиф | - дар хусуси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дониши хеле суст дорад;<br>– аз уҳдаи дар амал татбиқ кардани донишаш ба пуррагӣ намебароянд;<br>- дар баёни мавзуъ ба хатогиҳо роҳ медиҳад ва ибрози афкору ақидааш суст аст;<br>– хулосабарориаш заиф ва умумӣ мебошад;<br>- марбут ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дониши суст дорад. |

| | | |
|---|---|---|
| | Дарача и сеюм-қаноат-кунанда | - дар хусуси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дониши қаноатбахш дорад;<br>– аз уҳдаи дар амал татбиқ кардани донишаш сустӣ дорад;<br>- дар баёни мазмун ва мундариҷаи мавзуъ қобилияти паст дорад;<br>- хулосабарории хуб карда наметавонад, баёнаш берабт аст. |
| | Дарача и чорум-баланд | – донишандӯзӣ, услуб ва забони баён, маҳорат ва малакаи андӯхтааш ба талабот ҷавобгӯ аст;<br>- фаъолияти таълимӣ ва тарбиявии худро мустақилона корбандӣ карда метавонад;<br>– ифодаи хуби баёни фикр, нутқи бурроюу фасеҳ ва равшану муассир дорад;<br>– фаъолияти хуби таҳлил, хулосабарории мушаххас ва дониши ҷавобгӯ ба талаботро соҳиб аст. |

Ба ақидаи мо, ба роҳ мондани таълими ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар муассисаҳои таълимӣ аз аҳамият холӣ нест. Ҳамчунин, соатҳои таълимии ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро дар алоқамандӣ бо худшиносию худогоҳии миллӣ, сулҳу ваҳдат, амнияти миллӣ ва миллатҳои бурунмарзӣ, эҳтиром ба бузургон-шоиру нависандагон, муборизони роҳи сулҳу озодӣ ва истиқлолияти миллӣ, қаҳрамонони миллат-чи гузаштаву чи муосир ва бузургдошти миллати хеш ва миллату халқияти кишварҳои хориҷ, таърихи қадиму муосир ва расму оини аҷдодӣ, нафрат доштану оштинопазир будан ба ифрот ва ифротгароӣ, буздилию тарсӯӣ, хиёнату хиёнаткорӣ, дасисабозӣ, дуруғгӯӣ, фитнаангезӣ, буғзу кинапарварӣ, ҳасудӣ ва монанд ба инҳо омӯзонидан ба мақсад мувофиқ аст.

Аз диди мо, дар амалия ба роҳ мондани ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ истифода аз роҳу шаклҳо ва воситаву усулҳои фаъол ва техникаву технологияи навин ба мақсад мувофиқу қулай мебошад. Бо мақсади дар сатҳи баланд ва дар асоси талаботи давр гузаронидани тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарҳрезӣ ва корбандии конференсияҳои муассисавӣ ва байнимуассисавӣ, озмунҳо байни синфҳои мувозӣ ва муассисавӣ, дар мавзуи фавқ гузаронидани иншо ва саволу ҷавобҳои

озмунӣ, ташкил намудани вохӯриҳо бо пирони таҷрибаи рӯзгордида, кормандони ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти давлатӣ, дорои аҳамияти калони таълимию тарбиявӣ мебошад.

Барои муайян кардани сатҳи дониш ва маҳорату малакаи назариявӣ пурсишҳои тестӣ (санҷишӣ) омода намудем: дараҷаи 1 (сифрӣ), дараҷаи 2 (суст), дараҷаи 3 (кифоя), дараҷаи 4 (баланд). Тест аз рӯи 5 савол дар давоми 25 дақиқа анҷом пазируфт ва чор вазифаро дар бар мегирифт. Ба ҷавобҳои дуруст гузоштани 1 балл муайян гардида буд. Дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ дониши назариявии хонандагонро то оғози пурсишҳои тестӣ ва баъд аз гузаронидани он дар шакли қиёс ҷамъбасту муайян кардем. Бо мақсади он ки хонандагон тафовути мафҳуми ватандӯстиро аз мафҳуми ифтихори миллӣ то кадом андоза дарк менамоянд, пурсишро дар алоҳидагӣ ба роҳ мондем.

Дараҷаи дониши назариявии хонандагонро дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ пеш аз озмоиш ва пас аз он дар шакли қиёс назарсанҷию ҷамъбаст намудем. (Ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Дараҷаи дониши назариявии хонандагон дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ пеш аз озмоиш ва пас аз он**

| **Дараҷа** | **Шумораи хонандагон (%)** | |
|---|---|---|
| | **Гурӯҳи озмоишӣ** | **Гурӯҳи назоратӣ** |
| **Дараҷаи 4 – баланд** | 0 | 0 |
| **Дараҷаи 3 – кифоя** | 16,5 | 34,3 |
| **Дараҷаи 2– суст** | 63 | 32,3 |
| **Дараҷаи 1 – сифрӣ** | 20,5 | 33,4 |

**Расми 3. Нишондиҳандаи дониши назариявии хонандагон марбут ба дарки ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ то гузаронидани озмоиш**




**Ҷадвали 4. Нишондиҳандаи дониши назариявии хонандагон марбут ба дарки ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ баъди гузаронидани озмоиш**

| Дарача | Шумораи хонандагон (%) | |
|---|---|---|
| | Гурӯҳи озмоишӣ | Гурӯҳи назоратӣ |
| Дарачаи 4 – баланд | 52,7 | 44,4 |
| Дарачаи 3 – кифоя | 47,3 | 31,2 |
| Дарачаи 2– суст | 0 | 24,4 |
| Дарачаи 1 – сифрӣ | 0 | 0 |

**Расми 4. Нишондиҳандаи дониши назариявии хонандагон марбут ба дарки ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ баъди гузаронидани озмоиш**



Дар байни хонандагон то гузаронидани санҷиши дараҷаҳо дараҷаи 4 (баланд) дида намешуд. Пас аз корбандӣ намудани машғулият ва тибқи дастовардҳои пурсиш ба хулосае омадем, ки дар гурӯҳи озмоишӣ (дараҷаи чорум) дарку азхудкунии ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ то ба 55,4 % ва дар гурӯҳи назоратӣ ба 30,9 % боло рафтааст, ки 23,9 % кам мебошад; дар дараҷаи 3-юм нишондиҳандаҳо чунин аст: 17,2 % дар гурӯҳи озмоишӣ ва 33,4 % дар гурӯҳи назоратӣ. Баъд аз гузаронидани машғулият равшан гардид, ки натиҷаҳо дар дараҷаи сеюм ба 50,8 % ва дар гурӯҳи озмоишӣ ба 42,9 % расидааст. Азхудкунӣ дар гурӯҳи озмоишӣ 34,6 % ва дар гурӯҳи назоратӣ 6,9 % зиёд шудааст. То роҳандозӣ намудани машварати махсус барои омӯзгорон «Усулҳои дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагон» дараҷаи 3 дарккунӣ дар гурӯҳи озмоишӣ 62,7 % ва дар гурӯҳи назоратӣ 32,2 % мушоҳида гардид.

Пас аз таҷриба, бурриши назоратӣ нишон дод, ки дар гурӯҳи озмоишӣ тағйирот дида намешавад, дар гурӯҳи назоратӣ то 15,7 % кам шудааст. Дар асоси натиҷаҳои назарсанҷӣ маълум гардид, ки пас аз гузаронидани машғулият дар гурӯҳи озмоишӣ теъдоди хонандагони дараҷаи 2 ба 20,6 % ва дар гурӯҳи назоратӣ 34,9 % кам шудааст. Бурриш нишон дод, ки дараҷаи 3-юми азхудкунӣ дар гурӯҳи озмоишӣ тағйир наёфта, дар гурӯҳи назоратӣ то 15,7 % кам шуд.

Тибқи натиҷаҳои санҷиши гузаронидашуда равшан гардид, ки дар гурӯҳи озмоишӣ шумораи хонандагони дорои дараҷаи 2 донишу малакаи он ба 61,9 % ва дар гурӯҳи назоратӣ 15,7 % кам шуд, дараҷаи 1 сатҳи азхудкунӣ (сифрӣ) пеш аз гузаронидани корҳои санҷишӣ дар гурӯҳи озмоишӣ ба 20,2 % ва дар гурӯҳи назоратӣ ба 35,1 % баробар буд. Натиҷаи санҷиш ва таҳлилҳо ошкор кард, ки дар дараҷаи 1 сатҳи дониш ва малака дар ҳарду гурӯҳҳо вуҷуд надорад. Аз ин боис, мо ба хулосаи мушаххас омада метавонем гӯем, ки дар дараҷаи 1 азхудкунӣ дар гурӯҳи озмоишӣ 20,6 % ва дар гурӯҳи назоратӣ 34,9 % кам шудааст.

Тибқи нишондиҳандаҳои поёнӣ аз худ намудани дониш, маҳорат ва малака марбути ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон баҳогузорӣ гардид:

–таҳқиқгузаронии бастаи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ иҷро шудааст;

–корбандӣ намудани васоиту методҳои мувофиқ ва технологияи навини муосир бо мақсади корбаст намудани машғулиятҳо бастаи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ;

–дар алоқамандӣ бо ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ аз уҳдаи навиштани супоришҳои хаттӣ: иншою нақлҳои хаттӣ, иншо аз рӯи расму манзараҳои табиат мустақилона баромадан;

–вобаста ба натиҷаҳои санҷиш баҳогузорӣ аз рӯи дониш, маҳорат ва малакаю қобилият ва дараҷаи дарку ҷаҳонбинии онҳо дар раванди машғулиятҳо марбут ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ баҳогузорӣ шуда буд, хотима ёфт;

Вобаста ба нишондиҳандаҳо дар рафти назарсанҷӣ, ки хонандагон дар ҷараёни машғулиятҳо аз худ намуда буданд ва дар кадом сатҳ боло гирифтани дониш, маҳорат ва малакаи онҳо дар хусуси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ аз рӯи ҷадвали низоми панҷбалӣ назарсанҷӣ ва ҷамъбаст гардид. Дар маҷмуъ баллҳо то 20 баҳогузорӣ ва ҳар балли гузошташуда бо ҳисоби % ба 5 баробар дониста шуда буд. Бо мақсади муайян намудани ҳисоби миёнаи азбаршавии дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон бастаи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар шаш машғулияти беруназсинфию маҳфилҳои фаннӣ 6 воҳидро фарогир буд. Омодагии хонандагонро барои иҷрои машғулиятҳо, ки тибқи ташкил ва гузаронидани корҳои беруназсинфӣ ва маҳфилҳои фаннӣ тарҳрезию корбандӣ гардида буд, тариқи зерин таҳия кардем:

Дараҷаи 1 - аз 0 то 25 % ;

Дараҷаи 2 - аз 25 %то 50 %;

Дараҷаи 3 – аз 50 %то 75 %;

Дараҷаи 4 - аз 75 % то 100 %.

**Ҷадвали 5. Натиҷаҳои санҷиши дараҷаи дониш, маҳорат ва малакаҳои хонандагони синфҳои У1 «а», «б»-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 22-и ноҳияи Шамсиддин Шоҳин то гузаронидани озмоиш аз фанни Адабиёти тоҷик**

| Дараҷа | Шумораи хонандагон (%) | |
|---|---|---|
| | Гурӯҳи озмоишӣ | Гурӯҳи назоратӣ |
| Дараҷаи 4 – баланд | 0 | 0 |
| Дараҷаи 3 – кифоя | 9,2 | 13,8 |
| Дараҷаи 2– суст | 46,9 | 22,1 |
| Дараҷаи 1 – сифрӣ | 43,9 | 64,1 |

**Расми 5. Нишондиҳандаи дониши назариявии хонандагон марбут ба дарки ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ то гузаронидани таҷриба**




**Ҷадвали 6. Нишондиҳандаи дониши назариявии хонандагон марбут ба дарки ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ баъди гузаронидани таҷриба**

| Дараҷа | Шумораи хонандагон (%) | |
|---|---|---|
| | Гурӯҳи таҷрибавӣ | Гурӯҳи назоратӣ |
| Дараҷаи 4– баланд | 51,2 | 33,4 |
| Дараҷаи 3– кифоя | 48,1 | 42,3 |
| Дараҷаи 2– суст | 1,6 | 23,1 |
| Дараҷаи 1– сифрӣ | 0 | 1,2 |

**Расми 6. Нишондиҳандаи дониши назариявии хонандагон марбут ба дарки ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ баъди гузаронидани таҷриба**




**Ҷадвали 7. Натиҷаҳои санҷиши дараҷаи дониш, маҳорат ва малакаҳои хонандагони синфҳои У1«а»,«б»-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №53-и ш.Кӯлоб то гузаронидани озмоиш аз фанни Адабиёти тоҷик**

| Дараҷа | Шумораи хонандагон (%) | |
|---|---|---|
| | Гурӯҳи таҷрибавӣ | Гурӯҳи назоратӣ |
| Дараҷаи 4 – баланд | 0 | 0 |
| Дараҷаи 3 – кифоя | 44,1 | 39,6 |
| Дараҷаи 2– суст | 25,6 | 28,5 |
| Дараҷаи 1 – сифрӣ | 31.2 | 27, 4 |

**Расми 7. Нишондиҳандаи дониши назариявии хонандагон оид ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ то гузаронидани озмоиш**




**Ҷадвали 8. Нишондиҳандаи дониши назариявии хонандагон оид ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ баъд аз гузаронидани озмоиш**

| Дараҷа | Шумораи хонандагон (%) |
|---|---|

| | Гурӯҳи озмоишӣ | Гурӯҳи назоратӣ |
|---|---|---|
| Дарачаи 4 – баланд | 50,3 | 45,4 |
| Дарачаи 3 – кифоя | 38,2 | 34,6 |
| Дарачаи 2– суст | 11,5 | 15,1 |
| Дарачаи 1 – сифрӣ | 0 | 4,9 |

**Расми 8. Нишондиҳандаи назариявии хонандагон бастаи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ баъд аз гузаронидани озмоиш**




**Чадвали 9. Натичаҳои санчиши дарачаи дониш, маҳорат ва малакаҳои хонандагони синфҳои V1«а»,«б»-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №25-и ноҳияи Фархор ба номи Саидкул Турдиев то гузаронидани озмоиш аз фанни Адабиёти точик**

| Дарача | Шумораи хонандагон (%) | |
|---|---|---|
| | Гурӯҳи озмоишӣ | Гурӯҳи назоратӣ |
| Дарачаи 4 – баланд | 0 | 0 |
| Дарачаи 3 – кифоя | 43,2 | 44,6 |
| Дарачаи 2– суст | 25,6 | 28,5 |
| Дарачаи 1 – сифрӣ | 31.2 | 26,9 |

**Расми 9. Нишондиҳандаи дониши назариявии хонандагон оид ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ то гузаронидани тачриба**




**Ҷадвали 10. Нишондиҳандаи дониши назариявии хонандагон оид ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ баъд аз гузаронидани озмоиш**

| Дарача | Шумораи хонандагон (%) | |
|---|---|---|
| | Гурӯҳи таҷрибавӣ | Гурӯҳи назоратӣ |
| Дараҷаи 4 – баланд | 50,3 | 45,4 |
| Дараҷаи 3 – кифоя | 38,2 | 34,6 |
| Дараҷаи 2– суст | 11,5 | 15,1 |
| Дараҷаи 1 – сифрӣ | 0 | 4,9 |

**Расми 10. Нишондиҳандаи дониши назариявии хонандагон оид ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ баъд аз гузаронидани озмоиш**




Тавассути ҳисоби математикии санҷиш имконият фароҳам омад, ки дараҷаи азбаркунӣ, болоравии дониш, маҳорат ва ташаккули ҷаҳонбинии зеҳнию тафаккури хонандагон вобаста ба ватандӯстӣ ва

ифтихори миллӣ мушаххас карда шавад. Чунин роҳандозӣ эҳтимолияти муқоисаи дараҷаҳои алоҳидаи гурӯҳҳои санҷишӣ ва назоратиро, ки дар ҷадвали поёнӣ зикр гардидааст, ба даст овард

**Ҷадвали 11. Дараҷаи азбаркунӣ, болоравии дониш, маҳорат ва ташаккули ҷаҳонбинии зеҳнию тафаккури хонандагон вобаста ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ**

| Дараҷа | Шумораи хонандагон (%) | |
|---|---|---|
| | Гурӯҳи озмоишӣ | Гурӯҳи назоратӣ |
| Дараҷаи 4 – баланд | 0 | 34,4 |
| Дараҷаи 3 – кифоя | 0 | 0 |
| Дараҷаи 2 – суст | 36,7 | 18,5 |
| Дараҷаи 1 – сифрӣ | 63,3 | 81,5 |

**Расми 11. Натиҷаи ташаккули дониш ва малакаи хонандагон оид ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ омода намудани онҳо то гузаронидани озмоиш**




**Ҷадвали 12. Натиҷаи ташаккули дониш ва малакаи хонандагон оид ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ баъди гузаронидани озмоиш**

| Дараҷа | Миқдори хонандагон (%) | |
|---|---|---|
| | Гурӯҳи таҷрибавӣ | Гурӯҳи назоратӣ |
| Дараҷаи 5– баланд | 16,7 | 0 |
| Дараҷаи 4 – кифоя | 46,8 | 41,9 |
| Дараҷаи 3 – суст | 36,5 | 58,1 |
| Дараҷаи 1 -- сифрӣ | 0 | 0 |

**Расми 12. Натиҷаи ташаккули дониш ва малакаи хонандагон оид ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ баъди гузаронидани озмоиш**




Аз нишондоди ҷадвали фавқ маълум мегардад, ки то бароҳмонии таҷриба дараҷаи чорум ва сеюми дониш оид ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ (хосатан бастаи ифтихори миллӣ) дар ҳарду гурӯҳҳо дида намешуд. Чунин вазъият дар гурӯҳҳои дигари озмоишию назоратии муассисаҳои таълимӣ низ дида мешуд. Баъди гузаштани ду соат дарси иловагӣ дар шакли мусоҳиба дар синфҳои У1 мувозии муассисаҳои таълимии ба нақшагирифта, ки он аз тарафи дотсент Бозоров Хушвахт корбандӣ гардид, вазъияти хонандагон хеле тағйир ёфт ва дараҷаи дарку фаҳмиш онҳо бобати ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ то дараҷаи қаноаткунандагӣ боло гирифт: дараҷаи болоравии дониш дар дараҷаи чаҳоруми гурӯҳи озмоишӣ ба 17,7 % дар қиёс бо гурӯҳи назоратӣ, ки дараҷаи дониш ва маҳорату дарки масъалаи мазкур ба 0 (сифр) баробар буд, боло рафт; сатҳи дониши дараҷаи сеюм дар таносуб ба 51,9 % ва 44,9 %; дараҷаи дуюм дар гурӯҳи озмоишӣ то гузаронидани дарс-мусоҳиба ба 36,4 % ва баръакс дар гурӯҳи назоратӣ ба 14,3 %, ки баъди гузаронидани ду соат дарс дар шакли мусоҳиба дар гурӯҳои озмоишӣ ва назоратӣ ба 36,9 % ва 58,1 % хонандагон сатҳи дониш ва маҳорату малакаи худро тақвият доданд. Дар дараҷаи якум то гузаронидани дарс-мусоҳиба 72,4 % ва баъд аз бархурдории дарси мазкур тайёрӣ ва сатҳи дониши онҳо 89,3 % боло рафт. Санҷиши

назоратӣ собит намуд, ки дараҷаи омодагии хонандагон вобаста ба ватандӯстӣ дар гурӯҳҳои озоишӣ ва назоратӣ чандон хуб нест.

**Ҷадвали 13. Натиҷаи омодагӣ, ташаккули дониш ва малакаи хонандагон оид ба ватандӯстӣ то озмоиш**

| Дарача | Шумораи хонандагон (%) | |
|---|---|---|
| | Гурӯҳи озмоишӣ | Гурӯҳи назоратӣ |
| Дараҷаи 4 – баланд | 25,1 | 20,2 |
| Дарачаи 3 – кифоя | 30,2 | 25,4 |
| Дараҷаи 2– суст | 32,3 | 38,1 |
| Дарачаи 1 – сифрӣ | 12,4 | 16,3 |

**Расми 13. Натиҷаи омодагӣ, ташаккули дониш ва малакаи хонандагон оид ба ватандӯстӣ то озмоиш**




**Ҷадвали 14. Натиҷаи омодагӣ, ташаккули дониш ва малакаи хонандагон оид ба ватандӯстӣ баъди озмоиш**

| Дарача | Шумораи хонандагон (%) | |
|---|---|---|
| | Гурӯҳи озмоишӣ | Гурӯҳи назоратӣ |
| Дарачаи 4 – баланд | 51,6 | 43.5 |
| Дарачаи 3 – кифоя | 48,4 | 42,1 |
| Дарачаи 2 – суст | 0 | 14,4 |
| Дарачаи 1 – сифрӣ | 0 | 0 |

**Расми 14. Натиҷаи омодагӣ, ташаккули дониш ва ва малакаи хонандагон оид ба ифтихори миллӣ то озмоиш**




**Ҷадвали 15. Натиҷаи омодагӣ, ташаккули дониш ва малакаи хонандагон оид ба ифтихори миллӣ то озмоиш**

| Дараҷа | Шумораи хонандагон (%) | |
|---|---|---|
| | Гурӯҳи озмоишӣ | Гурӯҳи назоратӣ |
| Дараҷаи 4 – баланд | 0 | 0 |
| Дараҷаи 3 – кифоя | 0 | 0 |
| Дараҷаи 2 – суст | 74,8 | 76,1 |
| Дараҷаи 1 – сифрӣ | 25,2 | 23,9 |

**Расми 15. Натиҷаи омодагӣ, ташаккули дониш ва малакаи хонандагон оид ба ифтихори миллӣ то озмоиш**



**Ҷадвали 16. Натиҷаи омодагӣ, ташаккули дониш ва малакаи хонандагон оид ба ифтихори миллӣ баъди озмоиш**

| Дараҷа | Шумораи хонандагон (%) | |
|---|---|---|
| | Гурӯҳи озоишӣ | Гурӯҳи назоратӣ |
| Дараҷаи 4 – баланд | 50,6 | 44.5 |
| Дараҷаи 3 – кифоя | 49,4 | 45 |
| Дараҷаи 2– суст | 0 | 8,1 |
| Дараҷаи 1 – сифрӣ | 0 | 2.4 |

**Расми 16. Натиҷаи омодагӣ, ташаккули дониш ва малакаи хонандагон оид ба ифтихори миллӣ баъди озмоиш**




Ҷадвали мазкур шаҳодати он аст, ки дараҷаи дониши хонандагон вобаста ба ташаккули тарбияи ватандӯстию ифтихори миллӣ (махсусан оид ба ифтихори миллӣ) то корбандӣ намудани озмоиш дар сатҳи чорум ва сеюми натиҷаи дониш дар ҳарду гурӯҳ (озмоишию назоратӣ) назарнорас буд.

## Хулосаи боби дуюм

Мо намунаи амсилаи омодасозии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро бо мақсади дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия намудан ва ҳамзамон ба роҳ мондани санҷиши натиҷагирии дониш, малака ва маҳорату ташаккули ҷаҳони маънавии онҳоро (дар асоси барномаи таълимӣ ва стандартҳо) тарҳрезию корбандӣ намуда, омодасозии хонандагони муассисаҳои таълимиро марбут ба ватандӯстию ифтихори миллӣ ба нақша оид ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ байни хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва роҳҳои самараноку ислоҳу аз байн бурдани душвориҳо дар таълимӣ ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ таҳлили худро ёфтааст ва чунин вазъият имкон фароҳам овард, ки вобаста ба натиҷаи омӯзиш хулосаҳои зер ба даст оварда шаванд:

– барои таҳияи муқарраროти илмӣ дар фаъолияти тарбиявии хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ муҳим буд: баланд бардоштани натиҷаи таҳқиқи мушаххас марбут ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар раванди омӯзиш, ба роҳ мондани тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ, ҳамчунин, равшан сохтани мазмун, мундариҷа ва моҳияти тарбиявии омӯзиш ҳамчун фаъолияти педагогӣ, омилҳо ва бартараф намудани мушкилоти омӯзиш оид ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар фаъолияти таълимии хонандагони муассисаҳои таълимӣ;

– бо мақсади самаранок тарҳрезию корбандӣ намудани мавзуъҳои таълимӣ ва машғулиятҳои беруназдинфию берунамактабӣ ва маҳфилҳои адабӣ марбут ба таълими эҷодиёти адибони тоҷик зарур маҳсуб меёфт: таҳияи мақсад ва вазифаҳои фаъолияти тарбиявии хонандагон вобаста ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ, таъмин намудани эҳтиёҷоти хонандагон нисбат ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ марбут ба эҷодиёти адибони тоҷик, муайян ва корбандӣ намудани роҳ ва усулҳои ҳавасмандгардонии хонандагон тавассути

истифодаи роҳу усулҳои гуногуни таълимӣ бо мақсади рафъи мушкилот дар таълим;

– мувофиқ ба мақсад ва мундариҷаи корҳои таълимӣ-тарбиявӣ, хосатан, тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар эҷодиёти адибони тоҷик ташкил намудани ҳолати мувофиқ дар ҷараёни омӯзиш, инчунин, муайян намудани моҳият, мақсад, мундариҷа ва мушкилоти таълим.

Дар раванди озмоиш тартиби кор бо матнҳои мазмун ва хусусияти ватандӯстӣ ва ифтихори миллидошта таҳия гардид, ки аз чаҳор марҳилаи асосӣ иборат буд ва ҷузъҳои асосии таҳқиқот маҳсуб ёфта, ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ нигаронида шуда буданд.

Аслан, марҳилаҳои асосӣ инҳо маҳсуб меёфтанд:

– аз худ кардани мундариҷаи мавзуъҳо оид ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ;

– бошуурона дарк кардани муҳтавои асосии мавзуъҳои таълимӣ-барномавӣ;

– муайян кардани тафовут ва ҳамбастагии байни вожаҳои ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ;

– тавассути усулҳои навини таълим ба роҳ мондани омӯзиши мавзуъҳои ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ марбутбуда.

Бо мақсади осон намудани мушкилоти бамиёномада дар раванди иҷрои супоришҳо вобаста ба ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дастуру тавсияҳо пешниҳод карда шуданд.

